**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК**
**БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

ТДУ – 82.09 (575.3)
ТКБ – 83.3 (0) 4
М 26

Бо ҳуқуқи дастнавис

**Мансурӣ Замира Мирзоализода**

# МАҚОМИ ТАЗКИРАИ «МУЗАККИРИ АҲБОБ»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ ДАР ОМӮЗИШИ АДАБИЁТИ МОВАРОУННАҲРИ АСРИ XVI

Рисола
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ
(10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Шарипова Муътабар Заҳибуллоевна

**ХУҶАНД – 2024**

МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисораҳо .................................................... 3**

**МУҚАДДИМА ................................................................ 4**

**БОБИ I. БАРРАСИИ ЗИНДАГОНӢ ВА ОСОРИ ИЛМИВУ АДАБИИ ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ ................................................ 14**

I.1. Баррасии зиндагиномаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (дар асоси сарчашмаҳои куҳан ва таҳқиқоти муосир) ................................................ 14

I.2. Мероси илмиву адабии Нисорӣ ва мақоми ӯ дар рушди адабиёти ҳавзаи адабии Варорӯд ................................................ 29

Хулосаи боби I ................................................ 45

**БОБИ II. САБКИ ТАЪЛИФ ВА АРЗИШИ АДАБИИ «МУЗАККИРИ АҲБОБ»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ ................................................ 48**

II.1. Сохт ва мушаххасоти «Музаккири аҳбоб» ................................................ 48

II.2. Сабки таълифи тазкираи Нисорӣ ................................................ 56

II.3. Арзишҳои адабии «Музаккири аҳбоб» ................................................ 79

II.4. Масъалаҳои шинохти мушаххасоти рӯзгори шуаро дар тазкира ........ 100

Хулосаи боби II ................................................ 117

**БОБИ III. ҶОЙГОҲИ ТАЗКИРАИ «МУЗАККИРИ АҲБОБ»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЗКИРАНИГОРИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ................................................ 119**

III.1. Тазкираҳои асри XVI Мовароуннаҳр ва муаррифии шуарои камшуҳрати тоҷик ................................................ 119

III.2. Манобеи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ........................ 133

III.3. Тадовуми анъанаҳои тазкиранигорӣ ва таъсири Нисорӣ ба ҷараёни мазкур ................................................ 149

Хулосаи боби III ................................................ 162

**ХУЛОСА ................................................ 165**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ** ....................165

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ................................................ 170**

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ........................ 165**84

## Рӯйхати ихтисораҳо:

АМИТ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

КОА Комиссияи олии атестатсионӣ;

МД Муассисаи давлатӣ;

МДТ Муассисаи давлатии таълимӣ;

О.М. Осиёи Марказӣ;

ҶИЭ Ҷумҳурии Исломии Эрон.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тазкира ба ҳайси сарчашмаи дасти аввали адабиёти форсӣ-тоҷикӣ на танҳо дар шинохти шарҳи ҳоли шуаро, миқдори осори онҳо ва ё намунаи ин осор ба шумор меравад, балки дар он вазъи адабии давр ба таври умум, равишҳои боризтарини пешрафти адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ҷараёнҳои адабӣ, робитаҳои шуаро бо ҳамдигар, муносибати аҳли дарбор ва ҳокимияти давр бо шеъру шоирӣ ва илму адабиёт низ таҷассум мешавад. Аз ин рӯ, баррасии «Музаккири аҳбоб»-и Саййид Хоҷа Баҳоуддин Ҳасан Нисории Бухорой (минбаъд Нисорӣ – З.М.), ки тазкираи хусусии асрӣ ва аз назари дурустии маълумот асари бисёр муҳим мебошад, кори саривақтӣ ва ҳовии аҳаммият аст. Бавижа, он дар пажуҳиши ҷараёнҳои адабии Варорӯди асри XVI, ки аз давраҳои пурошӯби иҷтимоиву адабии ҳавзаи адабии Варорӯд аст, ҷойгоҳи сазовор ва аз ин ҷиҳат дорои чанд афзалият аст. Нахуст ин, ки чанде аз шуарои мундариҷ дар асари мазкур дар дигар сарчашмаҳо ба қайд наомадаанд. Дуюм, аз ҷиҳати шакл ва устухонбандӣ ҳам тазкира монанд надорад, зеро дар он муаллиф шоиронро ба ду табақа ҷудо карда, якум табақаи ҳокимони сухангустар ва дуюм шоиронро зикр мекунад. Сеюм, гурӯҳҳову бобҳои шомили шуаро ба дараҷаи шинохта шудани шоирон аз ҷониби муаллиф тақсим шудаанд. Маҳз чунин муносибати Нисорӣ бо шарҳи ҳоли шуаро аслияти маълумоти дар китобаш омадаро нишон дода, зимнан, ба асолати нигоштаи худ гувоҳӣ медиҳад ва далелҳои зиёдеро дар ин бобат ба хонандагону алоқамандон пешкаш менамояд. Ин навъи нигориши тазкираро зимнан пасояндагони Нисорӣ ҳам идома додаанд. Инчунин, диққат ба матолиби марбут ба шарҳи ҳол, осор, навъи осор, даст доштани шоир ба ин ё он навъи шеърӣ, робитаи шоирон бо аҳли дарбору илму фан, пайравии шоирон ба ин ё он тариқати ирфонӣ, вазъи шеъру шоирӣ дар ҳавзаи адабии Бухорову Самарқанд ва ғайра аз ҷумлаи хусусиятҳои умдаи тазкира ба ҳисоб меояд.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Бо вуҷуди он ки дар адабиётшиносӣ роҷеъ ба тазкиранигорӣ таҳқиқоти зиёде, аз қабили асарҳои Аҳмад Гулчини Маонӣ [69], Алиризо Нақавӣ [94], А.Мирзоев [75], Р.Ҳодизода [157], Рабеиён [102], Саид Шафеиюн [133], Маҳмуд Футуҳӣ [124], З.Ғаффорова [49], Р.А. Нуъмонӣ [100], Ҳ.Қаландаров [59], Ш.Муҳаммадиев [147], С.Оқилова [152], Э.Раҷабов [104], А.Раҳимов [105], М.Қурбоналиева [62] ва ғайра ба қалам омадааст, ки ба баъзе хусусияти ин ё он тазкира тааллуқ дорад, аммо ҳанӯз масоили баррасинашуда дар ин самт бисёр аст. Аз он ҷумла, хусусиятҳои асосии таълифу сабки нигошти «Музаккири аҳбоб» ва мақоми он дар таърихи тазкиранигорӣ аз мавзуоти тоза ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии Нисорӣ ҳанӯз аз замони зиндагиаш оғоз шуда буд. Беҳтарин сарчашмаи ин омӯзиш китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ (минбаъд М.Самарқандӣ – З.М.) мебошад [17;18]. Ҳамчунин, тазкираи «Тухфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ [28] ба ин шумор дохил мешавад.

Таҳқиқоти нисбатан ҷомеътар бо нигоштаи устод Саид Нафисӣ дар китоби «Таърихи назму наср дар Эрон ва дар қаламрави форсӣ» [99] ба миён омад ва сипас Аҳмад Гулчини Маонӣ дар китоби «Таърихи тазкираҳои форсӣ» [69], Хайёмпур дар «Фарҳанги суханварон» [23]. муаллифони китоби «Асарофаринон» [4] доир ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ карда буданд. Аммо тамоми ин нигоштаҳо дорои хусусиятҳои энсиклопедӣ буда, ҳамаи гӯшаҳои зиндагӣ ва осори Нисориро равшан намекарданд. Ин аст, ки Наҷиб Моили Ҳиравӣ дар «Муқаддимаи мусаҳҳеҳ»-и нашри «Музаккири аҳбоб»-и Баҳоуддин Ҳасанхоҷаи Нисорӣ, ки худ анҷом додааст [127, 15-49], масъаларо бисёр муъҷаз, вале дақиқ ба баррасӣ мекашад. Аммо бештари маълумоти ӯ ҳам шомили шарҳи ҳоли бобоён ва падари Нисорӣ мебошад ва доираи фарогирии шарҳи ҳолу номгӯи осори Нисорӣ аз пешиниён зиёд нест [ниг.: 126, 15-26]. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти Ҳиравӣ дар мавриди «Музаккири аҳбоб» қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба тазкираи мазкур баҳои ҳаққонӣ додааст. Тамоми арзишдоварии муҳаққиқи мазкур дар

гирди панҷ навъи арзиши тазкира мегардад, ки инҳо арзиши сиёсӣ (дар шинохти сулолаи Шайбониён), арзиши адабӣ, арзиши ирфонӣ, арзиши мардумшиносӣ ва шинохти адабиёти ӯзбекӣ мебошанд [ниг.: 127, 29-37].

Кори нисоришиносӣ ва муаррифии тазкираи ӯ бо рӯйи кор омадани нашри аввалини он дигаргунатар шуд. Ин нашр ба эҳтимоми Муҳаммади Фазлуллоҳ соли 1969 дар Деҳлӣ (чопхонаи Ҳайдарӣ) сурат гирифта [10], бо сарсухани он, ки ба қалами мусаҳҳеҳ тааллуқ дораду як навиштаи фарогир аст, оғоз шуд [122, 4-98]. Масъалаҳои бо тахаллуси ***Нисорӣ*** шеър гуфтани якчанд шоир [122, 8-10], нусхашиносии «Музаккири аҳбоб» [122, 85-94], хусусиятҳои тазкира [122, 50-62], робитаи Нисорӣ бо амирону ҳокимон [122, 11-42] ва ғайра бори аввал бо нигоштаи ҳамин олим баррасӣ гардид.

Дар адабиётшиносии даврони шӯравии тоҷик ва умуман давлатҳои пасошӯравӣ бошад, таваҷҷуҳ ба ин масъала ҳанӯз солҳои 40-уми асри гузашта ба миён омад. А. Болдирев бо мақолаи «Тазкираи Нисорӣ чун сарчашмаи ҷадид дар омӯзиши ҳаёти фарҳангии Осиёи Марказӣ дар асри XVI» (ба забони русӣ) [141, 291-300] баҳси мазкурро оғоз намуда, сипас он дар навиштаҳои Камол Айнӣ «Тазкираи Ҳасани Нисорӣ ва нусхаҳои он» [33, 37-42], В.А. Ахмедов «Тазкираи Нисорӣ чун сарчашмаи омӯзиши таърихи Осиёи Марказӣ» (ба забони русӣ) [137, 36-44], Б.Норик «Зиндагӣ ва осори муаррихони адабии мовароуннаҳрии асрҳои XVI-XVII Ҳасани Нисорӣ ва Мутрибии Самарқандӣ» (ба забони русӣ) [151, 183-216] ва дигарон идома пайдо намуд. Сипас, солҳои 70-ум бо рӯйи кор омадани як силсила мақолаҳои У.Назиров дар шинохти ин асар дигаргуниҳои ҷиддӣ роҳандозӣ шуд. Ин ҷо метавонем аз мақолаҳои «Нисорӣ ва тазкираи ӯ «Музаккир-ул-аҳбоб» [90, 27-33], «Аҳаммияти тазкираи Мутрибӣ барои омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Нисорӣ» [87, 200-232], «Ҳасани Нисорӣ ва аҳаммияти тазкираи ӯ» [93, 149-161], «Тазкираи Нисорӣ» [92, 127-132] ва «Нисорӣ ҳамчун шоир» [91, 39-42] алоҳида ёд кунем.

Бояд зикр шавад, ки У.Каримов дар китоби «Адабиёти тоҷик дар асри XVI» дар қисмати муаррифии маъхазҳои адабиёти ин давра дар қатори

«Маҷолис-ун-нафоис», «Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Ҳабиб-ус-сияр», «Бобурнома» ва «Туҳфаи Сомӣ», «Музаккири аҳбоб»-ро низ оварда, муфассалан аҳаммияти онро нишон медиҳад [57, 77-84]. Ин матлаб дар китоби гурӯҳии дигар, ки низ бахши мазкурро У.Каримов навиштааст, такрор мешавад [128, 9-11]. Инчунин, муҳаққиқоне, чун Бобоҷон Ғафуров [47, 55], Иржи Бечка [140, 334], Аҳмад Гулчини Маонӣ [68, 281], М.Шакурӣ [45, 231], А.Насриддин [96, 324], Садрӣ Саъдиев [117, 162-164], Ғолиб Ғоибов [52, 248], Қ.Б. Бӯриев [46, 6, 34, 59, 218], Д.Ғафуров [48, 22, 23, 30], Анвар Қандаҳоров [60, 41, 42, 43 ва ғайра], муаллифони «Таърихи адабиёти ӯзбек» [129, 117] ва дигарон аз маълумоти тазкираи мазкур баҳра бурдаанд ва ё танҳо ба ҳайси сарчашма ин китобро номбар кардаанд.

Тарҷумони ӯзбекии асари мавриди назар – И.Бекҷонов низ дар сарсухани китоб дар бораи Нисорӣ ва тазкираи ӯ маълумоти мухтасар додааст [42, 3-6]. Инчунин, дар рисолаи М.Қурбоналиева, ки ба баррасии хусусиятҳои тазкираи М.Самарқандӣ ихтисос дорад, дар бахши муқоисаи он бо тазкираи Нисорӣ дар бораи зиндагонӣ ва асарҳои ӯ маълумот дода шудааст [62, 123-127]. Аммо рисолаи алоҳида дар бораи хусусиятҳои китоби «Музаккири аҳбоб» ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта аз тарафи пажуҳишгари тоҷик У.Назиров [Усмон Назири Оташ] навишта шуда буд [ниг.: 148]. Дар он дар бораи муҳити адабии Нисорӣ [148, 17-26], зиндагӣ [148, 26-35], осор [148, 35-37], муҳтавои тазкираи «Музаккири аҳбоб» [148, 55-86], соли таълиф ва нигориши тазкира [148, 86-95] ва амсоли ин маълумоти пурқимат омадааст. Нуктаи муҳим он ки дар таҳқиқоти У.Назиров бори аввал назароти Нисорӣ дар мавриди шеъру шоирӣ [148, 91-103], инъикоси адабиёти туркизабон [148, 126-133] ва мақоми тазкира дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ[148, 142-149] баҳс меравад. Ҳамчунин, як нуктаи муҳимми дигар он ки шарқшинос Б.В. Норик дар қисмате, ки роҷеъ ба зиндагӣ, осор ва мақоми Нисорӣ дар рисолааш баҳс мекунад, комилан зери таъсири нигоштаҳои У.Назиров монда ва ё ин ки баъзе факту далелҳоро

пурра бардоштааст [ниг.: 150]. Аммо кори асосии ӯ муайян кардани арзиши таърихии китоби Нисорӣ мебошад, ки аз самти таҳқиқи мо фарқ дорад.

Бешубҳа, кори У.Назиров дар ҷомеияти муаррифии зиндагӣ, асарҳои илмиву бадеӣ, тазкираи «Музаккири аҳбоб» ва хусусиятҳои он аз аҳаммияти калон бархурдор аст, аммо рисола шомили манзараи шинохти куллии сохтории асар, таъсирпазирӣ дар тадвини сохтор, шомили кадом дастаи тазкираҳо будани «Музаккири аҳбоб», арзиши адабии асар дар муаррифии суханварони ҳавзаи адаби Варорӯд ва амсоли ин нест. Гузашта аз ин, масъалаҳои соли таълифи асар, муносибати тазкиранигор дар мавриди шинохти мушаххасоти рӯзгори шоирон, манобеи «Музаккири аҳбоб», таъсири он дар раванди тазкиранигорӣ ва ғайра низ дар рисола ба таври бояду шояд баррасӣ нашудаанд. Аз ин рӯ, зарур шуморидем, то дар мавридҳои мазкур ва бархе масоили дигари адабиётшиносӣ, ки дар тазкираи мазкур баррасии комил нагардидааст, таҳқиқоти алоҳида анҷом диҳем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Масоили таҳқиқи мо бо номи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» бо барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум дар доираи матншиносиву таҳқиқи вежагиҳои осори адабӣ ва равобити фарҳангист, интихоб гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи рисола нишон додани аҳаммияти омӯзиши сохтор, муҳтаво ва аҳаммияти адабии тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар доираи равандҳои адабии Мовароуннаҳри асри XVI. Омӯзиши «Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ байни тазкираҳои дигар, сохту таркиби он, сабку салиқа ва тарзи нигошти тазкира, хусусиятҳои сабти шарҳи ҳоли шуаро дар тазкира ва ба ин восита баҳо додан

ба равандҳои адабӣ, илмӣ ва рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар замони муаллифи асари мавриди таҳқиқ аст.

**Вазифаи таҳқиқот.** Муқаррар кардани ҷойгоҳи тазкираи «Музаккири аҳбоб» дар анъанаи адабии Мовароуннаҳри асри XVI, таҳқиқи таъсири он ба рушди жанри адабӣ дар минтақа ва пайгирии робитаҳои таърихиву адабӣ, ки дар ин асар инъикос ёфтаанд.

Дар меҳвари таҳқиқоти мо масъалаҳои зерин қарор гирифтаанд:

-нақш ва аҳаммияти тазкираи «Музаккири аҳбоб» дар суннати адабии Мовароуннаҳри асри XVI;

-баррасиву таҳлили зиндагинома ва осори илмиву адабии Нисорӣ;

-таҳқиқи сохтору мухтаво ва соли таълифи «Музаккири аҳбоб»;

-баррасии усулҳои таҳқиқи масоили рӯзгоршиносии шуарои камшинохтаи Варорӯд аз тарафи муаллифи тазкира;

-муайян кардани арзиши адабӣ ва илмии «Музаккири аҳбоб» дар раванди тазкиранигорӣ;

-таҳқиқ дар масоили тазкиранигории тоҷикӣ дар О.М. дар асри XVI;

-таҳқиқ ва дақиқ кардани масоили таъсири мутақобилаи тазкираи Нисорӣ бо тазкираҳои пешин ва сонӣ.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсияи мо тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Баҳоуддин Ҳасанхоҷаи Нисорӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Баррасии арзиши адабӣ ва илмии тазкираи «Музаккири аҳбоб» ва дар заминаи маводи он муайян кардани хусусиятҳои ташаккулёбии адабиёти форсӣ-тоҷикии замони Нисорӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Зимни навиштани рисола мо барои тақвият бахшидани назариёт ва андешаҳои худ аз китобу рисолаҳо ва усули тадқиқоти олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ, мисли Аҳмад Гулчини Маонӣ, Саид Нафисӣ, Алиризо Нақавӣ, Тавфиқ Субҳонӣ, Э.Браун, Е.Э.Бертелс, А.Н. Болдирев, А.Мирзоев, З.Аҳрорӣ, Р.Ҳодизода, Х.Шарифов, А.Насриддин, А.Сатторзода, З.Ғаффорова, У.Назиров, М.Шарипова ва дигарон баҳрагирӣ кардем.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Бунёди назарию методологии рисола бар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҷзиявӣ-сохторӣ, таҳқиқи эҳсой-статистикӣ, консепсияи таҳлили забону услуб ва сохтори асар ниҳода шудааст.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар рисола матни нашрҳои илмӣ-интиқодии «Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ (соли 1969 ва 1377ҳ.) ва нусхаи хаттӣ-и тазкираи мазкур, ки дар китобхонаҳои кишварҳои гуногун, ба монанди нусхаи хаттӣ-и № 478-и Музеи Британиё, № 645-и Китобхонаи давлатии Берлин, № 3395 китобхонаи мероси хаттии АМИТ, № 87060-и китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии ҶИЭ ва ғайра истифода шуд. Ҳамчунин, ба матолиби китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ ва «Маҷмаъ-ул-фузало»-и Бақоии Андиҷонӣ такя карда шуд. Махсусан, китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ, ки аз шогирдон ва ҳамнишинони Нисорӣ будааст.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** раванди таълим ва илм дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳфилҳои илмӣ-методии донишгоҳӣ ташкил менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Ҷойгоҳ ва арзиши яке аз тазкираҳои асри XVI – «Музаккири аҳбоб» дар диссертатсия ба таҳқиқ гирифта шуда, дар он атрофи сохтору сабк ва назарҳои муаллифи тазкира ба зиндагӣ ва эҷодиёти шоирон, забони асар, мақоми он дар таърихи тазкиранигорӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории он дар ин раванд баҳс меравад. Пажуҳиши сохторшиносонаи тазкира собит кард, ки, пеш аз ҳама, таъйини масоиле монанди вазъи робитаҳои адабӣ, аҳволи шуарои зуллисонайн, чигунагии шахсияти ҳунариву дараҷаи маърифати шоир ва равишу меъёри баҳогузории Нисорӣ ба нукоти мазкур масоили мубрами адабиётшиносии ифодакунандаи диди хос ва ҷаҳонбинии адабии муаллифи тазкира мебошад. Зимнан бар муаррифии шарҳи шоирони ҳавзаи адаби Варорӯд бештар тамаркуз шудааст. Илова бар

ин, чеҳраи Нисорӣ дар заминаи осори худи ӯ ва таҳқиқоти дар ин поя суратгирифта ба ҳайси як шахсияти адабӣ ва ирфонӣ баррасӣ шуда, аҳаммияти осори гаронмояи адабиву илмӣ ва ирфонии муаллифи номбурда низ таъкид гаштааст. Роҳҳову заминаҳои пайдоиш ва ташаккулёбии тазкираҳои асрии асил пурра нишон дода шуда, мухтасаран ба таърихи нигошт ва усули тазкиранигории тоҷик дар асри XVI ҳавзаи адабии Варорӯд, чанде аз масоили таснифоти тазкираҳо ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, дар мавридҳои муайян маълумоти «Музаккири аҳбоб» бо маълумоти дигар тазкираҳо бо усули қиёсӣ санҷида шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Баррасии таърихи мухтасари таҳаввули тазкиранигории тоҷик дар асри XVI нишон медиҳад, ки ҳавзаи адаби Мовароуннаҳр яке аз конунҳои асосие мебошад, ки фанни мазкур дар ин ҷо рушд кардаву бар худ шаклҳои нав гирифтааст.

2. Саҳми Нисорӣ ҳамчун муаллифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» дар ривоҷу равнақи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ин ҳавзаи адабии соҳибнуфуз зиёд буда, мавсуф аз худ осори адабӣ ва илмии зиёде ба мерос мондааст. Шинохти ҷиҳатҳои гуногуни осори илмӣ ва адабии Нисорӣ масоили анъанаҳои назму насри замон ва майлонҳои адабии онро ошкор месозад.

3. Нишон додани мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и ӯ дар таърихи тазкиранигории форсии тоҷикӣ, ки бар замми он ки дар идомабахшии анъанаҳои тазкиранигорӣ саҳми намоён дорад, бо сохтори вежа аз шумори зиёди тазкираҳои ҳамсони худ фарқ мекунад ва маҳз ҳамин хусусиятро асоси кори Нисорӣ мешиносонад, бунёди диди навро дар тазкирапажуҳӣ ба вуҷуд меорад.

4. Хосиятҳои забонии асарро таҳлили хусусиятҳои сабкии тазкира зоҳир месозад, ки он ба чанд бахш ҷудо мешавад. Ин хусусиятҳо фарогири арабиёт, насри масҷуъ ва маснуъ, санъатҳои мухталифи сухан, корбурди ашъор мебошанд. Инчунин, вежагиҳои хоси тасвир, ки вобаста ба ном,

куния, касб, шуғл ва мақоми шоири мавриди зикр дар тазкира аст, аз ҷумлаи шохисаҳои сабкии китоби таҳқиқшудаистода аст.

5. Арзёбии арзиши адабии асари «Музаккири аҳбоб» нишон медиҳад, ки он на танҳо ҳамчун манбаи аввалдараҷа дар таҳқиқи вазъи адабии Мовароуннаҳр дар замони муаллиф муҳим аст, балки якчанд дигар хусусиятҳои арзишмандро низ дар бар мегирад. Ба монанди таҷассум кардани равандҳои адабӣ, офаридани осори назирӣ, тарғиби адабиёти дутарафа (зуллисонайн), паҳн кардани шеъри маснуъ, таърихнигорӣ ва баррасии ҷудогонаи осори шоирон ва дигар вежагиҳо.

6. Таҳқиқи сарчашмаҳои тазкира маълум кард, ки Нисорӣ дар иншои китоби худ аз ду навъ сарчашма ба кор гирифтааст: нахуст тазкираҳои пешин, ки асоси шаклу мундариҷаи сарчашмаи мазкурро ташкил медиҳад; дувум, таърихномаҳо, китобҳои ҷуғрофиёӣ, диниву монанди ин, ки бевосита дар ягон маврид аз онҳо ва ё аз матолиби онҳо истифода шудааст.

7. Хусусиятҳои таъсиргузории «Музаккири аҳбоб» ҳам бевосита дар шарҳи ҳоли шуаро ба ин ё он китоб камтар сурат гирифта, бештар аз нигоҳи сохторӣ ва бандубаст он дар раванди тазкиранигории варорӯдӣ таъсиргузор аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назарии рисола дар он аст, ки зиндагиномаи Нисорӣ – орифу суханвару тазкиранигори машҳури асри XVI, осори ӯ, арзиши адабии тазкираи «Музаккири аҳбоб», сохтор ва муҳтавои он, қиёси усули таснифу тадвини он бо тазкираҳои пешину баъдӣ ва ба ин восита, муайян кардани мақоми тазкираи мазкур дар таърихи тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ ва саҳми китоб дар таҳаввули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Мовароуннаҳр ба қалам омадааст. Таҳқиқоти мо дар ин самт барои муаррифии «Музаккири аҳбоб» ва муаллифи он аз кӯшишҳои ҷадид ба ҳисоб рафта, дар рисола хусусиятҳои сабкиву сохтории асар, вежагиҳои маълумоторӣ, арзиши илмиву адабии асари мазкур, нақши он дар рушди иншои тазкираҳо ва монанди инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур барои таълифи

китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, назарияи адабиёт, курсҳои махсуси «Сарчашмашиносӣ», хондани дарсҳои назарӣ, машғулиятҳои амалӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ ва дипломӣ муфид аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур (протоколи №5 аз 28.12.2023) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ. (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар гирдоварии маводи таҳқиқ, навиштани мақолаҳо ва маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот зоҳир мегардад. Ҳамчунин, аз муайян кардани мақсад ва вазифаи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, гузориши масъалаҳои меҳварии таҳқиқот, таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва коркарду баррасии маълумоти бадастомада иборат аст. Масъалагузории назариву методологӣ ва хулосаҳои рисола натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб ҳастанд.

**Тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ (2023), минтақавӣ (2021) конференсия ва семинарҳои илмию методии донишгоҳӣ (2021-2022) ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ (аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия) интишор ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 192 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

# БОБИ I. БАРРАСИИ ЗИНДАГОНӢ ВА ОСОРИ ИЛМИВУ АДАБИИ ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ

## I.1. Баррасии зиндагиномаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (дар асоси сарчашмаҳои куҳан ва таҳқиқоти муосир)

Ба таҳқиқи адабиётшиносӣ гирифтани кору пайкор ва осори афроди барҷастаи таърихӣ ва фарҳангии асрҳои гуногуни Мовароуннаҳр, ба хусус пас аз он ки дар асри XVI муносибатҳои ин ҳавзаи бузурги адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ бо дигар ҳавзаҳо қатъ гардиданд ва дур шуданд, ин кори осон набуд. Зеро бо қатъи робитаҳо ва иртиботҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки, асосан, заминаҳои мазҳабӣ доштанд, дар пайкари ягонаи адабу фарҳанг ва дар афкору андешаҳои мардумони ҳамзабон шикаставу ҷудоихоҳӣ ба вуҷуд омад. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки шахсиятҳои барҷастаи Варорӯд то кунун берун аз доираҳои адабии фаъолияткардаашон ба таври боиставу шоиста муаррифиву рӯнамо нашудаанд. Ба назари мо, яке аз чунин шахсиятҳои барҷаста ва маъруф, ки, бидуни шубҳа, нақши меҳварӣ дар таҳаввулоти адабию фарҳангии замони худ дошт, Нисории Бухороӣ мебошад. Ӯ ҳамчун тазкиранавис, шоир, нависанда, ориф ва олими маъруфи даврони худ шинохта шуда, саҳми бузурге дар рушди адабиёт ва фарҳанги замони хеш гузоштааст.

**Ном, тахаллус ва алқоб.** Дар бораи исми пурраи шоир маълумоти сарчашмаҳо якандоза аз ҳам тафовут мекунад. Номи ӯро бештар ба ду гуна зикр кардаанд: Хоҷа Ҳасан [4, 20; 99, 403] ва Ҳасанхоҷа [69, 220; 18, 290]. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат» ҳар ду гунаи ном дуруст қаламдод шудааст [89, 466]. Танҳо дар китоби «Фарҳанги суханварон» ӯро ба унвони «Шайх» [23, 920] ёд кардаанд. Дар китоби «Таърихи назму наср…» бошад, номи ӯро «Ҳусайн» навиштаанд [99, 576], ки комилан дуруст нест. Вале мутобиқи маълумоти худи Нисорӣ исми Баҳоуддин Ҳасанро ҳангоми ба дунё омаданаш Хоҷа Мавлоно ибни Рӯзбаҳони Исфаҳонӣ дар вақти ба хонаи

Подшоҳхоҷа – падари мавсуф барои муборакбодӣ омадан, ба Нисорӣ гузошта будааст [9, 70]. Аз ин лиҳоз, ончунон ки аз муҳтавои худи «Музаккири аҳбоб» ва таъкиди М.Самарқандӣ – шогирди бевоситаи Нисорӣ ва муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» бармеояд, Баҳоуддин Ҳасанхоҷаи Бухоройӣ номи пурраи шоир буда, тахаллуси шоириаш ***Нисорӣ*** аст [18, 291; 9, 70]. Тибқи нигоштаи тазкиранигори муосири мавсуф – Дарвешалии Чангӣ Нисорӣ аз тарафи модарӣ ба орифи номвари асри XIV пайваст мешавад [28, 135]. Мусташриқ Б.В. Норик низ ба ин нукта ишора намуда [151, 183], вале аз кадом сарчашма гирифтани онро таъкид накардааст. Шояд лақаби «Баҳоуддин»-ро гирифтани ӯ хусусияти авлодӣ низ дошта бошад. Ё ин ки бозгӯ аз шахсияти бузурги ирфонӣ будани ӯ низ маънидод гардад. Барои он ки ин падида дар мавриди интихоби тахаллуси шоирии ӯ низ ба хубӣ дида мешавад. М.Самарқандӣ дар тазкирааш роҷеъ ба ***Нисорӣ*** тахаллус кардани Нисорӣ ишорае дорад, ки дар он аз яди байзо намудани вай дар базли дироҳим ва аз ин рӯй ***Нисорӣ*** тахаллус гирифтанаш сухан меравад [18, 291].

**Падар, бобо ва гузаштагони** Нисорӣ**.** Бештари сарчашмаҳое, ки роҷеъ ба Нисорӣ маълумот овардаанд, аз зикри исми шоир ва падару бобову аҷдодаш дар канор намонда, ки яке аз онҳо М.Самарқандӣ – шогирди Нисорӣ мебошад. Хоҷа Ҳасан омадани номи шоир ҳам дар баъзе сарчашмаҳо аз он хотир аст, ки насаби вай аз ҷониби модараш ба Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд мерасад [18, 291]. Аз ҷониби падар бошад, ба Имом Муҳаммади Ҳанафӣ [18, 291] ва ба Арслон – саҳобаи Пайғамбар (с) мерасад [9, 301]. Падараш Подшоҳхоҷа низ шоир, олим, донишманду орифи замони худ буда, дар тули умр мансаби садорати Шайбониён, шайхулисломии Балх ва ҳукумати вилояти Дарунро бар ухда доштааст [9, 305-306]. Бобояш Абдулваҳҳобхоҷа низ аз орифони маъруфи замони худ будааст [9, 301]. Ба нигоштаи худи Нисорӣ ва М.Самарқандӣ гузаштагонаш ҷумлагӣ аз шумори орифони нақшбандия будаанд [9, 301-310, 18, 291]. Аммо бобояш Хоҷа Абдулваҳҳоб худро набераи Зангӣ-Ато фарзанди Мансур-Ато қаламдод мекард [151, 183], ки яке аз пайравони машҳури Хоҷа Аҳмади Ясавӣ – асосгузори тариқати

ясавия буд. Зикри ин нукта ҳам бамаврид аст, ки дар бораи асли падару бобову аҷдодаш дар сарчашмаҳо маълумоте ба назар нарасид.

Аз маълумоти мазкур бармеояд, ки падару бобоёни Нисорӣ бо аҳли дарбору ҳокимони замон робитаи қавӣ доштаанду падараш ба шоирӣ ва фанни китобат ҳам шуғл варзида, «Мақсад-ул-атвор»-ро ба ҷавоби «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ ба забони туркӣ сурудааст, ки байти зерин намуна аз он аст:

Тили ким эмас зикр этмоқ ишӣ,

Не диб онӣ ағриға илғор кишӣ [ниг.: 9, 307].

Дар ин бора ки падараш «аз аксари фазоил, ба тахсис дар фанни шеъру иншо бохабар буд» хабар дода, таъкидан ёдовар мешавад, ки вай номаҳои «ба ҷониби ҳазрати подшоҳи Рум» ирсолшаванда менавиштааст ва он мактубҳо дар ганҷинаи подшоҳи Рум ҳифзу нигоҳдорӣ мешудааст [9, 306]. Ҳамчунин, ба иддаои Нисорӣ падари ӯ – Подшоҳхоҷа бори аввал қасидаи маснуъро, ки ба чанд санъати бадеӣ ороста мегардад, дар Мовароуннаҳр бо сурудани қасидаи машҳури ӯ дар васфи Одилшоҳ Султон роиҷ кардааст [9, 306]. Ҳамчунин, ӯ бо Абдуллоҳхони Ӯзбак, Одилшоҳ Султон ва Бобурподшоҳ пайвандии устувор дошта, бо вуҷуди ба мақомҳои баланд расидан аз икром кардани аҳли адабу хидмати фуқаро дур набудааст [9, 305-306]. Ҳангоми фавт ҳамагӣ 67 сол доштааст [9, 307]. Девони ашъоре ба забони туркию форсӣ аз худ ба мерос гузаштааст, ки ашъори зерин намуна аз сурудаҳои ӯст: Ғазал:

*Хати ту чун зулумоту лаби ту оби ҳаёт,*

*Чу Хизр ёфтам оби ҳаёт дар зулумот.*

*Ба доми зулфи ту афтод чунки мурғи дилам,*

*Аҷаб, ки бошад аз ин домгаҳ умеди наҷот.*

*Суоли куштани моро агар зи ту бикунанд,*

*Дар ин ғамам, ки чӣ гӯӣ ҷавоб дар Арасот.*

*Макун ҳадиси шакар дар баробари даҳанаш,*

*Ки пеши он даҳан аз хиҷлат об гашта набот.*

*Чӣ ҳоҷат аст ба Хоҷа тавофи умраву ҳаҷ,*

*Ки кӯи туст варо ҳамчу Каъбаву Арафот* [9, 306].

Рубоӣ:

*Фарёду фиғон қилур во булбул бабало мен,*

*Тортор доникон ҷафосини гул бабало мен.*

*Мул болҷифа сабр этиб таҳаммул бабало мен,*

*Юз шукр, ки булбулу гулу мул бабало мен* [9, 307].

Бобои Нисорӣ Абдулваҳҳобхоҷа ба нақли худи ӯ аз орифони маъруф ва суханварони машҳури рӯзгори худ буда, таълимотро аз падараш Яҳёхоҷа гирифтааст ва ба забони туркию форсӣ аз худ девони ашъор ба мерос гузошта, ки ашъори зерин намуна аз сурудаҳои эшон аст: Ғазал:

*Орифон гар тутуқи ҳастии худ бардоранд,*

*Ҳама дар ишқи ту мансурсифат бар доранд.*

*...Орифо, дурҷи ҳақоиқ бари ориф бикушой,*

*К-аҳли тақлид на шоистаи ин асроранд.*

Байт:

*Айб этма сукут ё фароиндик мироси Ориф,*

*Ким ёр фироқи били дур бод хазоним* [9, 302-303].

Абдулваҳҳобхоҷа дар синни ҳаштодсолагӣ аз олам даргузаштааст [ниг.: 9, 303].

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки падару бобоёни шоир ва тазкиранавис ҳама аз аҳли қалам ва аҳли ирфон будаанд ва ӯ ба қавли Мутрибии Самарқандӣ бо шарафи зотӣ аз соири ақрон бартарӣ дошта. Ҳамчунин, ба нигоштаи тазкиранависи мазкур бетаҳорат қадам ба хок намегузошт [18, 290]. Яъне, ба сабаби аз чунин оилаи шарафманд будан ва аз хурдӣ тарбияи рӯҳониву адабии хос гирифтан, шахсияти руҳонии Нисорӣ такмил ёфтаву ин ба сурати офаридаҳои ӯ низ, ки баъдтар ба қалам омадаанд, бетаъсир набудааст.

**Солу макони таваллуд ва асли шоир.** Роҷеъ ба рӯзгори худи Нисорӣ маълумоти зиёд дар даст нест. Ҳамин қадар маълум аст, ки ӯ дар Бухоро ба дунё омада, номи ӯро, ба ишораи худаш ва Мутрибии Самарқандӣ,

«Баҳоуддин Ҳасанхоҷа» [9, 70, 18, 290] китобат карда, ба хулосаи маълумоте, ки дар хотимаи «Музаккири аҳбоб» омада, аслаш аз хоҷагони маъруфи Мовароуннаҳр аст [9, 301]. Барои ҳамин пеш аз сабти номи ҳар кадом аз намояндагони мардинаи аҷдодаш унвони фахрии «Саййид» зикр мешавад. Б.В. Норик дар асоси маълумоти худи Нисорӣ ва ҳамчунин маълумоти «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ соли таваллуди Нисориро тақрибан соли 924/1516 дар Бухоро медонад [151, 184]. Ин нуктаро қаблан У.Назиров бар пояи муқоисаи гуфтаи А.Н. Болдирев, ки Нисориро замони иншои тазкира 50-сола донистааст [141, 296] ва, инчунин, аз рӯйи он ки Хоҷа Мавлоно ибни Рӯзбаҳони Исфаҳонӣ дақиқан дар Бухоро соли 1520-21 фавтидааст, дақиқ карда буд [18, 28]. Орифи охируззикр аз дӯстон ва рафиқони падари Нисорӣ буда, чунонки ишора рафт, дар номгузории ӯ ҳангоми зода шуданаш, ширкат карда буд. Аз ин нуктаҳо пай бурдан мушкил нест, ки ӯ аз авлоди «саййидон»-и шаҳри мазкур будаасту то кунун соли таваллудаш дақиқ набудааст.

Тазкиранигороне, ки дар бораи Нисорӣ маълумот додаанд, ба сабаби иттилои кам доштан аз рӯзгори худи шоир ё ба таври умумӣ ҳарф задаанд ва ё ба тавсифи шахсияту маҳорати суханвариву дигар фазилатҳояш пардохтаанд. Масалан, дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ омадааст, ки Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ ҳамчун шахсияти боалқоб ва дорои авсофи баланд ва воло тавсиф мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки тавоноии қалами худ наметавонад тамоми бузургии ин шахсиятро пурра ифода кунад. Авроду зикри Ҳасанхоҷа на танҳо мустаҳкам ва бенуқсон буданд, балки вақташ низ ба тартиби сахт ва махсус танзим мешуд.

Боз дар идомаи он, ишора мешавад, ки Ҳасанхоҷа дар роҳи риёзат шахсияти беназир ва ягонаи даврони худ буд ва замири ӯ, ки пур аз нуру маърифат буд, ҳамчун чароғи ҳақиқат ва рамзи илмҳои дақиқ ба назар мерасид. Мавқеи ӯ дар назди ҳокимони бузург ва мардуми шарофатманд, инчунин дар байни тамоми табақаҳои мардум, аз хосу ом, хеле муҳтарам ва арзишманд буд [18, 290-291]. Дар мавриди гузаштагонаш низ ба ҷуз исми

падару бобову аҷдодаш маълумоти дигар зикр накардааст ва ҳатто синну соли Нисориро Мутрибии Самарқандӣ чунин навишта, ки маълумот дақиқ нест: «Синни шарифи эшон аз ҳаштод мутаҷовиз буд, ки тӯтии руҳи пурфутуҳи эшон тарки шакаристони маонӣ намуда... қабри мунаввари эшон дар даруни муҳавватаи мазори фоиз-ул-анвори Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд... воқеъ аст» [18, 303]. Пас, агар соли тақрибии таваллуди Н.Бухороиро 924/1516 қабул кунем, соли тақрибии вафоти ӯ, бо назардошти маълумоти Мутрибии Самарқандӣ, ки тули умрашро аз ҳаштод зиёд медонад, бояд ҳудуди солҳои 1006-1008/1598-1600 бошад.

Дар бобати иттилооти «Маҷмаъ-ул-фузало» ҳам ҳамин нукта қобили тазаккур аст, ки Бақоии Андиҷонӣ бо маълумоте, ки Нисорӣ дар бораи худ дар «Музаккири аҳбоб» сабт кардааст, иктифо варзида, ба он фақат хабари соли фавти шоирро зам кардааст [ниг.: 127, 19].

Шояд ба ҳамин хотир худи муаллиф дар тазкирааш ба таври мухтасар ба баъзе нуктаҳои зиндагонии худ ишора кардааст.

**Хонаводаи шоир.** Тавсиф ё муаррифии фарде аз оилаву фарзандони шоир дар ягон маъхази дастраси ба мо маълумотеву санаде дида намешавад. Ҳатто худи Нисорӣ низ дар тазкирааш, ки қисмати охири онро «Дар зикри аҷдоду обову аъмому ахвол ва ақрабои фақир» унвон додааст, дар ин бора ҳарфе наовардааст. Аммо зимни маълумот аз гузаштагон, амаку тағо, фарзандони амаку тағояш аз вуҷуди ду бародар бо номҳои Абдуссаломхоҷа ибни Подшоҳхоҷа ва Шоҳмуҳаммадхоҷа ибни Подшоҳхоҷа хабар медиҳад ва таъкид мекунад, ки онҳо низ гоҳ-гоҳ майл ба сурудани шеър мекардаанд. Дар мавриди Абдуссаломхоҷа, муаллиф ҳикоят мекунад, ки ин шахс муддати зиёдеро ба омӯзиши илм ва дониш бахшида, баъд аз таҳсил бо сабаби касби донишҳояш ба хизмат дар дарбор даъват шуда ва ба мансаби волои Шайхулисломӣ расидааст. Қайд кардан зарур аст, ки ӯ аз мадад ва ҳимояи хоси ҳокими давр Рустамхон бархурдор буд, ки ин аз нуфуз ва эътибори баланди ӯ дар ҷомеаи замони худ шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди вазифаҳои расмияш, ӯ гоҳе ба шеър рӯ меовард, ки ин ба ҷустуҷӯйи инкишофи маънавӣ ва худифодаиаш ишора мекунад. Инро рубоие, ки ба падари худ бахшидааст, тасдиқ мекунад, ки дар он эҳтиром ва муҳаббати амиқ ба падар ифода меёбад. Дар ин рубоӣ муаллиф фикри онро мерасонад, ки танҳо тавассути ранҷу азоб, ки бо насиҳат ва ғамхории падар алоқаманд аст, метавонад шифо ёбад. Падар барои ӯ на танҳо сарчашмаи хирад, балки идеале аст, ки ӯ мекӯшад ба он бирасад ва умед дорад, ки ҳеҷ амалаш падарро ноумед нахоҳад кард.

Ва ин рубоиро дар маъзарати ҳазрати волиди шарифи худ гуфтааст: Рубоӣ:

*Эй дарди маро даво ҷафои падарам*

*В-эй куҳли ду дида хоки пои падарам.*

*Уммед, ки баъд аз ин наёяд аз ман,*

*Чизе ки дар он нест ризои падарам»* [9, 309].

Дар мавриди Шоҳ Муҳаммадхоҷа низ чунин навишта: «Дар сиғари син буд, ки ба мутолиа машғул гардид ва ба андак фурсате ба дараҷаи ёрони рашид расид. Ӯро авсофи ҳамидаи писандида бисёр буд ва гоҳе ба назм ҳам илтифоте менамуд. Ва ин матлаъ бад-ӯ мансуб аст: Байт:

*Чашми бемори ту хун кард дилу ҷон хаста,*

*Абруят кард ба мо ҷавру ҷафо пайваста»* [9, 310].

Аз маълумоти мазкур чанд нуктаи дигари рӯзгори Нисорӣ маълум мешавад: Нахуст ин ки муаллиф сареҳан ишора ба умури давлатӣ алоқаманд будани бародараш – Абдуссаломхоҷа мекунад. Аз суханони Нисорӣ дар мавриди бародаронаш ин нукта дарк карда мешавад, ки вақти таълифи «Музаккири аҳбоб» онҳо дар қайди ҳаёт набудаанд. Вале У.Назиров дар рисолааш дар таҳқиқи рӯзгори Нисорӣ бо истинод ба маълумоти нусхаи хаттии №2493 аз чаҳор бародари Нисорӣ ҳарф зада, исми он дуи боқимондаро Бобохоҷа ва Фаридунхоҷа донистааст [89, 28]. Аммо маълумоти мазкур то кадом андоза дуруст аст? Оё мешавад, ки худи Нисорӣ, ки аз ду бародар дар мавридҳои муайян ҳарф задааст, зикри дуи дигарро

қасдан ва амдан накарда бошад? Ин нукта ба як далел сурат гирифта метавонад ва он ҳам аз аҳли фазлу дониш набудани бародарҳои Нисорӣ, ки зикрашон дар китобаш нарафтааст. Аммо бисёр баид менамояд, зеро оё мешавад, ки дар хонадони мазкур, ки намояндагони он аз таълимоти руҳонӣ баҳравар ва аз ҳар амали нодуруст дар парҳезанд ва шахсияти фарзандоне, ки чун Нисорӣ ва ду бародари дигар – Абдуссаломхоҷа ва Шоҳмаҳмудхоҷаро тарбият кардааст, парвариш ёфтаву ба воя расида, аз ҳар гуна ҳунару дониш дуру маҳрум бошад? Барои ҳамин, шояд ишораи устод У.Назиров бо гузашти вақт ва кашф шудани ягон сарчашмаи дигар, ки онро ба дурустӣ нишон дода тавонад, таҳаққуқ пазирад.

Зоҳиран, худи Нисорӣ ҳам мисли падару бобоён ва бародаронаш ба умури давлатӣ алоқа доштааст, аммо ба ин нукта сареҳан ишора накарда ва дар сарчашмаҳо низ дар ин бора маълумот ба чашм намерасад. Аммо ӯро дақиқан шахсияти дар умури сиёсӣ даст дошта ҳам қаламдод карда наметавонем. Агар як марҳила аз умри худро дар ин ҷода сарф карда бошад, шояд ба ҳақиқат наздиктар намояд. Зеро ба сабаби он ки аз ин шаҳр ба он шаҳр мусофират мекард, ҳамчунин ҷиҳати такмили руҳоният ба гӯшанишиниву инзиво шуғл меварзид ва ё вақти худро ба омӯзишу пажуҳиш масруф медошт, тақрибан барои ӯ дахл дар умури сиёсӣ фурсат намегузошт. Инчунин, дар тазкираҳои адабиву таърихӣ ва сарчашмаҳои илмӣ чеҳраи вай бештар бо бозтоби ирфонӣ шиносонида мешавад ва табиист, ки сиёсату давлатдорӣ ва ирфону сӯфигарӣ ду буъди аз ҳам дуранд.

**Таҳсилот ва касби улум.** Дар бораи омӯзиши илмҳои маъмули замонаш аз ҷониби Ҳасанхоҷаи Нисорӣ, сарчашмаҳои дасти аввал сукут ихтиёр кардаанд. То он ҷо ки маълум мегардад, саводи ибтидоиро Нисорӣ аз падараш омӯхта, илмҳои замонашро дар назди устодон ва донишмандони дарборӣ аз худ кардааст. Далели ин санад дар робитаи хуб доштани падари шоир – Подшоҳхоҷа бо намояндагони силсилаи ҳукмрони Шайбониёну Сафавиён дар Бухорову Ҳирот зоҳир мешавад. Ин нуктаро аз ишораҳои худи ӯ ҳам, ки дар робита бо падараш дида мешавад, пай бурдан имкон дорад. Дар

баъзе таҳқиқот, мисли навиштаи У.Назиров [148, 28] ва Б.Норик [151, 184] ин нукта сареҳан ёд мешавад.

Мутобиқи маълумоти тазкиранигорон, ки роҷеъ ба мақому мансаби падари Нисорӣ ҳарф задаанд, ӯ шояд аз хурдӣ бо ҳамроҳи падар ба дарбори ҳокими Бухоро рафтуомад дошта бошад. Пас, олимону донишмандони ин минтақа дар такомули фикрии Нисорӣ бетаъсир набудаанд. Мундариҷаи осори таҳқиқӣ бозгӯйи онанд, ки шоир дар зодгоҳаш касби улуми мутадовили замон кардаву дар мадрасаҳои Бухоро, Балх, Қазвин, Ҳирот ва Машҳад ба такмили дониш шуғл доштааст [89, 466, 148, 30, 151, 184]. Аммо дар ишораҳои худи Нисорӣ, ки дар асари «Музаккири аҳбоб» овардааст, маълумоти дақиқе дар бораи таҳсилоти ӯ дар мадрасаҳои номбурда ёфт намешавад, ба ҷуз аз як ҷумла, ки дар шарҳи «Амири Маҳдӣ ал-Ҳусайнӣ» қайд мекунад: «Ӯ дар мадрасаи Хоҷа Камолуддин дарс медод ва ман дар дарсҳои Чағминӣ бо ӯ мувофиқ будам» [9, 222]. Вале ӯ дар мавриди касби улум аз устодонаш ишора кардааст, зеро Нисорӣ илми ҳадисро назди Сафиюддин Мустафои Румӣ [9, 195], мусиқиро аз Мавлоно Мир Маҳмуди Бачақӣ [9, 200], нуҷум ва ҳайъатро аз Мавлоно Шайдо [9, 207], риёзиро назди Амир Маҳдӣ ал-Ҳусайнӣ [9, 222], тиброро аз Мавлоно Муҳаммад [9, 174] ва қироатро назди Маъсумхоҷаи Ишқӣ [9, 220] омӯхтааст. Баъзе муҳаққиқон ӯро аз зумраи мунаҷҷимон низ қаламдод кардаанд [137, 42]. Хабари илми ҳадисро аз Сафиюддин Мустафои Румӣ омӯхтанашро чунин ба қалам додааст: «Муддате дар Бухоро ба дарси ҳадис машғул буд ва талабаву аксари уламо ба шогирдияш муфохират менамуданд. Лиллоҳ-ил-ҳамду ва-л-миннату, ки ин камина ба давлати тилмизияш мушарраф гардида ва ба иззи иҷозати ҳадиси набавӣ муаззаз гашт» [9, 195]. Дар навбати худ аз Мир Маҳмуди Бачқӣ касби илми нуҷум ва ҳайъат карданашро ба таври зайл ифода кардааст: «Маҷмаъ-ул-фазоили ва-л-калимоти буд ва ба воситаи дарвешӣ китмони ҳоли худ менамуд. Аз ҷумлаи шогирдони аршади соҳиби фазли ҷалӣ Мавлоно Абдулалии Бирҷандист, ки забони фусаҳо дар таърифи ӯ қосир аст. Вақте ки ин фақир дар хидмати Мавлоно Мир Маҳмуди мазкур мусиқӣ

мехонд...» [9, 200]. Дар асоси ин маълумоти худи тазкиранигор бештари аҳли таҳқиқ ҳам номҳои устодони Нисориро дар таҳқиқоти худ зикр кардаанд [148, 30; 151, 184-185] ва аз овардани далоили дигар хомӯш мондаанд. Чунончи, шахсияте чун Нисорӣ, ки дар Бухоро, ки маркази илму адабиёти замонаш дар Мовароуннаҳр будааст, бидуни омӯзиши дақиқи улуми адабӣ ба сурудани қасоиди ғаррои маснуъ ва шинохти мушаххасоти шеъру адабиёти форсӣ-тоҷикӣ даст ёфта наметавонист. Мутаассифона, доир ба ин мавзуъ касе аз ҳамгинон ва худи тазкиранигор низ ишорае накардаанд. Ҳамчунин, ӯ ба ҳайси шахсияти меҳварӣ дар улуми динӣ бояд чун шайхи соҳибфатво ва аз расмиёти динӣ огоҳ шинохта шавад. Улуми расмӣ, чун фиқҳу ақидаву амсоли инро аз кӣ омӯхтан ва дар кадом минтақа таҳсил кардани он улумро ёд накардаанд. Ба назари мо, ӯ ин навъи улумро назди падар ва амаку тағоҳояш, ки дар даврони кӯдакӣ таъсири бузурге ба шаклгирии афкори ӯ расонда буданд, омӯхтааст.

**Равобит ва дӯстӣ бо суханварони ҳамзамон.** Нисорӣ бо аксари аҳли илму адаби машҳуру маъруфи замонааш робита ва дӯстие дошт. Ин ҷо ба расми ихтисор аз дӯстии ӯ бо шахсиятҳои маъруфи замонаш ёд мешавад. Аз ҷумла, ӯ бо Раҳимхон Султони Хоразмӣ, ки ба нақли Б.В. Норик дар марги ӯ байти зеринро сурудааст, низ робитаи хуб доштааст:

*«Ҳар неку баде, ки дар шумор аст,*

*Чун дарнигарӣ, салоҳи кор аст»* [151, 185].

Илова бар ин, Нисорӣ бо Файзии Даканӣ низ, ки яке аз шоирон ва шахсиятҳои маъруфи дарбори Ҳумоюнподшоҳи Гӯраконӣ буд, робитаи дӯстона дошта, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо иртиботи хаттӣ байни онҳо вуҷуд доштааст. Далели ин гуфтаро метавонем аз як байти Файзӣ, ки дар поёни мактуби ӯ дарҷ шуда будааст, низ пайдо бикунем:

*«Расонанд ин руқъаи дардмандӣ,*

*Ба дасти Ҳасанхоҷаи Нақшбандӣ»* [151, 185].

Бар замми ин, дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ омадааст: «Фақир дар Бухоро будам, навбате мактубе фиристод, дар аввали

он мактуб ҳамчунин навишта буд, ки – *Эй дил, баро зи шаҳпари шавқу гузор хат, / Куфри муҳаббат аст навиштан ба ёр хат...»*

Ва матлаи аввали мактубро (Нисорӣ) инчунин ҷавоб гуфта буданд, ки – Матлаъ:

*Асрори дил агар накунад ошкор хат,*

*Ҳар лаҳза сӯи ту бифиристам ҳазор хат.*

*Ҳал сохта сиёҳии чашму навиштаам,*

*Мижгон қалам намуда пайи эътизор хат.*

*Аз хомаву мидоди Нисорӣ мадад махоҳ,*

*Мегӯ дуои давлати ёру гузор хат* [18, 344-345].

И.Низомиддинов наздик ба 70 ғазал фиристодани Файзиро ба Нисорӣ таъкид мекунад [149, 48].

Ин ҷо метавонем шахсиятҳои зиёдеро, чун Шайх Муҳаммад Тоҳири Ансорӣ [9, 250], Мулло Қосим, Ҳофиз Султоналии Ӯбаҳӣ [9, 180], Мақсуди Тиргар [9, 185], Мавлоно Камолуддин Абулхайр [9, 195], Мулло Ховарӣ [9, 205], Мавлоно Фазоӣ [9, 214] ва Мавлоно Сафоӣ [9, 240] ва дигарон зикр кунем, ки Нисорӣ бо онҳо робитаву дӯстӣ доштааст. Байни суханварони мазкур Мулло Фазоӣ дар хонаи Нисорӣ, ки дар Балх буда, чанд муддат истиқомат кардааст ва дар ин бобат чунин ёдовар шудааст: «Дар Балх муддате дар манзили фақир мебуд ва ҳамон ҷо фавт намуд ва дар ҷивори мазори Хоҷа Султон Аҳмади Хазравия, қариби ҳаким Анварӣ мадфун аст» [9, 214]. Дар мавриди дӯстиаш бо Мулло Сафоӣ чунин гуфта: «Дар хидматкорӣ бебадал аст, муддати бист сол шуд, ки ба фақир ошност, ҳаргиз ба хилофи табъ коре накарда» [9, 240]. Ҳамчунин, ӯ бо иддае аз суханварони ҳамзамонаш Нодирбеки Садр [9, 250], Абдуллоҳи Гӯянда [9, 279], Саййид Иброҳим [9, 255] ва Қозӣ Мир [9, 282] мукотиба доштааст.

Роҷеъ ба номанависиаш бо Нодирбеки Садр хабари зайлро овардааст: «Ва ин матлаи туркиро ба тақрибе ба ин фақир ирсол намуда буд, холӣ аз ранге нест:

*Ҷамолинг сафҳа сифа мушкидин хатте, ки тортиб сен,*

*Хат эрмос ким ман бадури зининк қирор тиб сен.*

Ва фақир дар ҷавоб чунин гуфта:

*Зумурратгун хатти райҳон, ки лаъли узро кукортиб сен,*

*Хати ёқути дур ким хублор насхифа тортиб сен»* [9, 250].

Ё ин ки дар мавриди мукотибааш бо Абдуллоҳи Гӯянда чунин ишора карда, ки ӯ аз Ғиждувон будаасту ба гӯяндагӣ шуғл меварзидааст. Ӯ бештар бо ин касб дар хидмати фозилони замони худ мебуда «ва гоҳе ба шеър таваҷҷуҳе» доштааст. Нисорӣ қайд мекунад, ки Абдуллоҳи Гӯянда рубоии зеринро ба ӯ ирсол карда будааст:

*Бо дил гуфтам шабе зи афсонаи ишқ,*

*Маҷнунсифатон шуданд девонаи ишқ.*

*Ишқ аст чу шамъу ҳар тараф сӯхтаҳо,*

*Ҷамъ омада гаштаанд парвонаи ишқ* [9, 279].

Ҳамчунин, муносибати бисёр хуби дӯстона доштани муаллифи «Музаккири аҳбоб» бо фарзанди устодаш Мавлоно Муҳаммад дар илми тиб ва шоиру хаттот, мусиқидони маъруфи замонаш Мавлоно Рафеи Табиб мутобиқи нигоштаи худи ӯ чунин аст: «Ҳар рӯз ин каминаро ба мулозимати худ мушарраф месохт ва гоҳе дар манзили ин шикаста низ ба музокараи илмӣ мепардохт» [9, 182] ва дар мавриди дӯстиаш бо Шайх Шарафуддин Ҳусайн ибни Шайх Ҳусайни Хоразмӣ низ ишора карда ва, ҳатто, ин шоир дар васфи ӯ рубоӣ гуфта будааст, ки Нисорӣ ҳам ҷавобан рубоӣ дар васфи ин бузургвор суруданашро таъкид менамояд [9, 242].

**Сафарҳои Нисорӣ.** Аз осори Нисорӣ ба Балх сафар кардани вай маълум мешавад. Шоир ин хабарро ҳангоми зикри аҳволу ашъори суханварон Мулло Ховарӣ ва Мавлоно Фазоӣ дар тазкирааш ба қалам дода, ҳатто аз ҳавлии истиқоматӣ доштанаш низ дарак медиҳад [ниг.: 9, 205, 214]. Яъне, муддате дар ин шаҳр зиндагӣ кардааст. Ҳамчунин, дар қисмати илмомӯзӣ таъкид гардид, ки Нисорӣ барои такмили илм ба шаҳрҳои Балх, Қазвин, Ҳирот ва Машҳад сафар кардааст. Ба ишораи муҳаққиқ Б.В. Норик ӯ ба Ҳинд низ сафар карда будааст [151, 186]. У.Назиров бошад, ин сафари

шоирро байни солҳои 1553-1558 медонад [148, 32], ки мантиқан дуруст менамояд. Яъне, ӯ баъд аз он ки дар шаҳрҳои зикршуда касби улум кардаву аз ҳар ҷиҳат афкори худро такмил додааст, барои васеътар кардани ҷаҳонбинии худ ба минтақаи Ҳинд низ, ки дар он вақт яке аз марказҳои асосии адабиёту илм ба ҳисоб мерафт, сафар карда бошад. Ҳамчунин, ба ишораи муҳаққиқон ӯ ба минтақаи Осиёи Сағир (Туркия ва Византия) низ сафар карда будааст [151, 186; 148, 32]. Дигар дар ягон сарчашмаи қадим ва ё осори таҳқиқӣ дар бораи сафарҳои шоир маълумот ба чашм нарасид. Тахмин меравад, ки Нисорӣ ҳамчун як шахсияти ирфонӣ ба зиёрати хонаи Худо низ мушарраф шуда бошад. Ин тахминро мақоми баланди динӣ ва ҷойгоҳи устувори иҷтимоии вай дар байни ҳамзамононаш тақвият мебахшад. Дар ин сафар, хоҳу нохоҳ ба манотиқе, аз қабили Ироқи Аҷам ва ё Озарбойҷони Шарқӣ дида мешавад.

**Марги тазкиранигор.** Вафоти ӯро Бақоии Андиҷонӣ 1005/1597 гуфтааст [ниг.: 127, 19]. Адабиётшиноси тоҷик У.Назиров низ ба ҳамин сол ишора дорад, зеро ӯ бо такя ба соли вафоти Хоҷа Мавлоно ибни Рӯзбаҳони Исфаҳонӣ ва андешаи А.Н. Болдирев, ки Нисориро вақти таълифи «Музаккири аҳбоб» тахминан 50-сола гуфтааст, таваллуди Нисориро 1516 нишон медиҳад [89, 29]. Аммо дар мавриди вафоти Нисорӣ Мутрибии Самарқандӣ зикр карда, ки ҳангоми вафот умраш аз ҳаштод гузашта буд [18, 303]. Аз ин лиҳоз, агар синни ӯро 89 ҳам ҳисоб кунем, таваллуди шоир ба соли 1508 рост меояд. Мусаҳҳеҳи «Музаккири аҳбоб» бошад, соли вафоти Ҳофизи Ӯбаҳиро 909 ҳиҷрӣ-қамарӣ нишон додааст, ки ба 1503-и милодӣ рост меояд. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки Нисорӣ дар боби дувуми «Музаккири аҳбоб» ишора карда, ки бо Ҳофизи Ӯбаҳӣ мулоқот кардааст: «Ва ба фақир мазиди илтифот дошт ва ба иззи мусофаҳа муаззаз сохта буд. Ва дар вақти назъ ин фақир ба мулозиматаш расид, рисолае, ки дар он боб ба хатти яди шарифаш навишта буд, ба фақир лутф намуд ва ба ҳифзи он васият фармуд» [9, 180]. Дигар маълумоте дар мавриди соли таваллуд ва ё вафоти ин ду нафар ба даст нарасид. Бинобар ин, агар такя ба суханони худи Нисорӣ

намоему онро дуруст шуморем, маълумоти Бақоии Андиҷонӣ ва ё Наҷиб Моили Ҳиравиро бояд ғалат донист, зеро мутобиқи маълумоти ин ду нафар нахуст пас аз 5 соли вафоти Ӯбаҳӣ таваллуди Нисорӣ рост меояд. Дувум ин ки Моили Ҳиравӣ дар таҳқиқоташ Ҳофизи Ӯбаҳиро устоди илми ҳадиси Нисорӣ донистааст. Аммо худи Нисорӣ дар мавриди устоди ҳадис будани Ҳофизи Ӯбаҳӣ, ба ҷуз дасти тавоно доштани вай дар хаттотӣ, ишорае надорад. Дигар ин ки маълумоти Бақоии Андиҷониро худи Моили Ҳиравӣ дар муқаддимаи мусаҳҳеҳ оварда, дақиқтарин маълумот дар бораи Нисорӣ меҳисобад [127, 18-19]. Бинобар маълумоти мазкур ба назари мо санаи вафоти нишондодаи Андиҷониро агар дуруст шуморем, бояд вафоти Ӯбаҳӣ байни солҳои 920-930/1514-1524 сурат гирифта бошад, вале агар соли вафоти Ӯбаҳӣ дар таҳқиқи Моили Ҳиравӣ дуруст бошад, бояд вафоти Нисорӣ қабл аз 970/1563 сурат гирифта бошад. Аммо то он ҷое, ки ҷустуҷӯ кардем, дар мавриди соли таваллуду вафоти ҳам Ҳофиз Султоналии Ӯбаҳӣ ва ҳам Нисорӣ маълумоти дигаре ба даст наомад. Аммо ба назари инҷониб ҳамон санади нишондодаи Бақоии Андиҷонӣ, ки бо фаразияҳои дигар ҳам дуруст меояд, ба ҳақиқат наздиктар менамояд. Ин нуктаро бо далоили дигар устод У.Назиров ҳам дар рисолаи худ таъйид кардааст [148, 34]. Ҳамчунин, муаллифони «Таърихи адабиёти Ӯзбекистон» соли вафоти ӯро 1597-1598 гуфтаанд [129, 390].

**Мақоми Нисорӣ.** Дар бораи мақоми баланди маънавии Нисорӣ чанд ишораи мухтасарро кофӣ медонем. Барои он ки дар бахши осор, иштироки ӯ дар навъҳои гуногуни назму наср ва илми замонааш равшан мегардад. Илова бар ин, дар бахши илмомӯзӣ низ мо саҳми ӯро дар омӯзиши навъҳои гуногуни улум баррасӣ намудем. Ӯ ҳамчун як шахсияти фарҳангӣ мавриди эътироф ва эҳтироми ҳамзамонони худ будааст. Шоир ва тазкиранигори маъруфи ҳамзамонаш – Мутрибии Самарқандӣ зиёда аз сад маврид дар китобаш номи Нисории Бухороиро бо икром ва эъзози хоса ёд мекунад. М.Хайруллаев ба ин нукта ишора карда, Мутрибии Самарқандиро аз шогирдони содиқи Нисорӣ медонад [158, 36]. Ҳамчунин, ӯ худро аз камтарин

шогирдони мавсуф медонад. Дар китоби Мутрибии Самарқандӣ мехонем, ки Авҷии Бухороӣ [18, 106], Ҷандуии Бухороӣ [18, 147], Давоии Бухороӣ [18, 165], Аршии Кешӣ [18, 329], Шӯхии Бухороӣ [18, 383], Шоҳидии Чармгари Бухороӣ [18, 383], Тоибии Бухороӣ [18, 391], Зотии Бухороӣ [18, 410] ва ғайра аз шогирдони Нисорӣ будаанд. Ҳамчунин, Файзии Ҳиндӣ (Даканӣ – З.М.) [18, 344], Пирбодии Кашмирӣ [18, 134] ва дигарон ба Нисорӣ ихлосу иродат доштаанд. Инчунин, ӯ дар хонааш нишасту маҳфилҳо ва маҷлисҳои адабӣ ва илмию руҳонӣ барпо мекард, ки дар он аҳли фазлу дониш ҷамъ меомаданд. Аз ин нукот бармеояд, ки Нисорӣ аз шахсиятҳои меҳварӣ дар рушд ва такомули ҳавзаи адабии Бухоро ва умуман Мовароуннаҳр будааст. Ҳамчунин, доир ба шуҳрат ва мақоми баланди ӯ Мутрибӣ қиссаи ҷолиберо нақл менамояд, ки тибқи он Ҳуҷумии Ҳисорӣ ном шоир, ки одати шеърдуздӣ доштааст, ғазалеро аз осори Нисорӣ аз номи худ бар ҷамъе мехонад: «Рӯзе ғазале аз гуфтори махдум – Ҳасанхоҷаи Нисориро ба тахаллуси худаш ба ҷамъе хонда. Махдумӣ баъд аз иттилои ин маъно фармуданд, ки: – Чаро чунин кардӣ? Гуфт: – Ба ҷиҳати он ки ғазалро ба хатти шарифи шумо дар ҳошияи девон навишта дидам, ақидаам чунон шуд, ки мулозимони шуморо ба он ғазал илтифоте нест, ки бар ҳошия навиштаед, бинобар он вайро аз они худ сохтам. Ҳазрати махдумӣ табассум карда, фармуданд, ки: – Он ғазалро ба ту бахшидам» [18, 183]. Азбаски Нисорӣ дар шоирӣ ҳам шуҳрати бисёр доштаву ашъори ғарро месурудааст, иддае аз шахсони шеърдузд низ ба осори ӯ чунин муносибат карда будаанд. Яъне, бештар шеъри шоирони маъруф мавриди эътинои ин даста шуаро қарор мегирифтааст.

Ба ҷуз маълумоти сарчашмаҳо дар мавриди зиндагонии тазкиранигор аз осори худи ӯ ишораҳои кӯтоҳеро метавон мушоҳида кард. Вале бояд тазаккур дод, ки ба истисnoи тазкираи Мутрибӣ ва асари Дарвешалии Чангӣ, сарчашмаҳои дигар баъзе маълумот перомуни рӯзгори Нисориро аз худи «Музаккири аҳбоб» гирифтаанд.

## I.2. Мероси илмиву адабии Нисорӣ ва мақоми ӯ дар рушди адабиёти ҳавзаи адабии Варорӯд

Нисорӣ мулаққаб ба “Нақиб-ул-ашроф” буд [130, 908], ки ин аз шарофати зот ва табъи шоирии ӯ низ далолат мекунад. Таҷаллии хусусиятҳои шахсияти адабӣ ва ё илмиву ирфонӣ ба осор як бахши шинохти асарҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар мавриди Нисорӣ ҳам ин нукта бояд ба риштаи таҳлил кашида шавад. Барои он ки дар сарчашмаҳо бо исми чанд шоире, ки бо тахаллуси ***Нисорӣ*** шеър сурудаанд, рӯ ба рӯ мешавем. Инҳо Муҳаммад Алӣ Ҷалоири Нисорӣ, Нисории Тунӣ, Нисории Табрезӣ, Нисории Қазвинӣ. Нисории охир, яъне Қазвинӣ ба ишораи Аҳмад Гулчини Маонӣ ҳамасри Нисорӣ мебошад [68, 476-479]. Б.В. Норик ҳам аз ин чор шоири нисоритахаллус ёд карда ва фақат Нисории Қазвиниро ҳамасри шоири мавриди пажуҳиши мо медонад [151, 188]. Ҳол он ки Нисории Тунӣ ҳам аз шуарои муосири Нисорист, ки аз ӯ маснавии ошиқонаи «Сарву Тазарв» боқӣ мондааст. Ҳамчунин, ӯ бештар аз Қазвинӣ шуҳрат доштаву эҳтимоли омезиши осори ӯ бо Бухороӣ бештар мебошад. Аз ин рӯ, ҷудо кардани осори Нисорӣ кори саҳлу сода нест. Барои ҳамин, мо ба маълумоти маохизи тирози аввал, аз ҷумла мероси адабиву илмии худи Нисорӣ, тазкираҳои Мутрибии Самарқандиву Дарвешалии Чангӣ ва Бақоии Андиҷонӣ эътимоди бештар намудем.

Аз Нисорӣ то замони мо осори зиёде ба мерос монда, вале то ҳол ҳеҷ кадом ба таври шоиста таҳқиқ нашудааст. Мо осори адабӣ ва илмии Нисориро ба се даста тақсим карда, мавриди омӯзиши мухтасар қарор медиҳем. Ба дастаи аввал осори манзуми шоир, ба дастаи дигар таърихномаҳо ва тазкираҳое, ки аз рашҳаи қаламӣ ӯ чакидаанд ва ба дастаи охир осори насрии ӯ дохил мешаванд. Дар баробари ҳамаи ин осор, Нисорӣ чеҳраи ирфонии маъруфи замони худ буд ва ин падида, албатта, ба осори ӯ бетаъсир нест. Ӯро дар бештарин маврид ҳамчун орифи замони худ ном бурдаанд. Ба ин хотир аст, ки дар осори ӯ ҳам машраби тасаввуф ва руҳи

ирфон ҳамеша намоён мебошад. Вобаста ба дастаҳое, ки осори Нисорӣ ба онҳо ҷудо мешавад, чеҳраи ӯро дар чанд ҷиҳат шинохта метавонем.

**Осори манзум.** Тазкиранигорон ва аҳли илм ду девон доштани ӯро қайд кардаанд [148, 33]. Вале, то ҷое, ки ба мо маълум аст, ин девонҳо то имрӯз пайдо нагаштаанд. Эҳтимол дорад, ки онҳо ҳанӯз солҳои дар қайди ҳаёт будани шоир аз байн рафта бошанд, зеро дар ягон маъхази дастнависҳои то кунун китобҳояш феҳристшуда аз девонҳои Нисорӣ ному нишоне нест. Ба назари мо, сабаби асосии ин кор таваҷҷуҳи кам доштани худи Нисорӣ ба шеъри худ аст. Зеро ӯро, чунонки гуфта шуд, бештар ҳамчун ориф муаррифӣ кардаанд. Орифон, табиист, ки ба шеър камтар таваҷҷуҳ мекардаанд. Сабаби дигар ҳараҷу мараҷҳои сиёсӣ ва мазҳабии замони зисти тазкиранигор аст. Дар он замон, чунонки А.Мирзоев менависад, марҳилаи дур шудани адабиёт аз дарбор ва дар ҳавзаҳои дигари ҷомеа шакл гирифтани он буд, ки як сабаби пайдо шудани мактаби вуқуъ гардид [74, 34]. Сабаби дигар авҷ гирифтани низоъҳои мазҳабӣ будааст, ки ба ишораи Р.Ҳодизода ва дигар муҳаққиқон ба равандҳои адабӣ бетаъсир намонд [128, 3; 84, 14; 57, 14-16].

Он чи ки дар мавриди шоирии ӯ гуфта ва баррасӣ карда метавонем, ашъори парокандаи шоир аст. Ашъори парокандаи Нисорӣ зиёда аз 500 байт буда, дар тазкираву баёзу сафинаҳо ба таври парешон ба чашм мерасад. Қисмати аъзами ин ашъор дар тазкираи худи Нисорӣ – «Музаккири аҳбоб» ва тазкираи шогирди ӯ Мутрибии Самарқандӣ – «Тазкират-уш-шуаро» дида мешавад. Б.В. Норик менависад, ки танҳо дар тазкираи Нисорӣ ҳудуди 200 байт шеъри муаллиф дида мешавад [151, 186]. Дарвешалии Чангӣ бошад, менигорад, ки ӯ дар замони Абдуллоҳхони II маликушшуарои дарбор будааст [28, 135 б].

Ишқ мавзуи муҳимтарини ашъори ӯст, вале бояд зикр шавад, ки мавзуъҳои расмии мазҳабӣ, аз қабили муноҷот ва наът низ ҷойгоҳи хосе дар шеъри ӯ доранд. Масалан, агар ба ғазали зерин таваҷҷуҳ намоем, ин даъво равшан мешавад:

*Хуршед ламъае зи ҷамоли Муҳаммад аст,*

*Гул партаве зи орази оли Муҳаммад аст.*

*Дар ҳар кучо, ки ҳаст алаф тоза синаро,*

*Дар орзуи тозаниҳоли Муҳаммад аст.*

*Аз килки сунъ сурати Юсуф, ки рух намуд,*

*Гӯё намунае зи ҷамоли Муҳаммад аст.*

*Нуқсон камолу айб ҳунар гар шавад, чӣ айб,*

*Онро, ки узрхоҳ камоли Муҳаммад аст.*

*Бо қомати хамида Нисорӣ чу моҳи нав*

*Моил ба абруи чу ҳилоли Муҳаммад аст* [18, 302].

Агар дар мисраъҳои мазкур шоир мустақиман ба наът пардохтаву анъанаи наътсароиро дар жанри ғазал идома дода бошад, дар бархе абёти пароканда танҳо ба як вежагии шахсияти Паёмбар ишора мекунад:

*Шоҳе чу бари тахти фасоҳат биништаст,*

*Бигрифт ҷаҳон теғи балоғат дар даст.*

*Ҳам дод уруҷи шуароро пастӣ,*

*Ҳам пояи қадри фусаҳоро (би)шикаст* [9, 1].

Гуфта мешавад, ки маҳз ***Нисорӣ*** интихоб кардани тахаллуси шоир ҳам бозгӯи шахсияти вораста ва ирфонӣ будани ӯст [18, 291]. Бо вуҷуди шахсияти руҳонӣ доштан ва пайравӣ ба тариқати Нақшбандия кардани Нисорӣ, ӯ бо дарборҳои замони худ равуо доштаву қалам ба мавзуи мадҳи амирону хонони замон ҳам рондааст, ки далели ин гуфта байти «*Суҳбати Хон аз васовис ҷамъ месозад дилам, / Рахна бар Яъҷуҷ бастан хосаи Искандар аст»* [9, 4] ва дигар абёти ба ин монанд мебошад. Аммо ин ҳама абёти зебои мазоқи ирфонӣ доштаи ӯро рад карда наметавонад:

*Аҳвал наям, эй дӯст, яке ду бинам,*

*Ҳар чиз, ки бинам, ҳама бо ӯ бинам.*

*Мустағриқи «ҳу» чунон шудам дар ҳама ҳол,*

*«Ҳу» гӯяму «ҳу» бишнаваму «ҳу» бинам* [9, 18].

Дар байтҳои дигар ҳам ӯ ба гӯшанишинии худ ишораи сареҳ мекунад ва мегӯяд:

*Вафо то аз миёни мардумон гум шуд, Нисориро*

*Рамидан аз касону бо сагонаш орамидан бин!* [9, 146]

Ашъори Нисорӣ бештар дар жанри ғазал, рубоӣ, қитъа ва маснавӣ боқӣ мондааст. Дар мавриди қасидаҳои ӯ бошад, айни ҳол ягон баҳс карда наметавонем. Барои он ки аз қасоиди ӯ ба ҷуз байти зерин –

*Каъба аст ин хонақаҳ з-он Марвро нуру сафост,*

*Сидра гар худро ба айвонаш расонад, мунтаҳост* [9, 39].

– ва байти «*Ҳазор шукр, ки бори дигар зи лутфи илоҳӣ, / Сари ниёз ниҳодам бар остонаи шоҳӣ*» [9, 149], ки, зоҳиран, матлае аз қасидаи ӯ дар васфи амири замонаш аст, дигар чизе боқӣ намондааст. Ҳамчунин, дар байни ашъори парокандае, ки аз тазкиранигор боқӣ мондааст, абёти зебое мушоҳида мешавад, аммо муаммо дар он аст, ки эҳтимолан ин абёт аз дохили қасида, қитъа ва ё ғазали комил интихоб шуда бошанд. Аз ин рӯ, мо наметавонем таҳқиқи худро дар ин бора ба таври мукаммал идома диҳем.

Ғазалҳои ӯ бештар дар мавзуи ишқанд, ки ба ин нукта ишора ҳам шуд, вале баҳс ин ҷост, ки кадом ишқ ва кадом маъшуқ мавриди назари шоир будааст? Табиист, ки машраби ғазалҳои мазкур ирфонист ва ишқ дар онҳо ҳамчун бузургтарин падидаи ҳиссӣ ва руҳонӣ тараннум мешавад. То он ҷо, ки мо дар ғазалҳои аз шоир боқимонда ва абёте, ки аз нигоҳи сабку салиқа ба ғазал мансубанд, таваҷҷуҳ кардем, нишонаҳои «вохт» ва ё дигар падидаҳои мактаби вуқуъ дар онҳо дида намешавад. Дар забони ғазал ва тарзи ифодаи матлаб низ Нисорӣ ба сӯфиёни суханвари моқабли худ бештар тақлид кардаву он суннатро нигоҳ доштааст. Аз ин ҷост, ки вежагии ҳунарии онҳо низ, нисбат ба дигар анвое, ки аз ӯ ба мерос мондааст, баландтар мебошад. Масалан, ғазали зерин аз ашъори шоир дар мавзуи ишқ бошад ҳам, дар он масоҳати тасвир ва ҳолатҳои ба риштаи назм воридшуда ба ҳисси равонии шахси ошиқ маҳдуд нест, балки вусъати биниши шоирро бо табиат ва ҳамбастагии он бо ҳолати ошиқ, нозу карашмаи маъшуқ ва ҳусни нотакрори ӯ ташкил медиҳад:

*Чашми гулро дар чаман чун сурх захми хор сохт,*

*Гул барои чашмзахмаш ғунчаро тӯмор сохт.*

*Ҳар ғуборе, к-аз раҳаш овард дар гулшан сабо,*

*Наргис онро сурмаи чашми улулабсор сохт.*

*Гар надорад чашми пурсиш аз ту наргис дар чаман,*

*Хешро баҳри чӣ умре, эй парӣ, бемор сохт?!*

*Андалеби хушнаво баҳри тараб дар базми гул*

*Бол қонун карду мизроби вай аз минқор сохт.*

*Ҳасрати дандону завқи лаъли хандони ту буд,*

*Чашми пурхуни Нисориро, ки гавҳарбор сохт* [18, 302].

Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба забон ва сабки ғазали шоир аз назари офариниши таркибот ва ибороти мазбут ва устувор дар шеър ва бо риояи муроотунназир бозгӯи меъёри ҳунар ва камоли тавоноии ӯ дар ин самт аст. Масалан, «сурх шудани чашми гул» ишора ба шукуфтан ва ранг баровардани гул аст, аммо дар таркиби «сурх шудани чашми гул аз захми хор» он тамоман маънои дигар мегирад. Дар ин сурат, киноя аз хун гиристани гул мешавад, ки ишора ба ҳолати ошиқ аст ва хор шояд тимсоле аз рақиб бошад, ки аз симоҳои маъруфи шеъри форсии тоҷикист. Шоир дар байти дуюми ғазал ба бузургиву азамати маъшуқ ва гарду ғубори хоки он по, ки аз чаман боди сабо ҳамроҳ бо атри гулҳо меоварад, куҳли чашми соҳибони басират аст, ишора карда, ҷилои бештари ирфонӣ ба мавзуъ мебахшад. Дар давоми ғазал ҳам вежагии ҳунарии он кам нагашта, баръакс бештар аз падидаи мавзуӣ намудор аст. Ғазали мазкур, мисли ғазалҳои дигари шоир дар камоли ҳунармандӣ ва бо забони ороставу мамлуъ аз тасвироти шоирона баён шудааст. Забони шеър, бархилофи аксар ҳамзамонони шоир сода ва дар пайравии мактаби вуқуъ нест. Аммо забон ва услуби баёни Нисорӣ нисбатан мураккабтар ва ҳунармандонатар аст. Мисол:

*Чу матлаъ мекунад хуршеди май ҷоми мурассаъро,*

*Зи акси рӯи соқӣ менамояд ҳусни матлаъро.*

*Рухи ӯ офтоб асту надорад дида тоби ӯ,*

*Шавад равшан, агар бардорад он хуршед бурқаъро.*

*...Нисориро хаёли абрувонаш дар сар афтода,*

*Ки бас некӯ ба ҳам пайваста дорад ҳарду мисраъро* [18, 302].

Таваҷҷуҳ ба ғазалҳои мазкур, махсусан ғазали охир, ки бо истиқлоли абёт ва истифодаи вежагии ирсоли масал ин нуктаро бозгӯ мекунад, ки он ба сабки ҳиндӣ монандтар аст, то ба сабки хуросонии роиҷ дар замони шоир ва ё ироқӣ ва ё ин ки сабки байнобайн. Зимнан ғазалҳое ҳам дида мешаванд, ки аз сабки байнобайн ва ибтидои ташаккули сабки ҳиндӣ дарак дода, аз лиҳози офариниши тасвир ва вежагии баён ба ғазалҳои шоироне назири Урфӣ ва Аҳлии Шерозӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Назирии Нишопурӣ ва дигарон монанд мебошад. Ғазали зерин ҳамчун намунаи беҳтарини иддаои мо бояд шинохта шавад:

*Ба сина аз ту хаданги шикорие дорам,*

*Тараҳҳуме, ки аҷаб захми корие дорам.*

*Ба гирди кӯи ту шаб нола кардаам чандон,*

*Ки рӯз пеши сагат шармсорие дорам.*

*Маро зи лутфи худ, эй шӯх, ноумед макун,*

*Ки ман зи лутфи ту уммедворие дорам.*

*Мабур ба теғи ситам риштаи муҳаббатро,*

*Ки дар муҳаббати ту оҳу зорие дорам.*

*Дилам чу ғунча ба доғи ту гарчи сӯхт, хушам,*

*Ки бар саҳифаи дил ёдгорие дорам.*

*Туву таронаи узлат, ки ман ҳам аз дили танг,*

*Ба базми ишқ фиғоневу зорие дорам.*

*Фитодам аз назари ёру чораҷӯе нест*

*Ба ғайри гиря, к-аз ӯ чашми ёрие дорам.*

*Нисори базли ту кардам ҳазор гавҳари ашк,*

*Бад-он умед, ки гӯӣ Нисорие дорам* [18, 226].

Рубоиҳои ӯ низ мавзуоти гуногунро фаро гирифта, рубоии «*Ҷом аз майи гулгуни ту раъно шудааст*» [18, 303] хусусияти ашъори маснуъ ва бозӣ бо ҳуруф дида мешавад. Рубоиҳои «*Шоҳе чу бар тахти фасоҳат биншаст*»

[9, 1]; «*Устоди азал сафинаи дил чу намуд*» [9, 1] ва «*Дар илм чу сухбу ол гашта маҳара*» [9, 321] аз дохили муқаддимаи тазкираи «Музаккири аҳбоб» буда, хусусияти тобеъ будан ба мавзуи матраҳи онро доранд. Масалан, рубоии аввал дар наъти Расул (с), рубоии дуюм дар мавзуи китоб, яъне тазкира ва рубоии сеюм дар шаъни саҳобагони Расули акрам (с) ва аҳлу оли ӯст. Дар рубоиҳои озод, яъне рубоиҳое, ки берун аз контексти китоб ва ё рисолае гуфта шудаанд, руҳи шоирона ва мазоқи ҳунарӣ бештар эҳсос мешавад. Гузашта аз ин, мавзуоти шомили ин навъ рубоиҳо, ҳарчанд теъдодашон кам аст, озод буда, ҳамин махсусият дар масоили ҳунар низ бетаъсир нест. Чунончи:

*Сад бор бигуфтам: – Эй Нисорӣ, зинҳор,*

*Аз гуфтани бадгӯй машав дар озор.*

*Ту баҳриву мардумони бадгӯй саганд,*

*Дарё нашавад аз даҳани саг мурдор* [18, 303].

Дар мавриди ду ва ё се қитъаи шоир ҳам асоси баҳс ин ки онҳо оҳанги насиҳат ва мавзуи ахлоқ доранд. Маснавии ӯ низ, ки дар қафои китоби маъруфаш – «Музаккири аҳбоб» омадааст, ифтихорияе беш нест. Он 33 байтро фаро гирифта, асосан қиёси кори худ бо шуарои пешин аст.

Дар сарчашмаҳо ва китобҳои таҳқиқӣ дар мавриди «Баҳориёт» ном асари Нисорӣ маълумот омадааст, ки маҷмуаи таркиббандҳои тазкиранигор ва шоири мавриди таҳқиқ мебошад ва аз 18 таркиббанд иборат будааст [89, 466]. Мутаассифона, аз ин асари ӯ, «мисли асарҳои дигараш ба ҷуз ном дар феҳристҳо мо чизе надидем. Ҳамчунин, Б.В. Норик ба қасидаи «Корнома»-и Саноии Ғазнавӣ ва қасидаи «Кашмир»-и Файзии Даканӣ ҷавоб навиштани Нисориро дар асоси сарчашмаҳо ба риштаи қайд кашидааст» [151, 186], ки аз дасти тавоно дар қасидасароӣ доштани шоир дарак медиҳад. Инчунин, Дарвешалии Чангӣ қайд менамояд, ки ҷавобияи қасидаи сонӣ ба Султон Абдуллоҳхони дуюм ва васфи шаҳри Бухоро бахшида шудааст [28, 138 а].

Бо вуҷуди он ки аз шахсиятҳои руҳонӣ ва ирфонӣ буд, Нисорӣ аз сурудани ҳаҷву мутоиба низ даст накашидааст. Мо дар сарчашмаҳо

мутаваҷҷеҳ мешавем, ки ӯ ба Ноӣ ном шоире, ки шарафи шогирдии Нисориро дошт, бахшида як рубоӣ гуфтааст. Ноӣ дар ҷавоби қасидаи маснуи устодаш қасидае суруда, бидуни ризогии устодаш онро нашр карда, ки сабаби сарзаниши Нисорӣ шудааст. Аммо Ноӣ ба ин қаноат накарда, аз тазкираи Нисорӣ тамоми нуктаҳои ҷолиброн гирифта, рисолае тартиб дода, онро ба Қулбобо Кӯкултош мебахшад ва рубоии Нисорӣ низ ба ин ишора дорад:

*Бурдӣ суханони хуб аз тазкираам,*

*Маълум намешавад, ки дузди Ҳасанӣ* [151, 187].

Мисраи охир аз байти Хоҷа Камол – «*Кас дар сари ҳеҷ рахна нагрифт маро, / Маълум ҳамешавад, ки дузди ҳасанам*» [24, 1203] мебошад, ки ба назокати хосе тағйир ёфтааст. Дар китоби Мутрибии Самарқандӣ нақл мешавад, ки ӯ дар бораи Ҳаётии Балхӣ ном шоире, ки гоҳ-гоҳ ба маҷлиси ӯ меомадаву ҳамагонро ҳаҷв мекардааст, байти зеринро сурудааст:

*Беҳаёе чун Ҳаётӣ гарчи меҷӯям, кам аст,*

*Боз мегӯям, ки шояд буда бошад, олам аст* [18, 224].

Дар бораи табъи латифу завқи баланд ва мутоибагӯиҳои Нисорӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» нақли ҷолибе омадааст, ки тибқи он Чамании Яманӣ ном шоире мехоҳад дар мутоибагӯӣ бар ӯ ғолиб ояд: «Рӯзе ба маҷлиси махдумӣ – Ҳасанхоҷаи Нисорӣ омад ва хост, ки ба латифагӯӣ бар махдумӣ ғолиб ояд. Аслан муяссар нашуд ва ҳазрати махдумӣ китоби «Ҳасану Ҳусайн» доштанд, ки дар сафару ҳазар онро аз худ ҷудо намесохтанд. Он рӯз китобро дар миёни худ халида, нишаста буданд. Яманӣ чун онро дид, гуфт: «Махдумо, дар вилояти мо чунон шоеъ (расм – З.М.) аст, ки ҳар ки китобро дар миён мехалонад, сабақи ӯ таътил мешавад». Махдумӣ фармуданд, ки дар вилояти мо акси ин аст, ҳар ки намехалонад, таътил мешавад! Аҳли маҷлис масрур гардиданд…» [18, 151].

Ин ҳикоя равшану возеҳ нишон медиҳад, ки Нисории Бухорӣ на танҳо шоир ва олим буд, балки инчунин устоди шӯхӣ ва ҳазлу шодигӯйӣ ба ҳисоб мерафт. Кӯшиши Чамании Яманӣ дар рақобат бо ӯ дар ҳунари латифагӯӣ

ноком шуд, ва Нисорӣ ба ҷои он ки бо таъна ё сухани сахт ҷавоб диҳад, бо зиракиву ҳазлу табъи латифаш шуҳрат ва фазилати худро нишон дод. Вақте Чаманӣ дар бораи китобе, ки дар дасти Нисорӣ буд, шӯхӣ карданӣ шуд, Нисорӣ зуд ва бо ҳушёрӣ шӯхии ӯро баръакс кард ва ба нафъи худ истифода бурд, бо ин нишон дод, ки ҳатто дар шӯхӣ низ ӯ як сару гардан аз рақибаш боло аст.

Ин ҳодиса на танҳо зеҳнияти баланди Нисорӣ, балки қобилияти ӯро дар нигоҳ доштани фазои шодӣ ва сабукӣ дар ҳар маҷлис таъкид мекунад. Ҷавоби ӯ бо зиракӣ ва ҳозирҷавобӣ баёнгари он аст, ки ӯ на танҳо донишманд, балки як шахси боҷазоба ва хушхулқ буд, ки дар ҳар гуфтугӯ ғолиб мебаромад.

Мо дар байни шеърҳои Нисорӣ ба шеъре низ, ки хусусияти нақдро дорад, вохӯрдем. Дар он тазаккур рафтааст, ки рӯзе ғазали муламмае аз «ҳазрати Охунд» – Хоҷа Исмат дар маҷлиси Нисорӣ хонда мешавад. Яке аз бузургон, ки дар он маҷлис ширкат дошт, хост ҷавоб гӯяд, аммо ӯро Нисорӣ манъ карда, қитъаи зайлро дар ин бобат барбадоҳа ба ӯ хондааст:

*«Назми Исмат, ки чу обест равон,*

*Ҳаст аз луълуи макнун мухбир.*

*Дар ҷавобаш накунӣ истиъҷол,*

*Гирди ин кор магарду фасбир.*

*Қудрати гуфтани ӯ касро нест,*

*Ва мина-л-ъисмати ин ло тақдир»* [18, 378].

(Тарҷумаи мисраи охир: Ва аз исмат бин агар набитвонӣ – З.М.)

Чунонки гуфта шуд, Нисорӣ бештар таваҷҷуҳи худро ба жанрҳои ғазал, рубоӣ, қасида, қитъа ва муаммо зоҳир кардааст. Аз ғазалҳои овардаи Мутрибии Самарқандӣ, як падидаи ғазалсароии Нисориро кашф намудан имкон дорад. Ӯ бештар дар жанри ғазал шеърҳои панҷбайтаро сабт кардааст. Ҳамчунин, аз намунаҳои боқимондаи дигар мо мутаваҷҷеҳ мешавем, ки шеърҳои ҳафтбайта низ вуҷуд доранд. Пас, маълум мешавад, ки ӯ, чунонки дар замони вай расм будааст, ба сурудани ғазалҳои панҷбайта ва ҳафтбайта

бештар ҳиммат мегумоштааст. Бисёри шоирони номии ҳамон давра, ба монанди Халили Бадахшӣ, Шӯхии Бухороӣ, Урфӣ, Соибӣ, Сайидо ва дигарон ба ашъораш татаббуъ кардаанд.

Дар мавриди ашъори ӯзбекии Нисорӣ ҳам, ки мо аз он ҷуз чанд байти парешон дигар чизе ба даст надорем, баррасӣ кардан хеле мушкил аст. Фақат аз нигоштаҳояш пай бурдан мумкин аст, ки агар ҳангоми мукотиба ва ё мубоҳиса, азбаски дар муҳити адабии ӯ ин расм будааст, зарурати ба туркӣ шеър навиштан пеш ояд, барбадоҳа ва ё баръакс ӯ аз нигоштани ашъори дурарбори туркӣ низ рӯ намегардонида аст. Ин нуктаро аз ишорааш дар мавриди Нодирбеки Садр ном шоири муосираш дарёфт карда метавонем. Дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» омадааст, ки Нодирбеки Садр ба расми мушоира ба ӯ матлае ирсол намуда ва худи роқими тазкира дар ҷавоб навиштан ба он иқдом намудааст: «Ва ин матлаи туркиро ба тақрибе ба ин фақир ирсол намуда буд, холӣ аз ранге нест:

*Ҷамолинг сафҳа сифа мушкидин хатте, ки тортиб сен,*

*Хат эрмос ким ман бадури зининк қирор тиб сен.*

Ва фақир дар ҷавоб чунин гуфта:

*Зумурратгун хатти райҳон, ки лаъли узро кукортиб сен,*

*Хати ёқути дур ким хублор насхифа тортиб сен»* [9, 250].

Ашъори Нисориро дар баёзу сафинаҳо ҳам дарёфт кардан кори мушкил мебошад, зеро аз 58 маҷмуаву баёзе, ки О.Ф. Акимушкин муаррифӣ кардааст, танҳо дар дутоаш шоир бо номи Нисорӣ дида мешавад [135, 113-223], ки то кунун кадом Нисорӣ будани онҳо низ дақиқ нест. Бо вуҷуди ин, назари шахсии орифи номвар Нисорӣ ба шеър он қадар хуб нест. Шояд ба сабаби машраби баланди ирфонӣ ӯ ба шоирӣ ҳамчун падидаи дуюмдараҷа муносибат мекардааст. Чунонки дар китоби Мутрибӣ мехонем: «Махдумӣ – Ҳасанхоҷаи Нисорӣ ба фақир мегуфтанд, ки ман, ки дар қиёс ба соири авлоди Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд, қуддиса сирруҳу, муфлистаронам, ба воситаи он аст, ки шоирам» [18, 235]. Аммо дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ

Нисорӣ ҳамчун тазкиранигор шуҳрат пайдо кардааст [18, 908]. Аз ин рӯ, дар зайл китобҳои дигари ӯ ба таври мухтасар баррасӣ мегардад.

**Таърихнома ва тазкира.** Аз ҷумлаи асарҳои пурарзише, ки Нисорӣ таълиф кардааст, «Музаккири аҳбоб» мебошад. Он аз сарчашмаҳои муҳим дар шинохти рӯзгор ва осори шуарову адибони асри XVI Мовароуннаҳр мебошад. Нисорӣ онро соли 974/1566 таълиф намуда, сабаби таълифашро забти шеъру сабти рӯзгори шоироне дониста, ки пас аз тазкираи Алишери Навоӣ (минбаъд Навоӣ – З.М.) зуҳур кардаанд [54, 804; 58, 286]. Дар мавриди соли таълифи асар ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи, муаллифи «Таърихи назму наср», муаллифони «Таърихи адабиёти Ӯзбекистон» ва М.Хайруллаев таърихи таълифи «Музаккири аҳбоб»-ро 983/1566 зикр кардаанд [99, 483; 158, 119; 129, 441]. Асар ба ишораи сарчашмаҳо ба номи яке аз ҳокимони замони муаллиф – Искандархони Шайбонӣ (ҳукм.1561-1583) таълиф шудааст [4, 20]. Номи китоб ҳам ба гунаҳои мухталиф зикр мешавад. Масалан, дар «Асарофаринон» [4, 20] ва навиштаҳои А.Насриддин [96, 259 ва ғайра] «Музаккир-ул-аҳбоб», дар «Аз-Зареа» «Музаккир-ул-асҳоб» [21, 255-256], «Таърихи тазкираҳои форсӣ» [69, 220-223] ва «Таърихи назму наср» [99, 403] ва ғайра низ «Музаккири аҳбоб» омадааст. Ба назари мо қавли охир тарҷеҳ дорад, зеро худи муаллиф мефармояд: «…зеро ин тазкира аз ҳар боб «Музаккири аҳбоб» бувад…» [9, 8].

«Музаккири аҳбоб» шомили муқаддима, мақола, чаҳор боб ва як хотима мебошад. Муқаддимаи «Музаккири аҳбоб» тибқи анъаноти кутуби қадима бо ҳамду санои Худованд ва дуруду салом ба паёмбар (с) оғоз мегардад. Ҳар боби асар ба чаҳор фасл дастабандӣ карда шуда, боби аввал шомили шарҳи ҳоли наваду шаш тан шуарое, ки муаллиф эшонро надидаву онҳо замони таълифи асар аз олам даргузаштаанд, мебошад. Боби дувум дар зикри чиҳилу ҳашт тан шоире, ки муаллиф онҳоро дида, аммо дар вақти таълифи китоби мазкур зинда набудаанд, аст. Боби сеюм дар зикри ҳафтоду ду тан шоиру нависандае, ки муаллиф ба дидори онон мушарраф гашта ва замони таълифи китоб зинда будаанд, буда, боби чаҳорум дар аҳволи сию

шаш тан шоиру орифе, ки дар қайди ҳаёт будаанд ва муаллиф ононро надида будааст, мебошад [58, 78].

«Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ барои шинохти шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон ва никоте марбут ба адабиёти форсӣ-тоҷикии асри XVI сарчашмаи муҳим ба шумор меравад.

Аз китоби мавриди таҳқиқ нусхаҳои зайл мавҷуданд. Б.Норик 12 нусхаи хаттии онро маълум медонад [151, 191], ки ба андешаи мо дуруст нест ва он хеле бояд бештар бошад. Аз ин рӯ, ба чанд нусхаи хаттии муаррифишуда ва тозаёфти он мурур мекунем: Нусхаи хаттии шумораи 478-и Музеи Британиё, ки қадимтарин нусхаи хаттии ин асар буда, соли 978/1570 навишта шудааст. Хаташ настаълиқ ва мусаҳҳеҳи тазкира онро дақиқтарин номидааст [9, 40]. Котиби нусха Фатҳуллоҳ Тамимии Ҳиравӣ мебошад. Нусхаи хаттии китобхонаи Карочии Покистон, ки таҳти шумораи 1547-1961 нигаҳдорӣ мешавад, афтодагӣ дорад, вале дар кори тасҳеҳ судманд аст. Ҳамчунин, нусхаҳои «Музаккири аҳбоб» таҳти шумораҳои 4282, 56, 1438, 4374 ва 7760 дар китобхонаи А.Берунии АИ ҶӮ; 2493 ва 4020 дар бойгонии дастхатҳои Ленинградии АИ ФР, Маркази аснод ва китобхонаи Миллии Теҳрон 2 ду нусхаи хаттӣ бидуни рақамгузорӣ [161, 875; 924] ва 3395 китобхонаи мероси хаттии АМИТ нигаҳдорӣ мешавад. Наҷиб Моили Ҳиравӣ хабар медиҳад, ки Ҳошими Шоиқ аз рӯи нусхаи Берлин худ низ нусханависӣ карда, вале дар китобат бисёр дахлҳо намуда буд. Пас аз он донишмандоне, чун Сурур Гӯёии Эътимодӣ ва Саид Нафисӣ аз рӯи нусхаи хаттии Шоиқ нусхаҳое барои худ рӯнависӣ карда буданд [127, 40]. Пас, маълум мешавад, ки ин донишмандон низ дар китобхонаи шахсии худ нусхаи хаттии тазкираи мавриди назарро доранд.

Нусхаи хаттии № 645-и китобхонаи Берлин, ки мусаҳҳеҳ онро асоси кори худ қарор додааст, аз нусхаҳоест, ки хатти хонову зебо дорад. Ин нусха соли 983/1575 аз тарафи Висии Ҳиравӣ ном шоири ҳамзамони муаллиф нигошта шудааст [11, баргаи 158]. Он аз 158 барга (316 саҳифа) иборат мебошад ва ба гуфти мусаҳҳеҳ – Наҷиб Моили Ҳиравӣ аз нусхаҳои комил ва

хушкоршудаест, ки ҳарчанд аз нусхаи хаттии Британиё як андак баъдтар навишта шудааст, вале фазли саҳеҳ будан ва хатти зебои настаълиқ доштану хушхон буданро дорад [127, 40]. Нусхаи аксии он дар дасти мо низ қарор дорад, ки воқеан иддаои мусаҳҳеҳро ба субут мерасонад.

Ҳамчунин, дар ихтиёри мо яке аз нусхаҳои китоби мавриди назар мавҷуд аст, ки то кунун аз ҷониби муҳаққиқон муаррифӣ ва истифода нашудааст. Нусхаи мо яке аз ҷунгҳоест, ки тақрибан сад соли баъд аз марги тазкиранигор китобат шудааст. Нусхаи хаттӣ таҳти № 87060 дар китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии ҶИЭ нигаҳдорӣ мешавад. Он «Ҷунги ашъори устодон ва чанд тазкиратушшуаро» ном дошта, соли 1035/1628 китобат шудааст. Нусха фарогири матни мунтахаб аз тазкираҳои «Маҷолис-ул-ушшоқ»-и Камолуддин Ҳусайни Гозургоҳӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ мебошад. Илова бар ин, дар он аз ашъори шоироне, мисли Рӯдакӣ (бо номи Ҳаким Абулҳафси Рӯдакӣ), Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухии Систонӣ, Асҷадӣ, Манучеҳрӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Фаридуддини Аттор, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абулфайзи Файзӣ, Толиби Омулӣ ва дигарон гулчине ба сурати баргузида дар байни матни тазкираҳо дида мешавад. Яъне, сохтори ҷунг ба таврест, ки дар итмоми матни тазкира, ки албатта дар шакли ихтисор сабт мешавад, бахше аз ашъори шуаро ба таври омехта омадааст.

Матни тазкираи мавриди назари мо дар охиртари нусха омадааст. Нусхаи хаттӣ вобаста ба он ки мутуни гуногунро фаро мегирад, дар оғози ҳар матн саҳифагузории нав шудааст. Яъне, аз нав онро бо хат ва қалами дигар саҳифагузорӣ кардаанд. Аммо ин қоида дар ҳама ҷойи нусха роиҷ нест, масалан аз оғоз бо фарогирии тазкираи Соммирзо, маҷмуаи ашъор, матни тазкираи «Маҷолис-ул-ушшоқ», инчунин намунаҳои ашъор ва бахше аз матни тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ то саҳифаи 412 саҳифагузорӣ дида мешавад ва рангу ҳаҷми хатти он ба хатту қалами котиб монандӣ дорад. Аз саҳифаи мазкур то саҳифаи 665, яъне то поёни матни тазкираи Давлатшоҳ,

рақамгузории саҳифаҳо қатъ шуда, аз саҳифаи охир боз аз давоми он оғоз мешавад. Сипас, аз саҳифаи баъдӣ боз то 769, яъне то саҳифаи нахустини тазкираи «Музаккири аҳбоб» рақамгузорӣ нест. Ҳамчунин, бештарини саҳифаҳо рикоба дорад ва аз он афтодагиву ноқисии онро муайян карда мешавад. «Музаккири аҳбоб» 52 барга (102 саҳифа)-ро фаро гирифта [12, 796-821], матни он пурра дарҷ ёфтааст. Хатти нусха настаълиқи зебо буда, баъзе падидаҳои хатти таъликро бештар нишон медиҳад, аммо хонданаш мушкилӣ надорад. Сарлавҳаҳои матн бо ранги сурх ҷудо карда шудаанд. Нусха ҷадвал надорад. Он то кунун дар тасҳеҳ ва таҳқиқе истифода нашудааст ва аз рӯйи ҷомеияти худ ва он ки бо фарқи наздик ба ҳаштод соли ва ё камтар ба замони муаллиф навишта шудааст, дар кори тасҳеҳ ва поксозии ғалатҳои матни тазкира судманд мебошад.

Нусхаи аксии дастхати қадимаи тоҷикистонии асар ҳам, ки таҳти рақами 3223 дар «Маркази мероси хаттӣ»-и АМИТ нигаҳдорӣ мешавад, дар дасти мо қарор дорад ва он ҳам аз нусхаҳои хушхон ва камғалат ба ҳисоб меравад. Нусха пурра буда, 15-уми муҳаррами соли 996 баробар бо 16-уми декабри соли 1587 иншо гардидааст.

Матни комили нусхаи «Музаккири аҳбоб» бо кӯшиши Саййид Муҳаммад Фазлуллоҳ соли 1389/1969 дар Деҳлӣ ба чоп расидааст [ниг.: 10]. Чопи дувуми ин китоб бо кӯшиши муҳаққиқ – Наҷиб Моили Ҳиравӣ, ҳамроҳ бо ёддоштҳову фаҳориси мухталиф соли 1377/1998 дар Теҳрон интишор ёфтааст [54, 805].

Азбаски мавзуи асосии рисолаи мо хусусиятҳои ин асар ва арзиши адабии он аст, баҳси фаротар аз инро дар бахши ҳозир зарур намешуморем. Фақат ин нукта бояд қайд карда шавад, ки Нисорӣ ба ҳайси тазкиранигор асосан суннати тазкиранигориро дар Мовароуннаҳр зинда нигоҳ дошта, чанде аз шоиронеро ба муаррифӣ гирифтааст, ки бештари онҳо аз тазкираҳои ҳамзамонони худ берун мондаанд ва ё ба таври шоиста шиносоӣ нашудаанд.

Китоби дигари хусусияти тазкиравӣ ва таърихӣ доштаи Нисорӣ китоби «Нафаҳот-ул-қудс» мебошад. Он асарест дар бораи аҳли тасаввуф, ки,

мутаассифона, дар бораи ин асар дар ҳеҷ куҷо маълумоте пайдо накардем. Аз номи асар гумон бурдан имкон дорад, ки он дар пайравӣ аз «Нафаҳот-ул-унс»-и Ҷомӣ нигошта шудааст, аммо муҳаққиқон ин нуктаро рад ҳам кардаанд [148, 36]. Шояд, фарзияи дар пайравӣ ба Мавлоно Ҷомӣ, чун пайравӣ ба Ҷомӣ дар он замон навъе меъёр ва сабқати адабӣ ҳисобида мешуд, ба таълифи тазкираи дуюм – тазкираи мавзуан ирфонӣ даст ёзиданаш ҷанбаи қавӣ дошта бошад. У.Назиров дар бораи нусхаи ягонаи он, ки дар маркази мероси хаттии назди АМИТ таҳти рақами 3395 (тибқи рақамгузории соли 1989 – З.М.) нигаҳдорӣ мешавад, хабар додааст. Тибқи ин маълумот он соли 1052/1642 ҳамагӣ баъди 47 соли вафоти муаллиф китобат шудааст [148, 36]. Он дар шарҳи ҳол ва тариқатҳои сӯфиёни ҳамзамони Нисорист, ки табиист, ин падида кори ӯро аз «Нафаҳот»-и Ҷомӣ фарқ медиҳад. Ҳамчунин, муҳаққиқи мазкур менигорад, ки Нисорӣ барои фарқи дигар бахшидани кори худ аз сӯфиёни мазкур дар тазкирааш намунаҳои осор низ сабт кардааст [148, 36], ки дар кори тазкираи орифон маъмул набуд.

Ҷустуҷӯи мо нишон дод, ки бо ин ном Абдуламири Бодгунаӣ асаре дорад, ки ба зиндагонии Фотиматуззаҳро ихтисос доштааст [163, ҷ.2, 1817]. Ҳамчунин, «Ламаҳотун мин Нафаҳот-ил-қудс» асари Муҳаммадолим Сиддиқии Алавӣ аст [163, ҷ.3, 2351], ки аз ҳамзамонони Нисорӣ мебошад. Ин нуктаро дар мавриди китоби дигари ӯ – «Анис-ул-ушшоқ» низ гуфта метавонем. Онро муҳаққиқон яке аз беҳтарин асарҳои Нисорӣ ба шумор овардаанд, ки ҳодисаву воқеаҳои замони муаллифро фаро гирифта, ба тариқи наср рӯйи қоғаз омадааст [58, 78]. Аммо ҷустуҷӯҳо нишон медиҳад, ки асари мазкури Нисорӣ низ имрӯз нопайдост ва аз он ҷуз номе баҷо намондааст. Айнан бо ҳамин ном китобе дар улуми равоншиносӣ ва таълимоти ирфонӣ ба қалами Шайх Абдулваҳҳоби Сиддиқӣ марбут аст [163, ҷ.1, 335], ки асре пас аз Нисорӣ зиндагонӣ кардааст. Албатта, бо ин ном осори зиёде маълум аст ва ба мавзуоти гуногун ихтисос дорад, вале баҳс ин ҷост, ки аз сабаби наздик будани замони зисти муаллифон шояд дар тахмини муҳаққиқон ягон ғалате гузашта бошад, зеро китоби Шайх Абдулваҳҳоби Сиддиқӣ низ бо ҷумлаи

«Баъди таҳсини шаҳсавoрони арсаи калом ва тазйини шаҳриёрони саҳфаи арқом иклил мукаллал…» [163, ч.1, 335], ки дар худ калимоте, чун шаҳриёру иклилу шаҳсавор ва амсоли инро дорад.

**Осори насрӣ.** Фаъолияти адабии Нисориро серпаҳлу гуфта метавонем. Барои он ки дар баробари осори гуногуни назмӣ, ду тазкира ва таърихнома боз осори насрӣ ҳам дорад. Яке аз чунин осор «Чаҳор гулзор» мебошад. «Чаҳор гулзор» аз китобҳои дарсиест, ки онро Нисорӣ соли 1560 таълиф кардааст. Қаблан У.Назиров ба он баҳои шоиста дода, чунин ба қайд оварда буд: «Яке аз осори арзишманди Нисорӣ «Чаҳор гулзор» аст, ки то кунун дар сарчашмаҳо ёд намешавад» [148, 35]. Он ба чаҳор боб ҳар боб боз ба фаслҳо ҷудо шудааст. Китоб қисман хусусияти таълимӣ дошта, боби аввалаш муштамил ба панҷ фасл мебошад. Дар ин фаслҳо тақсиму тафсил ва ҳаракоту сукути ҳуруф, анвои он, изофат ва тағйири ҳуруф ва амсоли ин шарҳ ёфтаанд. Дар ин боб Нисорӣ кӯшиш кардааст, ки масоили вурудии замонро барои хонандагон баррасӣ намуда, ба тариқи кутуби дарсӣ онро ба забони содаву дастрас иброз кунад. Боби дувум бошад, аз ду фасл иборат аст. Ин боб масоили мураккабтареро дар мавриди салосат ва балоғати сухан фаро мегирад. Фасли якум дар бораи саноеи лафзӣ ва фасли дуюм дар мавриди саноеи маънавист. У.Назиров онро китоби дарсӣ [89, 63] ва олими рус Б.Норик онро асари таърихӣ [151, 189] гуфтаанд, вале ба назари мо он пурра хусусияти таълимӣ ё таърихӣ надорад. Ҷолиб он аст, ки муаллиф номи ҳар фаслро «гул» ва номи бобро «гулзор» ниҳодааст.

Боби сеюм низ аз ду фасл иборат буда, фасли якум роҷеъ ба шеър ва фасли дувум дар бораи вазни арӯз баҳс мекунад. Дар боби чаҳорум низ дар бораи санъати бадеӣ баҳс шудааст. «Чаҳор гулзор» то ҳол ба табъ нарасидааст. Нусхаи хаттии ин асар дар китобхонаҳои Санкт-Петербург, Тошканд, Душанбе ва ғайра маҳфуз аст [130, 908]. Тибқи маълумот он соли 1277/1860 дар чопхонаи «Низомӣ»-и Конпур чопи литографӣ ҳам шудааст [148, 36]. Мо бар он андешаем, ки баррасӣ, нашр ва дастрасӣ ба он паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва ҷаҳонбинии Нисориро равшан хоҳад кард.

Дар баробари асари мазкур Нисорӣ як асари дигаре ба наср иншо кардааст, ки ба гумони мо дар сабки таълифи «Гулистон»-и Шайх Саъдист. Ин асар «Ҳасан ва Ҳусайн» ном дорад. Ин китобро мусаҳҳеҳи китоби «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ ба ҳуруфи тоҷикӣ «Ҳиснун ҳасин» хондааст, ки нодуруст мебошад. Ҳарчанд, адабиётшиносон бар он андешаанд, ки он шомили латифаҳост, вале мо ба ин розӣ буда наметавонем. Чун он дар ҷавоби «Гулистон»-и Шайх Саъдист, бояд аз панду ҳикмату андарзу насоеҳ низ иборат бошад. Сониян, китоб то ҳол дастраси аҳли таҳқиқ нест ва дигар, оё мешавад, ки дар китоби худ Нисорӣ барин шахсияти донишманди орифмашраб ба ҷамъ кардани танҳо латифа машғул шавад? Ба ҳар ҳол, масъалаи мазкур аз масоили баҳснок боқӣ мемонад.

## Хулосаи боби I

Роҷеъ ба зиндагинома, ташаккулёбии шахсияти Нисорӣ, мероси адабиву илмӣ ва паҳлуҳои гуногуни эҷодии ӯ натиҷаҳои зайл хулосакашӣ мешавад:

Дар мавриди зиндагонии Нисорӣ дар сарчашмаҳо маълумот хеле кам аст, аз ин лиҳоз сарчашмаҳое, ки дар мавриди ин шоир маълумот медиҳад, ё бо зикри ному насаби аҷдодони ӯ кифоят кардааст ё ба тавсифу таърифи шахсияти шоир.

Бо вуҷуди кам будани маълумот дар сарчашмаҳо Нисорӣ дар тазкирааш исми гузаштагону пайвандонашро оварда, гӯшаҳое аз зиндагии худро низ равшан менамояд. Вале нуктаҳои марбут ба соли таваллуду зодгоҳ ва амсоли инро шоир ва тазкиранигори мавриди назар ҳадди ақал(л) дар зимни баёни шарҳи ҳоли дигар шуаро низ ба риштаи таҳрир намекашад.

Нисорӣ зоҳиран аз хурдсолӣ бо дарбори Шайбониёну ҳокимони Бухорову Балх робита дошта, дар такомули шахсият ва тафаккури ӯ олимону донишмандони дарборҳои мазкур бетаъсир набудаанд. Ҳамчунин, робитаи ӯ бо ҳокимони Хуросон далели дигаре аз шахсияти меҳварӣ дар дарбори Шайбониён будани ӯ мебошад.

Аз асарҳои Нисорӣ то замони мо, «Музаккири аҳбоб», «Чаҳор гулзор» ва намунаҳои шеъри ӯ омада расидааст. Дигар асарҳои Нисорӣ то ҳол пайдо нашудааст, вале исман боқӣ мондан ва ё дар қатори осораш зикр гардидани онҳо ба он далолат дорад, ки вай аз суханварони пуркор ва мутафаккирони номдори давр будааст, ки барои ривоҷи забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва улуми маъмули замонааш хидматҳои мондагорро ба сомон расонидааст.

Аз ашъораш бошад, дар тазкираҳову фарҳангҳову баёзҳо тақрибан 500 байт ашъори пароканда, то замони мо пайдо гардид. Умедворем, ки дар оянда муҳаққиқоне, ки дар бораи ин шоир, тазкиранавис ва муарриху носири забардаст таҳқиқот бурда истодаанд ин асарҳои аз байн рафтаи шоирро пайдо кунанд ва ё осори дигареро дарёб намоянд, ки ба қалами ӯ мансуб дониста шавад.

Ҷустуҷӯи осори дигари ӯро аз феҳристи китобхонаҳо бояд идома дод, зеро «Нафаҳот-ул-қудс» ном асар ва ё мероси адабии дигараш дар баъзе аз феҳристҳо ба даст омадаанд. Бояд таъкид кард, ки дар натиҷаи ҷустуҷӯ нусхаи хаттии наву ношинохтаи «Музаккири аҳбоб» низ пайдо ва шиносоӣ гашт.

Тазкираи «Музаккири аҳбоб» яке аз гаронмоятарин осори Нисорӣ буда, аз он то кунун нусхаи хаттии зиёде боқӣ мондааст, ки яке аз нусхаҳои боарзиш ва саҳеҳ нусхаи хаттии Китобхонаи Миллии Берлин мебошад. Мо нусхаи мазкурро ва ҳамчунин нусхаи то ҳол мавриди истифодаи олимони матншинос қарорнагирифтаи онро дар китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломии ҶИЭ маҳфуз аст, зери дасти худ дорем ва дар кори рисола аз онҳо ҳамаҷониба суд ҷустаем.

Нусхаи маҳфуз дар «Маркази мероси хаттии назди АМИТ» ҳам аз нусхаҳои муътабар буда, ҳамагӣ баъд аз 27 соли фавти муаллиф рӯйи қоғаз омадааст. Он дар нашрҳои китоби мавриди назар, ки аз ҷониби Муҳаммади Фазлуллоҳ ва Наҷиб Моили Ҳиравӣ сурат гирифтааст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Бояд ин нусхаҳо ва чанд нусхаи хаттии дигар дар нашри

тоҷикистонии китоби мавриди назар, ки ҷояш холист, мавриди истифодаи аҳли таҳқиқ қарор гирад.

Як нуктаи бисёр муҳим дар муросилот ва дӯстиҳои Нисорӣ бо шуаро ва уламои ҳавзаҳои адабии дигар ва ба ин восита барқарор кардани робитаи адабии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр бо Хуросону Шибҳи қораи Ҳинд аст, ки ҳам дар тазкираи ӯ ва ҳам дар китобҳои шогирдонаш ба хубӣ инъикос ёфтааст.

# БОБИ II. САБКИ ТАЪЛИФ ВА АРЗИШИ АДАБИИ «МУЗАККИРИ АҲБОБ»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ

## II.1. Сохт ва мушаххасоти «Музаккири аҳбоб»

Ҳамчун маъхаз тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ яке аз сарчашмаҳои муҳим дар шинохти рӯзгору осори аҳли қаламу адаби асри XVI Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Дар ин масъала худи Нисорӣ чунин гуфтааст: «Ва забти асомии сомии шуарои мотақаддамро амири боинтибоҳ Давлатшоҳ, навваралloҳу марқадаҳу, дар зимни зобитаи некӯ забт карда» [9, 5].

Нисорӣ тазкираи худро соли 974/1566 бахшида ба ҳоким Искандархони Шайбонӣ (ҳукм. солҳои 1561-1583) эҷод кардааст. Забти шеъру сабти рӯзгори шоирони пас аз тазкираи Алишери Навоӣ зуҳуркарда сабаби таълифи асари мазкур мебошад [54, 804; 58, 286]. Дар мавриди соли таълифи асар ихтилофи назар вуҷуд дорад.

Номи ин китоб дар манбаъҳои гуногун бо сарчашмаҳои мухталиф оварда шудааст. Масалан, дар «Асарофаринон» онро «Музаккир-ул-аҳбоб» [4, 20], дар «Аз-Зареа» «Музаккир-ул-асҳоб» [21, 255-256], дар «Таърихи тазкираҳои форсӣ» ҳамчун ««Музаккири аҳбоб»» [69, 220-223] ва дар «Таърихи назму наср» [99, 403] ва ғайра номбар кардаанд. Мо бартарияти номгузории охирро қабул мекунем, зеро худи муаллиф менависад: «...ин тазкира аз ҳар ҷиҳат ««Музаккири аҳбоб»» аст...» [9, 8].

Нисории Бухороӣ дар «Музаккири аҳбоб» зикри 292 шоир, ориф ва адиби замони худро оварда, аз нукоти ҷолиб, шеърҳо, зарбулмасалҳо, гуфторҳои бузургон, оятҳои Қуръон ва аҳодиси набавӣ истифода кардааст. Гарчанде ки дар нашри ҳиндӣ номи 275 шоир дар муқаддимаи китоб сабт шудааст [ниг.: 10] ва дар «Феҳрист» шумораи шоирон 283 нафар муаррифӣ шудааст [162, 1951], аммо ин маълумотҳо дуруст ба назар намерасанд.

Наҷиб Моили Ҳиравӣ – мусаҳҳеҳи матни форсии тазкира бар он андеша аст, ки ноҳамоҳангиҳо дар бобати соли таълиф ва ё ба ин монанд

ихтилофоти ба тазкира марбут аз он ҷо оғоз шудааст, ки тазкиранавис пас аз итмоми кор ҳам онро бо ворид кардани китобу маълумотҳои нав ҳамвора такмил медодааст [127, 28]. Фарзияи мазкур, бо он ки санад ва далоили чашмгире надорад, пазируфтанист ва кирои дастгирист, зеро аксари тазкиранигорон дар мавридҳои лозимӣ ба такмили кори худ пардохтаанд ва ин рӯйкард навъе бояд амри табиӣ муаррифӣ шавад. Устод А.Насриддин ҳам зимни муаррифии китоби мавриди назар теъдоди шуарои онро 292 тан муаррифӣ кардаанд [96, 325-26].

Муаллифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» дар сохтори асараш як хусусияти хосро пайгирӣ мекунад ва ҳар бахши китобро ба зербахшҳои алоҳида тақсим мекунад. Масалан, ин тазкира аз дебоча (муқаддима), мақола, чаҳор боб ва як хотима иборат аст, ки ин бахшҳои асосии асарро ташкил медиҳанд. Муқаддимаи «Музаккири аҳбоб» тибқи анъанаҳои китобҳои қадим бо ҳамду саної Худованд ва дуруду салом бар пайғамбар (с) оғоз ёфта, пас аз мадҳи Искандархони Шайбонӣ, дебоча ба се зербахш тақсим шудааст: «Дар таърифу шарафи шеър» [9, 5], «Сабаби таълифи китоб» [9, 6] ва «Дар баёни кайфияти тартиби китоб аз фусул ва абвоб» [9, 9]. Як нуктаи муҳим он аст, ки Нисорӣ дар бахши «Дар таърифу шарафи шеър» доир ба пешинаи тазкираҳо дар мисоли тазкираҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Алишери Навоӣ, ки яке ба тоҷикӣ ва дигаре ба туркист, ишора мекунад [9, 5]. Ин ишораи муаллиф пеш аз қисмати «Сабаби таълифи китоб» ҳамчун василаи пайванд барои бахшҳои минбаъда хизмат мекунад.

Чунончи, муаллиф дар қисмати «Сабаби таълифи китоб» зикр мекунад, ки як гурӯҳ аз дӯстону рафиқонаш аз ӯ хоҳиш намудаанд, ки номи як ҷамъе аз фузалоеро, ки баъд аз тазкираи «Маҷлис»-и Амир зуҳур намудаанд, дар як асар сабт кунад, то ҳадди ақал бархе аз бӯйи хуши эшон ба ҷонҳои толибон бирасад, ки мутолиаи он «на танҳо ба осори зиндагон, балки ба аҳволи мурдагон низ роҳнамоӣ хоҳад кард» [9, 6].

Қисмати «Мақола» низ аз ду рукн ва чор фасли алоҳида иборат буда, шакли пурраи он чунин аст: «Мақола: Дар баёни аҳволи мулук, муштамил

бар ду рукн». Рукни аввал «Дар баёни салотини Чингизхонӣ (Шайбонӣ)» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал «Дар зикри салотини Чингизхоние, ки реҳлат намудаанд» буда, шоими ашхоси Абулфатҳ Муҳаммади Шайбонӣ [9, 12], Убайдуллоҳи Шайбонӣ [9, 16], Абдуллатифхони Шайбонӣ [9, 24], Руста Баҳодурхон [9, 27] ва Абдулазизхони Шайбонӣ [9, 34] мебошад. Фасли дуюм ба зикри салотине, ки дар қайди ҳаётанд, машғул аст, ки ба ин гурӯҳ Абулфатҳ Султон Саидхон [9, 41], Ҷавонмардалихон [9, 43], Дӯстмуҳаммади Султон [9, 44] ва Ғозӣ Султон [9, 44] дохил шудаанд. Дар рукни дувум низ масоили шабеҳ ва ҷойгузории салотини Чағатой муҳокима шудааст. Ашхосе мисли Заҳируддин Муҳаммади Бобурподшоҳ [9, 46], Муҳаммад Ҳумоюнподшоҳ [9, 49], Муҳаммад Комронподшоҳ [9, 55], Муҳаммад Аскарӣ Мирзо [9, 60], Муҳаммад Ҳиндол Мирзо [9, 61] ва Иброҳим Мирзо ба гурӯҳи салотини реҳлаткарда дохил шудаанд, дар ҳоле ки Султон Мирзо Абулқосим [9, 65] ва Султон Сулеймон Мирзо [9, 64] дар замони таълифи асар ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданд.

Тартиб ва бандбандии шоҳон дар ин асар бо дарназардошти дараҷаи шиносоии муаллиф бо шахсиятҳо ва шеърҳои онҳо иҷро шудааст. Муаллиф онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: аввал шоҳоне, ки муаллиф надидааст ва дуюм шоҳоне, ки шахсан мулоқот намуда ва ё хидмат кардааст. Муҳаққиқи имрӯза метавонад аз ин меъёрҳо истифода бурда, дараҷаи дақиқии маълумоти муаллиф ва мавҷудияти маълумоти аввалияро дар назар гирад.

Дар мавриди бобҳо бошад, кори муаллиф каме ранги дигар мегирад. Бобҳо аз рӯйи меъёрҳои гуногуни шеъру шоирӣ фарқ мекунанд. Асар аз чаҳор боб иборат буда, ҳар боб ба чор фасл тақсим шудааст. Боби аввал шомили 96 шоир аст, ки аз онҳо 19 нафарашонро муаллиф надидааст, зеро онҳо замони таълифи асар аллакай аз олам гузаштаанд [9, 68-95]. Дар фасли аввал ин шоирон зикр ёфтаанд, ки «Зикри ҷамоате, ки фақир эшонро надида ва эшон ба синни шайхулхат расида ва дар Бухоро мадфун шудаанд» мебошад. Дар замони таълифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» 43 нафари дигар низ реҳлат карда буданд, аммо муаллиф онҳоро берун аз Бухоро мадфун

шудаанд, сабт кардааст [9, 96-143]. Дар фасли сеюм муаллиф дар бораи 7 нафаре, ки дар ҷавонӣ фавтида ва дар Бухоро мадфун шудаанд, ҳарф мезанад [9, 134-147]. Дар фасли охирин муаллиф 32 нафари дигарро зикр мекунад, ки дар ҷавонӣ фавтида ва дар Бухоро дафн нашудаанд [9, 148-163].

Муаллиф дар саросари асар диққати махсусро ба Бухоро равона мекунад, ки онро ҳамчун маркази муҳимми илм, адаб ва ирфон дар замонаш мебинад. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳамзамонӣ ва хусусиятҳои дигари таърихиро низ ба назар мегирад, ки ин тазкираро ҳамчун як асари фарогири маҳаллӣ бо хусусиятҳои миллӣ муаррифӣ мекунад.

Бо ин ҳама, як нукта бояд ба риштаи қайд кашида шавад, ки дар тазкира танҳо шоирони зодаи Бухоро мазкур нестанд, балки шуарое ҳам, ки ба ин шаҳр сафар карда ва ё ба ягон воситаи дигар ба он пайванд хӯрдаанд, шомил шудаанд. Маҳз ҳамин хусусияти тазкираро ба назар гирифта, бино ба қавли У.Назиров: «Дар тазкираи Нисорӣ, на танҳо дар бораи шоирони минтақаи зисти ӯ, балки дар бораи шоирони манотиқи дигар, аз қабили Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Осиёи Сағир (Туркия ва Византия), Туркистон (ба маънои Туркистони шарқӣ ё кулли О.М. – З.М.), Кошғар ва дигар минтақаҳо маълумоти зарурӣ дарҷ ёфтаанд» [148, 57].

Агар аз рӯйи махсусияте, ки дар боби аввал ба мушоҳида гирифтем, ба тазкира сарукор гирем, нуктаи асосӣ, бар замми маҳал ва замон, ба пирӣ расидан ва нарасидани шоирон аст. Нисорӣ ҳангоми интихоби ному осори шоирон барои тазкирааш онҳоро ба ду даста ҷудо мекунад: 1) шоироне, ки ба пирӣ расидаанд; 2) шоироне, ки дар ҷавонӣ фавтида ва ё дар ҷавонӣ шуҳрат ёфтаанд. Меъёри боббандии асар ҳам бар ин поя сурат гирифтааст, вале бобҳо хусусиятҳои умумии дигар низ доранд. Масалан, чаҳор фасли боби аввалро танҳо риштае, ки муаллифи китоб ин шоиронро надидааст, пайванди маънавӣ медиҳад. Аз рӯи ин принсип боби дувуми китоб дар зикри чиҳилу ҳашт тан шоире, ки муаллиф онҳоро дида, аммо дар вақти таълифи китоби мазкур зинда набудаанд, аст. Боби мазкур низ ба чаҳор фасл ҷудо шуда, «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро мулозимат карда ва ба синни шайхухат

расида ва дар Бухоро мадфунанд» [9, 164-190], «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро мулозимат карда ва ба синни шайхухат расида, дар ғайри Бухоро мадфунанд» [9, 191-209], «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро дида ва ба синни шайхухат нарасида ва дар Бухоро мадфунанд» [9, 210-217] ва «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро дида ва ба синни шайхухат нарасида ва дар ғайри Бухоро мадфунанд» [9, 218-227] ном доранд.

Боби савуму чорум аз асар ба зикри шоирону орифоне ихтисос ёфтааст, ки дар замони таълифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» дар қайди ҳаёт буданд. Боби савум ба 72 нафар шоиру нависандае, ки муаллиф ба дидори онҳо мушарраф гашта ва дар вақти таълифи китоб зинда буданд, бахшида шудааст [9, 228-277]. Боби чорум бошад, ба шарҳи аҳволи 36 шоиру орифе, ки дар қайди ҳаёт буданд, вале муаллиф онҳоро надида буд [9, 278-299]. Муаллиф ин бобҳоро низ тибқи қавонини бобҳои пешин ба шоироне, ки дар Бухоро ва атрофи он мадфун шудаанду ба пирӣ расидаанд ё на, ҷудо кардааст. Бояд қайд кард, ки тартиб ва мазмуни бобу фаслҳои асари мавриди таҳқиқ дар таълифоти Аҳмади Мунзавӣ ба таври дигар шарҳ дода шудаанд [162, 1951]. Феҳристнигор танҳо ба овардани номи кӯтоҳ ва мазмунан нақлшудаи фаслу бобҳо иктифо мекунад.

Хотимаи асар низ аҳаммияти махсус дорад. Он бо номи «Дар зикри аҷдоду або ва амому ахвол (амакҳо ва тағоҳо — З.М.) ва ақрабои фақир» шинохта шуда, пурра доир ба гузаштагони муаллиф маълумот медиҳад. Дар он 8 нафар аз гузаштагони Нисорӣ, ки ҳама ба адаб ва ирфон алоқаманд будаанд, мавриди таваҷҷуҳи ӯ қарор гирифтаанд. Инҳо Хоҷа Абдулваҳҳоб [9, 301 ], Шайх Алихоҷа [9, 304 ], Подшоҳхоҷа [9, 305 ], Бобоҷонхоҷа [9, 307 ], Майрамхоҷа [9, 308 ], Абдуссаломхоҷа [9, 309 ], Валиюллоҳхоҷа [9, 309] ва Шоҳмуҳаммадхоҷа [9, 310] мебошанд. Яъне, дар ин тазкира, Нисорӣ на танҳо шоиронеро, ки пайрави тариқати нақшбандия будаанд, муаррифӣ карда, балки бо зикри аҷдодаш, ки пайрави ҳамин тариқат буданду онро пуштибонӣ мекарданд, ба асараш арзиши иловагӣ бахшидааст. Ҳамин тавр, он манбаи муҳимми насабшиносӣ ва рӯзгоршиносии худи муаллиф мебошад.

Яке аз мусташриқони маъруфи рус В.Б. Норик, ки дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адабии Нисорӣ ва Мутрибӣ таҳқиқоти судманд анҷом додааст, бар он назар аст, ки Нисорӣ ин тарзи боббандиро аз Навоӣ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» ба мерос гирифтааст.

Адабиётшиноси мазкур, баъди роҷеъ ба бандубасти асари Нисорӣ мухтасаран андешаронӣ кардан, фикри худро такмил дода, мегӯяд, ки: вайро ҳамчун як пайрави одӣ, ё муқаллид бояд муаррифӣ накунем, балки ӯ ин тарзи сохтмони асарро ҳамаҷиҳата такмил додааст [151, 190]. Инчунин, аз назари он ки бо тазкираи Соммирзои Сафавӣ тақрибан дар як замон ба қалам омадааст, аз нигоҳи сохтор монандӣ дорад. Б.Мақсудов соли таълифи «Туҳфаи Сомӣ»-ро 1560 дониста [65, 29] ва асари Нисорӣ бошад, соли 1566 ба қалам омадааст. Шояд аз ин сабаб ҳам дар китоби Нисорӣ аз асари Соммирзо ном бурда намешавад. Аммо ҷиҳати сохтории асарҳо бо ҳам қаробат дорад. Масалан, қисмати аввалро «Мақола» қарор додани Нисорӣ ва дар он зикри султонҳои суханварро овардани ӯ ба саҳифаи аввали китоби Сафавӣ – «Дар зикри салотин» [20, 47-67] хеле монанданд. Дар кори Соммирзо бар замми салотини суханвар, содот ва уламое, ки низ ба суханварӣ машғул буданд [20, 68-116] ва вазирону муншиёну аҳли дарбори дигар [20, 117-127] низ ба риштаи қайд омадаанд.

Тазкираи Нисорӣ фарогири як муҳит ва фазои хосест, ки бино ба гуфти Аҳмад Гулчини Маонӣ авзои фикриву руҳӣ ва фарҳангии замони зиндагии Ҷомӣ ва ҳамасрони ӯро дар шаҳрҳои Ҳироту Балх ва Бухорову дигар билоди Хуросон хеле равшану сареҳ шарҳ дода, возеҳтар месозад [69, 231]. Ба назари мо, манзур аз ин ишораи Маонӣ мактаби адабии бунёдгузоштаи Ҷомӣ мебошад, зеро «Музаккири аҳбоб» асосан шомили шарҳи ҳол ва намунаи осори шуарои як қарн баъди Ҷомӣ аст.

Дар баробари арзишҳои дигари китоб ва маълумоти он дар бораи шоирони на он қадар шуҳратёр, тарзи нигориш ва сохтору таркиби он низ дар таърихи тазкиранигорӣ равиши хосеро дар тазкиранигорӣ падид овардааст. Ҳарчанд, исми шоирон дар тазкира тибқи тартиби алифбоӣ сабт

шудаанд, аммо на ҳама вақт ин тартибот риоя шудааст. Тарзи сохтори китоби ӯ дар тазкираи шогирдаш Мутрибии Самарқандӣ такмил ёфт, ки ба ин нукта худи Мутрибӣ ишораи ҷолиб мекунад. Ӯ, дар муқаддимаи китоби худ, пас аз он ки ба сабаби таълифи китоб пардохтаву онро дар пайравӣ ва такмилаи китобҳои Давлатшоҳи Самарқандиву Алишери Навоӣ ва Нисорӣ қаламдод кардааст, менигорад, ки тарзи кори худро, то он ҷо, ки имкон даст ёфта, аз соҳиби «Музаккири аҳбоб» гирифтааст: «…аз ҷумлаи нусахи машҳураи муътабара яке тазкираи амири боинтибоҳ Давлатшоҳ аст ва дигаре «Маҷолис-ун-нафоис»-и Амири кабир Алишер аст ва дигаре китоби олихитоби «Музаккири аҳбоб»-и махдумӣ ва устодӣ… ҳазрати Ҳасанхоҷа Нисории Бухорист, қуддиса сирруҳум. Китобун ва аййу китоб (яъне, китобе, чӣ китобе. – З.М.) ҳамоно, ки агар ба дидаи инсоф дар авсофи камоли ароис-ул-ҳиҷоли он нусхаи адим-ул-мисол назар кунанд, нуқуди иборот бинанд… Чун иқтидо ба ҳоли некон натиҷаи нек дошт, бинобар он, ин фақири ҳақири касир-ут-тақсир маҳмо амкан (яъне, то ҷое, ки мумкин аст. – З.М.) дар забту рабти асомии сомии шуарои муосир ва ғайруҳум кӯшида, натоиҷи абкори афкори атбои салима ва азҳони мустақимаи эшонро (яъне, Н.Бухороиро. – З.М.) хилъати интизом ва кисвати илтиём пӯшида» [18, 43-44] кунад. Ба нуктаи мавриди назар муҳаққиқи ҷавон Мағфират Қурбоналиева низ ишораи ҷолиб карда, мефармояд: «Тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасан Нисории Бухороӣ, ки дар мақоми раҳнамову устодӣ барои муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» қарор дошт, аз муҳимтарин маъхазҳои Мутрибӣ дар таснифи тазкира аст» [63, 36].

Ин порча ба нақши муҳимми Нисории Бухороӣ ҳамчун шахсияти таъсиргузор ва яке аз манбаъҳои асосии илҳом барои адабиётшиносони баъдӣ ишора мекунад. Тазкираи ӯ ««Музаккири аҳбоб»» дар таърих ҳамчун як асари муқаддару олимақом пазируфта шудааст, ки бисёр муҳаққиқон ва нависандагон онро ҳамчун роҳнамо ва манбаи илҳом истифода бурдаанд. Махсусан, муҳаққиқи ҷавон Мағфират Қурбоналиева дар тафсири худ ба

таъкид ишора мекунад, ки ин асар яке аз муҳимтарин маъхазҳои муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» барои таълифи тазкираҳои ӯст.

Ин равшан месозад, ки Нисории Бухороӣ на танҳо бо эҷодиёти худ, балки бо таъсири маънавӣ ва роҳнамоии худ ба дигарон мавқеи барҷаста дар таърихи адабиёт доштааст. Тазкираи ӯ на танҳо дар доираи шеър ва адабиёт маҳдуд нашуда, балки ҳамчун як манбаи илмии муътамад барои баъдинагон хизмат кардааст.

Муҳаққиқ В.Б. Норик низ дар пажуҳиши худ ин нуктаро тақвият бахшида, таъкид кардааст, ки Мутрибии Самарқандӣ дар сохтори тазкира равиши пешгирифтаи Нисориро аз ҳар ҷиҳат такмил додааст [151, 190].

Дар «Музаккири аҳбоб» истифода аз шеър ва овардани намунаҳои шеърӣ низ қобили таваҷҷуҳ аст. Муаллиф ҳамчун сарроф бар баргузидани беҳтарин намунаҳои шеърии шоирон кӯшиш кардааст, ки низ қобили таваҷҷуҳ буда, дар сохтори асар яке аз вежагиҳои он ба ҳисоб меравад. Масалан, дар «Дебоча» 34, «Мақола» (дар чаҳор фасл) 186, боби якум 414, дуюм 222, боби сеюм 217, боби чорум 93 ва хотима 73 байт бо ҷамъи 33 байти маснавӣ, ки дар он омадааст, буда, ҷамъулҷамъ 1239 байт мебошад. Дар ин миён, 64 рубоӣ, 59 ғазал, як маснавӣ (иборат аз 33 байт), 31 қитъа (71 байт), қасида (37 байт) ва боқимондаро абёти алоҳида фаро мегиранд. Аксари ин абёт баргирифта аз дохили ғазалҳои шоирон аст. Бояд таъкид кард, ки намунаҳои қасидаҳо фақат дар шакли як ё ду байтӣ омадаанду матни пурраи ягон қасида дар китоб дарҷ наёфтааст. Ин нуктаро дар мавриди баъзе ғазалҳо ҳам гуфта метавонем ва чунонки анъанаи тазкиранигорон буда, Нисорӣ намунаҳои беҳтарин байтҳои ғазалҳои шоиронро ба ҳайси интихоб зикр менамояд.

«Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ барои шинохти шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон ва никоте марбут ба адабиёти форсӣ-тоҷикии асри XVI сарчашмаи муҳим ва дастиаввал ба шумор меравад. Тазкира илова бар он ки шарҳи ҳолу намунаи осори шуарову удабои замонашро фаро мегирад,

шомили мабоҳиси навъе аз санъатҳои суханварӣ ва нақду баррасии бархе ашъор ҳам мебошад.

## II.2. Сабки таълифи тазкираи Нисорӣ

Пажуҳиш дар сабки таълиф ва хусусиятҳои услуби тазкираҳо, ки навъе аз сарчашмаҳои муҳими асрҳои миёнаи форсу тоҷик ба ҳисоб мераванд, кори бисёрҷабҳа мебошад, зеро тазкираҳо баробари сарчашмаи илмӣ ба шумор рафтан ва хусусиятҳои забонии тахассусӣ доштан, аз ҷумлаи китобҳое мебошанд, ки ороярҳои адабии хосе доранд. Ҳамзамон, як равиши хоси насри пешиниён буда, орӣ аз истифодаи саноеи бадеии маъмул дар наср ҳастанд. Аз ин хотир аст, ки ин кори заҳматфарсо барои муҳаққиқони имрӯз осон нест. Дар таърихи тазкиранигорӣ мувофиқи мушоҳидаҳо тазкираҳое ҳам дида мешавад, ки муаллифони онҳо дар таълифи худ сабки инфиродӣ ва хосеро пеш гирифтаанд ва аз ҷиҳати забон ва услуб, гоҳе сирфан фаннӣ ва гоҳе комилан сода, аз дигар китобҳои ҳамсони худ фарқ доранд. Дар баъзе тазкираҳо танҳо як равиш, зикри муҳимтарин асноди рӯзгори шоир пеш гирифта шудааст ва бо ин навъи самтгирӣ тазкиранигор асари худро мехоҳад аз дигар осори гузаштагону муосирон фарқ бахшад. Масалан, чунин тазкира «Тазкират-уш-шуарои»-и Абдулғанихони Ғанӣ мебошад. Ин тазкира фақат ҳовии маълумоти зиндагонии шоир буда, фарогири намунаҳои ашъори онҳо нест [ниг.: 1]. Дигар, китоби шогирди Нисорӣ Мутрибии Самарқандӣ, ки низ «Тазкират-уш-шуаро» ном дорад. Ҳарчанд, он дар пайравӣ аз асари мавриди таҳқиқи мо нигошта шудааст, зарфиятҳои хосеро фаро мегирад, ки асоситарини он ба китоби тазкира ворид кардани ҳикояҳои ахлоқӣ ва дар ҳар имконият ба масоили ахлоқиву амсоли ин рӯ овардани муаллиф ба шумор меравад [ниг.: 18]. Ин падида боис бар он шуда, ки таъйини сабки таълифи китоб мушкилӣ эҷод намояд. Дар китоби Нисорӣ баръакси ин ҳолат анъанаи тазкират-уш-шуароҳо комилан риоя мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир У.Назиров сабки тазкираро давоми услуби Давлатшоҳи Самарқандиву Ҷомию Алишери Навоӣ медонад [148, 86]. Аммо, дар баробари ин, хусусият

ва зарфиятҳои хосеро дар он ба мушоҳида гирифта метавонем, ки мусаллаҳ будани муаллифи тазкираро аз донишҳои шеършиносӣ ва равандҳои адабиву илмии замонаш нишон медиҳад. Табиист, ки насри дебочаи тазкира аз матни асосии он каме фарқ мекунад. Дар дебоча, чунонки анъанаи дебочанависӣ инро тақозо мекард, таваҷҷуҳ ба фаннӣ кардани наср ва такаллуфоти он дар мисоли зикри оёту аҳодиси набавӣ зиёдтар мебошад. Ин нуктаҳо дар раванди таъйини сабки ягонаи китоб бисёр мушкилиҳо пеш меорад. Аз сӯйи дигар, бисёр хусусиятҳои дигарро барои муҳаққиқ боз мекунад. Пас, ба назари мо, дуруст мебуд, агар ба дебочаи муаллиф баҳои ҷудогонаи сабкшиносона дода шавад, то тарзи нигориш ва ҳунари нависандагии ӯ беҳтар ва дақиқтар намоён гардад. Забони тазкираро дар умум баҳогузории яклухт бояд кард. Дар чунин ҳол ҳам, сабки фардии муаллиф дар ҷойҳои муайян, агарчи аз асли худ дур рафта, ба забони насри фаннӣ наздик мешавад, вале корбурд аз аносири поэтикии наср, амсоли баҳрагирӣ аз забони арабӣ, овардани абёти шоҳид ва саҷъу қавофӣ ҳам бештар мушоҳида мешавад.

Сабки дебочаи «Музаккири аҳбоб», чунонки дар гузашта расм будааст, аз ҳамди Худо, наъти расул, сабаби таълифи китоб, дар таърифи шеър ва амсоли ин иборат мебошад. Ҳангоми нақду баррасӣ тарзи баён ва оройҳои ҳунарии ин бахши асар ва мавзуи фарогири он низ ба инобат гирифта шавад, зеро маҳз ба забон ва тарзи баёни муаллиф таъсири падидаи мавзуӣ бисёр бориз мебошад. Табиист, ки дар мавзуи ҳамди Худову наъти расул, нависанда бештар аз ояту аҳодис истифода мекунад ва дар қисмати таърифи шеър ба ашъори бузургон ва худи муаллиф санад месозад. Ин аст, ки бархе компонентҳои насри маснуъ дар либоси саҷъу чида шудани сифатҳову калимоти ҳамқофияву амсоли ин дар дебоча нисбат ба матни куллии китоб андак бисёр истеъмол шудааст, вале насри дебочаро комилан бо хасоиси фарққунанда гуфтан ҳам аз инсоф берун хоҳад буд. Забони дебоча як андоза мушкилтар аз забони дигар бахшҳои китоб бошад ҳам, фарқи куллие бо он надорад. Дебочаҳо, сарфи назар аз он ки ҳамчун пешгуфтор барои кадом навъи осор навишта мешаванд, бояд ҳамчун асари мустақил шинохта шаванд

ва дар накду таҳқиқ аз ҳамин нуқтаи назар мавриди санҷишу омӯзиш қарор гиранд. Чунки дебочаҳо на фақат устухонбандии хос доранд, балки забони махсусашон низ сабаби имтиёзи онҳо шуда метавонад. Меҳрдод Зиёӣ ҳам ба ин нукта ишора карда, менигорад: «Дебочанависӣ дар адабиёти куҳани форсӣ ба унвони як фанни адабӣ-балоғӣ чандон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст…» [56, 600].

Дебочаи «Музаккири аҳбоб» баъди ҳамди Худо ва наъти расул ба бахшҳои зерин ҷудо мешавад: «Дар манқабати волии олӣ», «Дар таъриф ва шарафи шеър» ва «Дар сабаби таълифи китоб». Зикр шудани қисматҳои дебоча дар ин ҷо бесабаб нест, зеро масоили сабки таълиф ва забони баёни тазкира ба бахшҳои мазкур бастагӣ дорад. Масалан, дар қисмати аввали дебоча руҷуъ кардан ба оёту аҳодис бештар аз дигар қисматҳост ва дар қисмати «Дар манқабати волии олӣ» вобаста ба мавзуъ зикри саҷъ бештар дида мешавад. Мисол: «Ва салавоти фасоҳатомез ва таҳиёти балоғатангез ба ҳукми каримаи: «Инналлоҳа ва малоикатаҳу йусаллуна ъала-н-набиййи йо аййуҳа-л-лазина омaну саллу ъалайҳи ва саллиму таслиман», бар Саййиди коинот ва санади макнунот, ки афзали русул ва акмали ҳодиёни субул аст ва маориҷи фасоҳату балоғаташ ба хутбаи балиғаи: «Ва мо ъалламноҳ-уш-шеъра ва мо йанбағӣ лаҳу» уруҷи шеърро дар пастӣ ва пояи қадри фусаҳоро дар шикаст дорад» [9, 52]. Дар иқтибоси боло ишора сураи «Аҳзоб», ояти 25 шудааст, ки тарҷумааш чунин аст: «Ҳамоно, Худо ва фариштагони Ӯ бар пайғамбар дуруд мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, бар вай дуруд бифиристед ва ба салом гуфтане салом гӯед». Ҳамчунин, ба порае аз ояти 69-и сураи «Ё Син» омадааст, ки дар он Худованд мефармояд: «Ва ба пайғамбар шеър наёмӯхтаем ва ин барои ӯ шоиста нест».

Аз қисмати дувум ин иқтибос чунин оварда мешавад: «Ҳодии замону маҳдии даврон, солики масолики тариқат ва молики мамолики ҳақиқат, аъзам-ус-салотини фи-л-офоқ, соҳиб-ус-сарири би-л-истеҳқоқ, боситу аҷниҳат-ил-амини ва-л-амони ъало рууси аҳл-ил-имон, ал-муаййаду

битаъйид-ил-малик-ил-мустаъон, низом-уд-давлати ва-л-ҳашамати ва-р-рифъати ва-л-иҷлоли Абулғозӣ Искандари Баҳодурхон…» [9, 3].

Бар ин асос метавон таъкид кард, ки дебочаҳо бештар бо забони пуртакаллуф, бо саҷъҳову сифатчиниҳо ё паиҳам овардани калимоти ҳамоҳанг таълиф шудаанд. Ин ҳақиқат аз шаклу муҳтавои намунаи мазкур маълум мешавад, ки дебочаи мавриди назар бо насри маснуъ навишта шудааст. Вуҷуди иборахои *солики масолики тариқат, молики мамолики ҳақиқат, боситу аҷниҳат-ил-амини ва-л-амон* ва амсоли ин иддаои моро тасдиқ мекунад. Чунонки дар ин маврид Маликушшуаро Баҳор низ ишораи хубе карда буд: «…дар Эрону Ҳиндустон насри умумӣ ва кутуби илмӣ насри содаву равон буд ва аҳёнан дар сустиву каммоягӣ аз асри Темурӣ низ фурӯтар афтода буд, аммо дар ҳамон ҳол насри фаннӣ фаромӯш нашуду муншиёни дарборӣ ва аҳли фазл барои нишон додани маълумоти худ аз «Зафарнома»-ву «Вассоф» тақлид мекарданд…» [41, 258].

Мо роҷеъ ба дигар хусусиятҳои дебоча таваққуф накарда, ба мавзуи асосӣ бармегардем. Як нуктаи бисёр муҳим дар сабки таълифи тазкира, аз рӯйи мушоҳидаи мо ва ҳам аз рӯйи таъкиди мутахассисон ин баҳогузорӣ ва ё муносибати иҷтимоӣ ба шоир аст [148, 87]. Яъне, дар қисмати аввал, ки роҷеъ ба салотини суханвар аст, сабки баёни Нисорӣ якандоза фарқ мекунад. Ӯ дар ин қисмат вобаста ба мавқеи иҷтимоии шуаро аз истифода васфҳои мураккаб ва забони наздик ба насри фаннӣ худдорӣ намекунад ва аксаран баёни ӯ бо сифатҳои пайдарпайи мусаҷҷаъ оганда мебошад. Падидаи мазкур дар мавриди шуарои бузурги ҳамзамонаш ҳам, ки ба мансабҳои давлатӣ иртиботе надоштаанд, дуруст мегирад. Агар шоир аз назари иҷтимоӣ соҳиби мавқеи қавӣ нест, муаллиф шарҳи ҳоли ӯро мухтасар меорад, ки вобаста ба он сабки баёнаш ҳам фарқ мекунад. Барои муайян кардани дигар хусусиятҳои сабки таълифи тазкираи мавриди назар ва бештар диққат кардан бар забон ва шеваи баёни Нисорӣ ба нукоти зерин ба таври муфассалтар таваҷҷуҳ менамоем.

**Истифода аз таркибот ва ҷумлаҳои арабӣ**. Яке аз асоситарин ва пуркорбурдтарин шеваҳои насри фаннӣ, ки сабки тазкираи мавриди таҳқиқ ба он бисёр наздикӣ дорад ва ҳам он ки вежагии тахассусӣ доштани он китобро ба насри навъи мазкур тақвият мебахшад, истифодаи зиёд аз ибора, таркиб ва ҷумлаҳои арабист. Ин омил, яъне робитаи фарҳангии ду қавми бузурги Шарқ ба қавли А.Абдусаттор реша дар замони Ҳахоманишиҳо дорад [32, 3]. Аммо бештар қувват гирифтани робитаи мазкур, баъди паҳншавии дини ислом ба назар мерасад, зеро дар асрҳои V-VI мелодӣ миллати мо комилан дар иҳотаи ин фарҳанг боқӣ мондаву аз он бештар аз пештар таъсир пазируфтааст. Он чи ки дар ин маврид қобили қайд аст, он ки иқтибосоти арабӣ, дар кадом шакле, ки набошад, ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:

***Оёти қуръонӣ.*** Нахустин заминаи судҷӯии шоирон ва ё носирон дар ҷараёни баҳраварӣ аз ифодаҳои арабӣ, ба таври табиӣ, ин руҷуъ ба каломи илоҳӣ ва истифода аз оятҳои қуръонист. Дар саросари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хоҳ дар назм ва хоҳ дар наср, ба риштаи истеъмол кашидани оятҳои қуръонӣ ва талмеҳ бар он задан, аз хусусиятҳои умдаи ҷаҳонбинӣ ва ҳунарӣ ба ҳисоб меояд. Профессор Умеда Ғаффорова ҳам дар ин замина дар таҳқиқи хеш доир ба масъалаи мазкур чунин ибрози назар намуда, менависад: «Дар ташаккули сувари хаёли адибони арабизабону форсизабон ва дертар халқҳои дигар қиссаҳои қуръонӣ аз авомили муҳимтарин ва аз он мароҷеи мақоми аввал буданд» [51, 213]. Вале дар равиши нигориши насри тазкираҳо, ки ин падида ба ҳайси мушаххасоти онҳо ба шумор намеравад, анъанаҳои хосе вуҷуд дорад. Масалан, тазкиранигорон бештар дар қисматҳои нахустини дебочаи тазкира ва ё ҳангоми васфи мамдуҳ ва ҳини сифат кардани шоире ориф ва амсоли ин, ба овардани оёт рӯ овардаанд. Аммо тазкираи мавриди таҳқиқи мо, чунонки қаблан дар баррасии қисмати дебочаи он ишора шуд, аз он шумор берун буда, дар он аз дебочааш сар карда, истифода аз оятҳои каримаи Қуръон бештар аз дигар кутуби тазкира ба назар мерасад. Мо ин иддаои худро дар асоси қиёс кардани тазкираи Нисорӣ бо китоби яке аз пайравон ва шогирдони ӯ – Мутрибии Самарқандӣ хубтар мушоҳида карда

метавонем. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқи ӯзбекистонӣ Махфират Қурбоналиева муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» «наздик ба 25 маврид аз каломи илоҳӣ барои тазйини фикру далели иддаояш баҳра ҷустааст» [62, 66]. Дар ҳоле ки Нисорӣ дар 34 мавриد аз сураҳои Қуръон иқтибос кардаву тақрибан боз ҳамин миқдор ишораҳое ба каломи илоҳӣ дорад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои истифодаи оятҳо зимни сифат кардан аст: «Ва ба мазмуни «*Ал-Кариму изо ваъада вафо*» ҳаргиз ваъдае накарда, ки ба вафо нарасида бошад. Ва ба ҳукми ояи каримаи «*Ва изо ҳуййийтум би таҳиййатин фаҳаййу би аҳсана минҳо ав руддуҳумо*», ҳеч кас ба расми ҳадия тухфае ба хидматаш наёварда, ки беҳтар аз ӯ рад накарда бошад. Ва ба мадлули каримаи «*Иннама-л-хамру ва-л-майсиру ва-л-ансобу ва-л-азлому риҷсун мин амал-иш-шайтони*» амал намуда…» [9, 4]. Ҷумлаи аввал «Агар кариме ваъда кард, вафо мекунад», тарҷума мешавад, ки мазмунан аз ҳадис аст. Ҷумлаи дуюми арабӣ порае аз ояти 86-и сураи «Нисо» мебошад, ки тарҷумаи пурраи он чунин аст: «Ва чун ба саломе таъзим карда шавед, пас, ба калимае беҳтар аз он таъзим кунед, ё ба ҳамон калима ҷавоб диҳед». Ҷумлаи охир ояти Қуръон буда, аз сураи «Моида», ояти 90 гирифта шудааст. Тарҷума: «Ба дурустӣ, ки хамру қимор ва бутҳо (сангҳои ҳаволии Каъбаи пеш аз ислом) ва фолгирӣ аз ҷумлаи палидиҳост ва он ҷуз амали шайтон нест».

Мо ҳамчунин мавридҳое ба мушоҳида гирифтем, ки Нисорӣ дар байни шеър онро зикр месозад:

*«Дар илм чу суҳбу ол гашта маҳара,*

*Бар нахли нубувватанд ҳамчун самара,*

*Касро нарасад баробарӣ бо эшон,*

*К-эшон ҳама ҳастанд «киромун барара»* [9, 1].

Ибораи ишорашуда «Киромун барара» иқтибоси ояти 16, сураи «Абаса», тарҷума: «(Онҳо) гиромиёни некӯкор мебошанд», аст. Як хусусияти дигари истифодаи оёт овардани танҳо як калима ба ҳайси мисол аст: «…Машоихи изом ба ғайри «саррафно» ҳадияе ба даргоҳи ҷаҳонпаноҳаш

намеоранд…» [9, 4]. Ин ҷо «саррафно» ишора ба ояти 41-уми сураи «Исро», ки ба маънои такрор кардан ва гаштаю баргашта ишора кардан аст, мебошад. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо, барои риояи матлаб ва тибқи талаботи ҳусни баён муаллиф, бо вуҷуди он ки аз ду оят якбора иқтибос меорад, калимаеро аз он ҳазф мекунад. Мисол: «Ва забти асомии сомии шуарои мутақаддамро амири боинтибоҳ Давлатшоҳ… тазкирае батафсил ба такмил расонида, ба мазмуни «*Иннаҳо тазкиратун фа ман шоъа закараҳу*», аз гуфтори ғарибу ашъори дилфиребi эшон ба тақриб дар он зикр карда…» [9, 6]. Ояти ишорашуда сураи «Абаса», ояти 11 мебошад. Дар ин иқтибос танҳо калимаи «Калло» партофта шудааст ва ояти 12 низ омадааст. Тарҷумаи пурраи ин оятҳо чунин аст: «Ҳаргиз чунин нест, ба дурустӣ ки ин оёти Қуръон панд аст. Ва ҳар кӣ хоҳад онро ёд кунад».

***Аҳодиси набавӣ.*** Яке аз шохисаҳои дигар дар истифодаи ҷумлаҳои арабӣ ва баҳрамандии Нисорӣ аз ин забон истихдом аз аҳодиси набавист. Аммо зикри ин нукта баҷо хоҳад буд, ки аҳодис мисли оятҳои қуръонӣ бисёр истифода нашудаанд. Тибқи шумориши мо дар китоб ҳамагӣ 20 ҳадис иқтибос шудаанд. Аксаран сабки сабти ҳадисҳо бад-ин минвол аст:

«Аз авлоди амоҷиди Хоҷаи Мавдуд аст, *қаддасаллоҳу сирруҳу* ва ба мазмуни ҳадиси «*Кун фи-д-дунё кааннака ғарибун*», ӯ обири сабили авқоти бобаракот дар мусофират сарф намудӣ…» [9, 198]. Яъне, Нисорӣ аввал бо ишораи калимаи ҳадис баъдан матни онро меорад. Дар иқтибоси болоӣ ҳам ҳадиси «Кун фи-д-дунё кааннака ғарибун», яъне дар дунё чунон бош, ки гӯё мусофир бошӣ, омадааст. Аммо гоҳи дигар барои канда нашудан аз рафти нақли воқеа аввал матни ҳадисро оварда, баъдан зикри ҳадис будани онро мекунад: «…ва ривоят кардаанд, ки он Ҳазрат, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллама фармудаанд, ки: «*Ман софаҳанӣ софаҳтуҳу йавма-л-қийомати ва ваҷабат ъалаййа шафоъатуҳу ва казолика ман софаҳа биман софаҳанӣ илаййа сабъа маротиб софаҳтуҳу йавма-л-қийомати ва ваҷабат ъалаййа шафоъатуҳу*». *Ҳозо ҳадисун муътамирун мина-л-машойихи*» [9, 37]. Яъне: Касе, ки бо ман мусофаҳа кунад, ман бо ӯ дар рӯзи қиёмат мусофаҳа мекунам

ва шафоати ӯ бар ман воҷиб мегардад ва, инчунин, касе мусофаҳа мекунад бо шахсе, ки бо ман мусофаҳа кардааст, дар рӯзи қиёмат ман ҳафт маротиба бо ӯ мусофаҳа мекунам ва ӯро шафоат менамоя. Ин ҳадис аз машоих нақл шудааст.

Ҳамчунин, мавридҳое ҳам дида шуд, ки муаллифи тазкира бидуни хабар додан аз ҳадис будан ва ё набудани ҷумлаи арабӣ онро сабт месозад. Чунончи: «…ва хилъати хилқаташро ба тирози «*Инналлоҳа йуҳибб-уш-шуҷоъа*» мутарраз намуда, дар назари салотини замону хавоқини даврон дар сурати шуҷоату салобат муаззаз сохта…» [9, 8]. Тарҷумаи ҳадиси дар иқтибоси боло омада чунин аст: Худованд дар ҳақиқат шахси далеру шуҷоъро дӯст медорад. Ба назари мо, сабаби бе таъкид овардани мутуни аҳодис дар дохили китоб он аст, ки ҳадисҳои мазкур дар замони зисти нигорандаи тазкира маъруфу машҳур буданд.

***Ашъори арабӣ.*** Ашъори арабӣ, аз сабаби он ки шоирону нависандагони мо аз адабиёти араб тавассути дини мубини ислом таъсир пазируфтаанд, ба хубӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таъсиргузор буд. Мо намунаҳои бисёре аз назму насри форси тоҷикӣ нақл карда метавонем, ки дар онҳо таъсири мустақим ва ғайримустақими ашъори арабӣ, масалу мақолҳо, ҷумлаҳои дуоия ва амсоли ин дида мешавад. Мо дар ин зербахш танҳо ба ашъори арабии шомили тазкираи «Музаккири аҳбоб» таваҷҷуҳ мекунем. Ашъори арабӣ, аз ҷузъи хурдтарини он – мисраъ сар карда, мавриди истифодаи Нисорӣ қарор гирифтааст. Мисол: «Ва хидмати шайх Ҷалол бисёр ширинкалом ва бағоят муаддаб буд ва аҳли маҷлисро ба ҳадис мерабуд гӯё аз хавориқи одаташ буд, ки ҳарчанд суханро мукаррар мефармуд гарди малол аз оинаи дили сомеон бештар мезудуд. Мисраъ: *Ҳува-л-миску мо каррартуҳу йатазаввaъ*» [9, 36]. Ё ин ки дар ҷойи дигар мехонем: «Табъи некӯ дошт ва бо вуҷуди мазмуни – *Ва лавла-ш-шеъру б-ил-уламои йазрӣ.* – ба шеър илтифот менамуд. Ва ба забони тозӣ абёти некӯ дорад ва ин байт аз ҷумлаи каломи балоғатомези фасоҳатангези ӯст:

*Лав малику йарҳаму ман фи-с-саро,*

*Йаҳамаҳ-ул-лоҳу малик-ус-само»* [9, 195].

Дар саросари тазкира 2 мисраъ, 5 байт, 1 рубоӣ ва 1 ғазал (5 байт) шеъри арабӣ сабт шудааст. Аз ин миён ду байт дар дебочаи Нисорӣ зикр мешавад [ниг.: 9, 6-7].

Рубоии шомили китоб ҳам, ки ба забони арабист, дар мавзуи ирфонӣ буда, ҳолу ҳавои сӯфиёна дорад [ниг.: 9, 15]. Аммо яке аз зеботарин пораҳои шеърии арабӣ, ки дар тазкира нақл мешавад, ин ғазали Амир Убайдуллоҳхон аст, ки ба қарори зайл мебошад:

*Ҳаййиранӣ ҷамолуҳу анзуру фи камолиҳи,*
*Куллу лисонин восифун фи сифати ҷамолиҳилм*
*Азъафанӣ вифоқуҳу камисли иштиёқиҳи,*
*Аҳрақанӣ фироқаҳу фи талаби висолиҳилм*
*Азза ва ҷалла зикруҳу ва ло илоҳа ғайруҳу,*
*Ҳайрату куллу восифин фи сифати ҷалолиҳилм*
*Ман ъашақа лиқоаҳу йаҳриқуҳу фироқуҳу,*
*Кайфа йакуну ҳолиҳи ман раҳама биҳолиҳилм*
*Толибука Убайдука минҳу ҳува йуридука,*
*Фа-аътаҳу муродаҳу анта муриду нолиҳи* [9, 23].

Тарҷума: **Байти аввал:** То ба камоли ӯ дидам ва назар кардам, ҷамоли ӯ маро ба ҳайрат андохт. Ҳар забон восифи ҷамоли ӯст. **Байти дуюм:** Маро вифоқи ӯ мисли дарди иштиёқаш заиф кард ва оташи фироқаш чунон сӯзонд, ки дар талабаш сӯхтам. **Байти сеюм:** Зикри ӯ бо иззату ҷалолат аст ва ӯст, ки ғайри ӯ дигар Худованде нест. Аз ин рӯ, кулли восифон дар сифат кардани ҷалолати ӯ ҳайрон мондаанд. **Байти чорум:** Ҳар ки ба лиқои ӯ ошиқ мешавад, оташи фироқ ӯро месӯзад. Пас, ҳоли ӯ чӣ мешавад ва чӣ касе ба ҳоли ӯ раҳм мекунад?! **Байти панҷум:** Убайд (тахаллуси шоири ҳоким – З.М.) толиби туст ва аз дунё танҳо туро мехоҳад, пас хоҳиши ӯро барор чун муроди аслии ӯ ҳастӣ.

***Ҷумлаҳо ва дигар ифодаҳои арабӣ.*** Мисли оёту аҳодис ҷумла ва ифодаҳои арабӣ низ дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» бисёр мавриди

истифодаи муаллиф будааст. Чанд навъи корбасти он ба мушоҳида гирифта шуд: нахуст, ҷумлаҳои васфӣ ва ё сифатӣ дар баёни ин ё он хислати шоирон ва ҷумлаҳои иқтибосии арабӣ; дувум, масалҳо ва ё гуфтори бузургон; сеюм, корбурди арабиёт ифодаи рақамҳо ва солҳо; чаҳорум, ҷумлаҳо ва ё нимҷумлаҳои дуоия; панҷум, ифодаҳои маъмул дар назму насри классикии форсии тоҷикӣ.

Мо дар зер барои тул надодани матлаб чанд намуна меорем:

<u>*Намуна аз ҷумлаҳои сифатӣ:*</u> «…(Ибни Сино. – З.М.) «*Ва кона вилодатуҳу фи санатин сабъина ва салосамиъа ва кона абуҳу раҷулан мин аҳли Балхин ва фи охири ҳаётиҳи тоба ва тасаддақа бимо маъаҳу ъала-л-фуқарои ва радд-ал-мазолими ва кона йаҳфаз-ул-Қуръона ва йахтиму фи кулли салосати аййомин сумма мота фи йавм-ил-ҷумуъат-ил-ъула мин рамазонин санатан самонина ва ъишрина ва арбаъамиатан ва дуфина би Ҳамадонин*» [9, 22]. Тарҷумаи ҷумлаи арабӣ: Вилодати ӯ дар соли 370 ҳ. (981 м.) аст. Падараш марде аз аҳли Балх буда, дар охири ҳаёташ тавба карда, он чизҳое, ки дошт, ба фақирон садақа намуда, ба ислоҳи хатоҳои худ пардохт. Қуръонро ҳифз намуда ва дар ҳар се рӯз хатм кардааст. Вафоти ӯ дар соли 428 ҳ. (1037 м.), рӯзи ҷумъаи аввали моҳи рамазон буда ва дар Ҳамадон дафн шудааст.

<u>*Намунаи ҷумлаи иқтибосӣ:*</u> «Ва дар «Шарҳи Кирмонӣ» мастур аст, ки «*Ҷинон-ул-арзи арбаъатун: Абиллат-ул-Басра ва Ғутату Димашқ ва Суғду Самарқанд ва Шаъбу Баввон. Вахталафа бианнаҳу ҳува Шаъбу Баввон Кирмон ав Шаъбу Нубандҷон*» [9, 29-30]. Тарҷума: Биҳишти рӯйи замин чор макон аст: Абиллаи Басра, Ғутати Димишқ, Суғди Самарқанд ва Шаъби Баввон. Ва ихтилоф аст, ки Шаъби Баввон Кирмон аст, ё Нубандҷон (Набандигон, ки дар наздикии шаҳри Фасост. – З.М.).

Ҳамчунин, ҷумлаҳое дида мешавад, ки онҳо ба ягон аз навъе аз ин ду навъи ҷумлаҳо ва дигар анвои мазкур дар боло дида намешавад. Мисол: «…ва дар аввали он зикр намудаанд: «*саммайтуҳа би-л-фавоид-из-зийоиййати лианнаҳо лиҳоза-л-ҷамъи ва-т-таълифи ка-л-иллат-ил-ғоийати*»

[9, 29]. Ва ё ин ки: «*Мо домат-ил-афлоки ҳавла-л-марокизи доира ва-л-кавокиби фи дараҷот-ил-буруҷи соира*» [9, 5]. Тарҷумаи ҷумлаи аввал: «Ман онро «Фавоиди Зиёия» ном ниҳодам, чун дар он ҷамъу таълиф мисли иллати ғоят омадааст». Тарҷумаи ҷумлаи дуюм: «То он даме, ки афлок дар марказҳои худ гардон ва ситорагон дар бурҷҳои худ сайёр бошанд».

*Намунаҳо аз гуфтори бузургон ва масалҳои арабӣ:* «Ҳарчанд, ки «*Ло самаратун фи-л-хилофи*» воқеъ шуда…» [9, 298]. Тарҷума: Дар хилоф кардани ҳам самарае нест.

«Аз Хуросон аст бе фаросате ва киёсате набуд ва ба мазмуни «*Ман талаба шайан ва ҷадда ваҷада*» ба мақсуди худ расид» [9, 202-201]. Гунаи тоҷикии масал: Ҷӯянда, ёбанда аст.

«Ва ашъораш ба мазмуни «*Тасмаъ би-л-маъидӣ хайрун мин ан тароҳу*», аз суҳбаташ бисёр беҳтар буд» [9, 205]. Гунаи тоҷикии масал: Шунидан кай бувад монанди дидан.

Дар баъзе аз гуфторҳои арабӣ ифодаи мазомини ирфонӣ низ ба мушоҳида расид: «*Фи кулли нағматин мин нағамоти-л-мусиқиййати сиррун мин асрориллаҳи таъоло*» [9, 317]. Тарҷума: Дар ҳар нағма аз нағамоти мусиқӣ сирре аз асрори илоҳӣ нуҳуфтааст.

Намунаҳо аз чигунагии сабти сол ва рақам ба забони арабӣ*:* «Ибтидои фатҳи Бухоро дар санаи *арбаъа ва хамсина мин-ал-ҳиҷрат-ин-набавиййати* буда, ки аҳди саҳоба аст, *разийаллоҳу таоло анҳум*, баъд аз он аз аҳли Бухоро иртидое воқеъ шуда, *наъузу биллоҳи* ва фатҳи дувум дар санаи *тисъина мина-л-ҳиҷрати* буда…» [9, 21]. Тарҷумаи санаи аввал 54 аст ва тарҷумаи соли 90-и ҳиҷрӣ мебошад.

*Намунаҳо аз ҷумлаҳои дуоия:* «Ба тавофи Каъбаи муаззама ва зиёрати Мадинаи мукаррама, зодаҳумаллоҳу таоло таъзиман ва такриман» [9, 20]. Тарҷума: Худо бар таъзиму такрими онҳо бияфзояд.

Дар асари мавриди таҳқиқ айнан аз дуо баргирифта шудани теъдоди ҷумлаҳо ба назар мерасад. Мисол: «*Раббӣ ишраҳ лӣ садрӣ ва йассир лӣ амрӣ*» [9, 75]. Тарҷума: Худоё, синаамро боз ва корамро осон намо. Ё ин ки

ҷумлаҳои дуоияе ҳам ҳастанд, ки соф бофта ва сохтаи худи муаллифанд. Чунончи: «…баёни нисбати қутр ба муҳит бар сабили таҳқиқ ҳадди башар нест. *Субҳона ман ло йаърифу нисбат-ул-қутри ила-л-муҳити илло ҳува*» [9, 327]. Тарҷума: Пок аст он зоте, ки нисбати қутру муҳитро ҷуз Ӯ ҳеҷ касе намедонад. Яъне, тазкиранигор ин ҷумлаи дуоияро дар рафти баҳси масъалаи матраҳ дар тазкира худ бофтаву овардааст. Гуфтан ба маврид аст, ки бештари иқтибосоти арабиро дар тазкира маҳз ҷумлаҳои арабии дуоия ташкил медиҳанд. Барои он ки Нисорӣ, чунонки анъанаи тазкиранигории пеш аз ӯ ҳам буда, аз онҳо бисёр суд меҷӯяд. Дар матни тазкира мо ҷумлаҳои *Аллоҳуммағфир лаҳу варҳамҳу*, *ъалайҳи афзал-ус-салавоти ва-с-саломи мин-ал-ъалим-ил-ъаллом*, *ғаффараллоҳу лаҳу ва ли волидайҳи*, *ҳасби Раббӣ ҷаллаллоҳу*, *мо фи қалбӣ ғайраллоҳу*, *аллоҳумма заддаҳу ва ло танқус* ва амсоли инро дида метавонем. Инчунин, дуоҳои бисёр маъмули арабӣ, мисли *нуввира машҳадуҳу*, *разийаллоҳу ъанҳу*, *салламаҳуллоҳу ва абқоҳу*, *қаддасаллоҳу таоло арвоҳаҳум-ул-ъалиййа*, *қаддасаллоҳу таоло сирруҳум*, *наввараллоҳу марқадаҳу*, *қуддиса сирруҳу*, *равваҳаллоҳу таъоло руҳаҳум аҷмаъин*, *зодаҳумаллоҳу таъоло ташрифан ва таъзиман*, *тоба масвоҳу*, *ризвонуллоҳи ъалайҳим аҷмаъин*, *ъалайҳирраҳмату*, *халладаллоҳу таоло мулкаҳу*, *талабан лимарзот-ил-лоҳи*, *раҳимаҳумуллоҳу таъоло*, *анораллоҳу бурҳонаҳу*, *рафаъаллоҳу шаънаҳу* ва амсоли ин истифода шудаанд.

Ба ҷуз ҷумлаҳои дуоия ва ифодаҳои ба он наздик мо дар матни тазкира бакоргирии ҷумлаҳои дигареро ҳам мебинем, ки мазмунан ба дуо рабте надоранд. Мисли «*Валлоҳу таъоло аълам би ҳақиқат-ил-ҳоли ва илайҳ-ил-марҷиъу…*» [9, 32]. Ва ё ин ки чун ҷумлаи зер: «*…ло зола қадруҳу ъалаййа ва қалбуҳу сафиййа*» [9, 102]. Бояд таъкид шавад, ки ифодаҳои маъмули арабӣ низ мебошанд. Ин ифодаҳо *ва-л-ъилму ъиндаллоҳи*, *валлоҳу аълам би-с-савоби*, *мушорун илайҳи*, *мо ҳозо башаран*, *рабб-ул-арбоб*, *холисан лиллоҳ*, *валлоҳу аълам*, *ило йавмино ҳозо* ва амсоли инҳо мебошад.

**Ҳунарнамоӣ тавассути санъати саҷъ.** Саҷъро «дар наср ба ҳукми қофия» [55, 40] мешиносанд. Барои он ки қариб дар ҳамаи давру замонҳо ва

сабкҳои наср камубеш иштироки онро метавон мушоҳида кард. Аз ин рӯ, дар бештари осори бадеъшиносӣ дар мавриди он сухан меравад [15, 36-37; 22, 68; 27, 38-41; 26, 41-45]. Ҳамчунин, дар баъзе давраҳои наср санъати саҷъ ба ҳайси яке аз мушаххасоти он шинохта мешавад. Ё ин ки онро яке аз шохисаҳои анвои наср донистан зарур аст. Р.Мусулмонқулов низ саҷъро яке аз муҳимтарин падидаҳои насри сабки ҳиндӣ медонад [82, 109]. Дар ин партав бояд зикр шавад, ки Маликушшуаро Баҳор давраи ба қалам омадани «Музаккири аҳбоб»-ро давраи вусъат ёфтани истифодаи саҷъ дар наср медонад: «...чизе, ки дар асри Сафавия шабоҳате ба насри қадим дорад, яке саҷъ аст, дигаре такаллуфоти шоирона... аст» [41, 258]. Замони таълифи китоби Нисорӣ ҳам дар давраи аввали созмонёбии давлати Сафавӣ рост меояд, аз ин рӯ онро низ шомили хусусиёти номбурдашуда бояд шуморем. Бо вуҷуди он ки Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳайси ду давлати мустақил арзи ҳастӣ мекардаанд, дар ин давра ҳаргиз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва падидаҳои адабӣ дар шакли ҷудогона ва ё мутафарриқ аз ҳам набудаанд, балки адабиёт ҳамчун расми ҳувияти миллӣ самтҳои ягонаи гароиш ва ташаккули минбаъдаи фарҳангии миллатҳои аз ҳам дурмондаро нишон медод. Осори насрӣ, бахусус тазкираҳо, аз ҷумлаи осори назарии адабиётшиносӣ ба ҳисоб оянд ҳам, аз шумори асарҳои доираи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва кори завқӣ берун нестанд. Пас, агар дар такя ба қавли пажуҳишгарон саҷъро яке аз умдатарин хасоиси насри ин замон муаррифӣ кунем, соҳиби «Музаккири аҳбоб» ба корбурдҳои аҷиби санъати саҷъ даст бурдааст. Масалан, ӯ на танҳо бо овардани саҷъи калимот дар дохили ҷумлаҳо барои оҳангнокии забон нокифоя аст, балки, бар иловаи саҷъи нимҷумлаҳо, ду калимаи ҳамвазну ҳамқофияро пайиҳам оварда, саҷъи мутавозии наверо месозад: «Ва аз замони иртиҳоли Хони ҳамидахисол – ҳазрати Убайдуллоҳхон, *навваруллоҳу марқадаҳу*, кавкаби абкори афкори фузало ба воситаи талотуми амвоҷи фитан ва тарокуми афвоҷи миҳан дар муқантароти инҳитот ҳубут намуда. Ва дар мадори интифо, абади-юл-хулафо гардида, мастур менамуд» [9, 2]. Дар ҷумлаи боло вожагони *иртиҳол* бо *ҳамидахисол, фитан* бо *миҳан, фузало* бо

*интифо* саҷъи зебову хушоҳанг шуда омада бошанд ҳам, барои боз ҳам оҳангноктар садо додани ҷумлаҳо нигоранда аз ибораҳои «абкори афкор», «муқантароти инҳитот» ва «интифо, абади-юл-хулафо» истифода мекунад. Зимнан, дар ин ҷо саҷъи «талотуми амвоҷи фитан» ва «тарокуми афвоҷи миҳан»-ро саҷъи мутавозӣ, яъне баробар гуфта метавонем. Пас, маълум мешавад, ки усули бакоргирии саҷъ дар тазкираи мавриди таҳқиқи мо усули содае нест ва вежагиҳое дорад. Аз ин рӯ, дуруст мешавад, агар мо онро дар мисолҳои алоҳида баррасӣ намоем. Нахуст аз саҷъҳои сода ва маъмулии наср оғоз мекунем. Чунонки гуфта шуд, муаллиф гоҳе дар як ҷумла чанд саҷъро ба кор мегирад ва ғолибан ин саҷъҳо содаанд: «Лиллоҳ-ил-ҳамду ва-л-миннату, ки аз ашиъаи машоғили ***<u>самсоми зафарфарҷом </u>***ва анвори масобиҳи ***адолатанҷоми*** **салотини замон** ва **хавоқини даврон**, *шаби дайҷури усрат* ба *мисбоҳи сабоҳи юсрат* мунаввар гашта…» [9, 2]. Дар ин ҷумла ҳам се навъи саҷъро мушоҳида мекунем. Якум – саҷъи маъмули насри форсии тоҷикӣ *зафарфарҷом* ва *адолатанҷом*, дуюм – саҷъи мутавозӣ *салотини замон* ва *хавоқини даврон* ва сеюм – саҷъи мураккаб, ки аз овардани иборае аз ду ва ё зиёда калимаи ҳамқофия ва аз ҷиҳати оҳанг бо ҳам наздик сохта шудааст, чун *самсоми зафарфарҷом* дар ҷумлаи мазкур.

Дар навъи аввали саҷъ мисолҳои бисёреро зикр карда метавонем, ки «ва ба шеъри шуаро **мепардохта** ва фузалоро ҳамсуҳбати худ **месохта**» [9, 15]; «ва занги ҳамумро ба сайқали теғи обдор аз оинаи дили ӯ **мезудуда** ва ҳазрати Муфаттиҳ-ул-абвоб ҳар ҷой дари давлат ба рӯйи эшон **кушуда**» [9, 16] ва «Эҳтимоми тамом **дошт** ва авқоти шарифро зоеъ **намегузошт**» [9, 18]. Мо дар ин ҷо аз овардани мисолҳои зиёд худдорӣ намуда, барои тул надодани матлаб фақат ба нуктае ишора карданӣ ҳастем, ки навъи саҷъи зикршуда қариб сартосари китоби мавриди назар дида ва ба мушоҳида гирифта мешавад. Азбаски анвои дигари саҷъ ба назари мо бештар хусусиятҳои сабкии тазкираро муаррифӣ мекунад, таваққуф бар онҳоро афзал мешуморем. Нахуст мо зикри саҷъҳоеро, ки тавассути зикри калимоти наздикталаффуз, ки пайиҳам омадаанд, зарур мешуморем. Ин навъи саҷъ ҳам

дар сабки таълифи тазкира яке аз хусусиятҳои умда ба шумор меравад. Чунончи: «Бо вуҷуди он, ки табъи салимашро чандин ***машоғил шоғил*** буд, аммо зеҳни ***мустақимаш мустаҷмаи ҷамеи*** фазоил менамуд» [9, 17]. Ё ин ки: «Ва дар офтоби ***заволи вубол*** муҳтарақ гашта ва дурраи ***ваҳҳоҷи тоҷи ибтиҳоҷаш*** аз раъс ба занб мунтақил гардидааст» [9, 17]. Як хусусияти аз пайиҳам зикр шудани калимоти наздикталаффуз он аст, ки баъзан онҳо саҷъи куллии ҷумларо ташкил намедиҳанд. Чунонки ин падида дар мисоли дуюми зикршуда ба хубӣ дида мешавад. Аммо баъзан ин навъи калимот ҳамчун саҷъи асосӣ меоянд: «Ва чун ***санавоти ҳаёти*** шарифи эшон ба адади «кос» расида, ки ҳаштоду як аст, аз ***коси боқии соқии аҷал*** роҳи ***муштоқӣ*** бад-эшон чашонида…» [9, 35]. Мисоли бештари ифодаҳои мазкурро дар либоси ибораҳои *бо вуҷуди музоҳимоти малаки зоти малакисифоташ, самсоми фатҳанҷом, олими омилу комили мукаммил, эҳтимоми тамом, авқоти бобаракоташ ба ғазавот, ба нафси нафиси худ, мазори касир-ул-анвор, хони мағфури мабрури мазкур, замири маҳртанвир, сулуки мулуки вораста, зоти малакисифот, аз хони моидаи ифодаи пурфоидаи эшон, ҷивори мазори файзосори ҳазрати Хоҷаи бузургвор* ва ғайра ҷилва мекунад. Ин хусусиятҳо боис мешавад, ки муаллифи тазкира дар баъзе мавридҳо барои риояи оҳангнокии ҷумлаҳо ба бозӣ бо калимот рӯ биёварад ва дар натиҷа сабки таълифи худро ба сабки насри маснуъ наздик кунад. Мисол: «Чун аҳли он *ҳисор* дар охири *кор* аз муҳосира ба **танг** омаданд ва тоби **ҷанг** наёварда, **чанг** дар *тори эътизор* заданд…» [9, 19]. Дар ҷумлаи зикршуда калимаҳои бо ранги ғафс ишорагардида ба саҷъи ҷумла дахле надоранд. Яъне, инҳо ҳамчун қофияе, ки оҳангнокии ҷумларо таъмин мекунад, сабт гардидаанд. Дар мавридҳои дигар бозӣ бо калимот дар шаклҳои дигаргунатар сурат мегирад. Мисол: «…бештари майли башар ба шар (р) аст» [9, 24] ва «…сафоиҳи ӯро чун саҳоифи афлок…» [9, 26] ва ғайра.

Бояд зикр шавад, ки ба сабаби пайиҳам овардани калимоти наздикталаффуз нависандаи тазкира дар бештарин авқот бо калимасозӣ рӯ меоварад. Чунончи, ин дар вақти сифат кардани мамдуҳони муаллифи китоб

бештар рӯй додааст: «Ва Хони ***кайвонрифъати бирҷисхислатро*** ба воситаи ***нисбати*** фарзанди Султон Шаҳид Улуғбеки Гӯракон, нуввира машҳадуҳу, бо мунаҷҷимони ***уторидмитнат*** назари ***муҳаббате*** буд ва кавкаби толеи эшон ба воситаи он назари муҳаббатасар аз ҳазизи ***мазаллат*** ба авҷи ***иззат*** сууд намуд» [9, 26]. Ин хусусият гоҳе услуби муаллифи тазкираро ба услуби бадеӣ наздик мекунад. Мисол: «…канори хандақ қалъаи Ҳиротро мухаййими *асокири нусратмаосир* намуда, чунон муҳосираи аҳли он танг кард, ки ба маҳбусони он **қафас** касе ҷуз **нафас** омадурафт надошт ва ба забони **ҳол** ҳар як мутаранними он **мақол** буданд…» [9, 19].

Як хусусияти дигари истифодаи саҷъ, ин саҷъи мутавозӣ мебошад, ки аксаран дар шакли ибора ва рехтаҳои ҷуфт зоҳир мешаванд. Чунончи: *фозили муҳаққиқ ва олими мудаққиқ, улувви ҳиммат ва самувви фитрат, сиёдати тоҳира ва салтанати зоҳира* ва ғайра дар мисолҳои мазбур мо мушоҳида мекунем, ки калимоте, ки аз ҷониби муаллифи тазкира интихоб шудаанд, дар як вазну вежагии анҷомёбии якхела доранд. Яъне, дар мисоли «улувви ҳиммат ва самувви фитрат» ҳам калимаи *улув(в)* ва ҳам *ҳиммат* бо калимаҳои ҳамсони худ саҷъ шудаанд. Ё ин ки дар мисолҳои дигар калимаҳои ғайрисаҷъӣ ҳам дар як вазнанд. Мисоли *олим* ва *фозил*. Дар мавридҳои дигар калимаҳо гуногунвазн бошанд ҳам, оҳангнокии саҷъҳои ҷуфт халал намеёбад: *дафъи ҳоҷот ва рафъи дараҷот, ва аз мароҳили носутӣ дар тайи манозили ҷабарутӣ, таҳсили улуми динӣ ва такмили масоили яқинӣ, подшоҳест некӯшамоилу хасоил ва табъи латифаш ба адолат моил, вофий-ул-ихлос ва кофий-ул-ихтисос, машоихи изому маволии зу-л-эҳтиром* ва ғайра.

**Истифода аз санъати тансиқ-ус-сифот.** Чунонки дар баррасии санъати бадеии саҷъ маълум шуд ва мо борҳо ба ин нукта ишора кардем, муаллифи тазкира ҳангоми сабт кардани саҷъҳо, ки бештар дар ҳавои таърифу мадҳи шоирони мазкур дар китоб аст, ба санъати тансиқ-ус-сифот ва ё ба ибораи дигар агар бигӯем, сифатчинӣ рӯй меоварад. Ғолибан, ин тарзи таълиф дар сифатҳое сабт мешавад, ки бо ифодаҳои арабӣ омехта шудаанд:

«Ба ҷаноби *қудват-ус-содот ва-л-муҳаддисин ва усват-ул-уламо ва-с-солиҳин* амир Абдуллоҳи Бурзишободӣ валади Саййид Абдулҳаййи ибни Сайид Алии Ҳусайнӣ ба Машҳади Тӯс… мусофаҳа карданд» [9, 37]. Ва ё: «*Ҷомеъ-ул-фуруъи ва-л-усули ва ҳови-юл-манқули ва-л-маъқул* буда» [9, 195].

Як нуктаи бисёр муҳим дар истифодаи санъати бадеии тансиқ-ус-сифот дар тазкираи Нисорӣ он аст, ки он вобаста ба шуғли шоир шакл мегирад. Масалан, агар шоири мавриди зикри тазкиранигор олим бошад ва ба улуми дақиқ робитае дошта бошад, тақрибан ба гунаи зайл васф мегардад: «Ва ба ҷинси улум нисбаташ ба навъе бувад, ки банони баён дар ишора ба таърифи он оҷиз аст, хоса дар ҳикамиёт ба риёзӣ майли куллӣ дошта. Пайваста *нуқтаи эътидоли табъи муаддалаш* *дар таҳти муаддал-ун-наҳор мебуда ва назари тақвиммасираш сайри минтақат-ул-буруҷ менамуда*…» [9, 49].

Инчунин, истифодаи санъати бадеии сифатчинӣ дар тазкира ҳамсони саҷъ ниҳоят серкорбурд ва пурбасомад аст. Ин аст, ки он дар шаклҳои гуногуни истифода ҷилва мекунад. Дар баъзе мавридҳо дар шакли ифодаҳои арабӣ ва дар баъзе дар шакли ҷумла ва ибораҳои рехта. Дар мисолҳои зайл бошад, мо тавассути истифодаи санъати бадеии тансиқ-ус-сифот калимасозии нигорандаи тазкираро дида метавонем: «Носируддин Муҳаммад ибни Қивомуддин Абдуллоҳ ба *ҷаноби тақвошиори маорифосор* Мавлоно Нуруддин Абдурраҳмон ибни ҷаноби марҳуми мағфур Мавлоно Алоуддин аст» [9, 195]. Ва ё ин ки: «Зоти *ҳамидисифоти он подшоҳи анҷумсипоҳи гардунборгоҳ*, мустаҷмаи авсофи санҷида ва ахлоқи писандида буд» [9, 49].

Ғолибан истифодаи санъати бадеии мавриди пажуҳиш дар китоби Нисорӣ дар шакли ибораҳои сеҷузъа ва ё зиёдтар аз он ба анҷом мерасад. Мисол: «*арбоби фитнату зако ва дабирони равшанзамири доно, ҷалиси маҷлиси олии хештан, матлаи обдори дурарбор, валади олишаъни рафеулмакон, давлати фонии инҷаҳонӣ, хуштабъони машҳури Хуросон, суханони пурсӯзи дилафрӯз* ва ғайра».

**Шарҳи баъзе нуктаҳо.** Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои сабки таълифи тазкираи Нисорӣ ин дар шарҳу тафсири бисёр аз нуктаҳои нофаҳмо дар

мавриди макон, бинои таърихӣ, шахсият, воқеа ва амсоли ин аст. Бештар тазкиранигор ба масоили марбут ба мафҳумҳои динӣ ин шеваи таълифро истифода карда бошад ҳам, аммо мавридҳое кам нестанд, ки доир ба шаҳрҳо ва ё маконҳои таърихӣ маълумоти ҷомеъ ва боэътибор аз тарафи муаллифи тазкира сабт шудааст. Ғолибан ин маълумот бо ривоёте, ки доир ба шаҳрҳост ва ё ашъори васфии он ҳамроҳ меояд. Мисол: «Ҳирот ба фатҳи «ҳо»-ст ва ба касри «ҳо» машҳур шуда, дор-ул-мулки Хуросон ва аз иқлими робеъ мешуморанд... Ва баъзе гӯянд Сикандари Зулқарнайн бино карда ва аз аъдали амкина аст, ба қавли имом Фахри Розӣ. Ва назди баъзе аъдали амкинаи масокини хатти устувост ва дар он навоҳӣ соле ду баҳору ду тобистон ва ду тирамоҳу ду зимистон мешавад… Қитъа:

*Гар туро пурсид касе к-аз шаҳрҳо беҳтар кадом,*

*Гар ҷавоби рост хоҳӣ гуфтан ӯро, гӯ: Ҳарӣ!*

*Ин ҷаҳонро ҳамчу дарё дон, Хуросон чун садаф,*

*Дар миёни он садаф шаҳри Ҳарӣ чун гавҳаре»* [9, 333].

Ба ин монанд Нисорӣ дар мавриди шаҳри Бухоро – «Ва дар таъмири Бухоро, ҳумийат ъан-ил-балоё, саъйи мавфур ба зуҳур расонида…» [9, 20]; Балх – «Балх аз иқлими чаҳорум аст, тулаш аз ҷазоири Холидот ва арзаш аз хатти устуво…» [9, 31] ва амсоли ин маълумот меоварад. Хусусияти мазкур натанҳо дар зикри шаҳру навоҳӣ, балки дар зикри бинову меъмориҳо низ дида мешавад. Чунончи: «Ва Ирам боғест, ки Шаддод ибни Од дар арозии Санъо ва Хазрамавт бино карда ва дувоздаҳ фарсах дар дувоздаҳ фарсах аст ва ба ихтилофи ривоёт дар понсад сол ё сесад сол ба тамом расида…» [9, 25]. Ҳамчунин, дар бораи имορати мақбараи падарашро бино кардани Абулмузаффар Ҷалолуддини Муҳаммад Акбар чунин менигорад, ки он иморате буда, ки ба дахмаи Анӯшервон монандӣ доштааст ва қабри мазкур замоне тилисмҳо доштаву боре халифа Маъмун рафтаву баъд: «Чун ба дари дахма расид, дарро баста дид. Пир гуфт: «Агар он касӣ, ки ваъда мар туρост, ҳалқаи дарро биҷунбон». Чун даст бар ҳалқа зад, калиде афтод. Пас, дар бикушод, чанд савори мусаллаҳ бар эшон ҳамла карданд, пир гуфт: «Тозиёна

бияфкан!» Чун тозиёна аз даст бияфканд, эшон сокин шуданд. Чун ба миёни сарой расиданд, чаҳор шер қасди эшон карданд. Пир гуфт: «Остин барафшон!» Чун остин барафшонид, онҳо низ сокин шуданд. Ва чун ба дари дахма расиданд, чаҳор шамшер овехта намуд, чунонки касро маҷоли дарун рафтан набуд. Пир гуфт: «Дастор аз сар баргир!» Чун дастор баргирифт, онҳо низ дур гаштанд. Ва чун ба даруни он дахма даромаданд, аҷоибу ғароиб диданд аз бисоту фирошу олоти дигари мулукона, ки ақл дар он ҳайрон буд...» [9, 54]. Сабаби ин ду иқтибосро дар шакли муфассал зикр кардани мо танҳо нишон додани тағйирёбии сабки нависанда дар вақти овардани шуруҳот аст. Чунонки мушоҳида мешавад, аз забони масҷуъ ва фаннии тазкиранигор дар вақти шарҳи нуктаҳо кардан ва сабт намудани тафсилоти ин ё он бинову макон нишоне боқӣ намемонад. Махсусан, зимни зикри биноҳо ва ривоёти марбут ба он забони нигоранда комилан ба насри ривоятӣ наздик буда, хусусиятҳои насри мазкур баръало дида мешавад. Зикр бояд шавад, ки дар чунин мавридҳо нигорандаи китоб асосан бар таърихномаҳо ва кутуби ҷуғрофиёӣ руҷуъ кардааст.

Шуруҳоти муаллифи тазкира танҳо дар мавриди макону шаҳру бино нест, балки ӯ дар мавқеъҳои муайян доир ба шахсиятҳо ва аҷдоду обои онҳо низ маълумот меорад. Дар баъзе мавридҳо бошад, ба пайванди худ бо шахсияти мавриди шарҳ низ маълумот сабт мекунад, ки ҷолиб мебошад: «Қосим, шайхи муриди ҳазрати Хоҷа Муллои Нурӣ буданд ва баъд аз эшон ба Мавлоно Валӣ кӯҳи заре инобат кардаанд ва эшон муриди ҳазрати ходими эшон ва эшон муриди ҳазрати Шайх Мавдуд ва эшон муриди ҳазрати Шайх Алӣ ва эшон муриди ҳазрати Оли Ато ва эшон муриди ҳазрати Садри Ато ва эшон муриди ҳазрати Зангӣ Ато...» [9, 30-31].

**Ифодаҳои хос.** Табиист, ки тазкиранигорон, ки бештарашон шоир будаанд, дар ҳини таълифи китобҳои худ ба падидаҳои завқӣ ва усулҳои нигошти фарқкунанда аз дигар кутуби ҳамсон рӯ овардаанд. Ин ҷо на фақат намоиши ҳунару халлоқият ва амсоли ин дар назар аст, балки манзур ифодаҳои хосест, ки ба ҷуз кутуби тазкира дар дигар китобҳои фаннӣ ва ё

таърихӣ мисли он ба назар намерасад. Бунёди чунин ифодаҳо асосан кори завқи тазкиранигор аст, аммо як андоза дур шудан аз такрори маълумот низ мебошад. Ин хусусияти насри тазкираро Моили Ҳиравӣ «наздик ба иффатҳои гуфтории гунаи форсии Мовароуннаҳр» медонад [127, 26]. Вобаста ба ин тазкиранигорон бештар кӯшидаанд, то матолибе қариб ва марбут бо ном, куния, нисба ва ё тахаллуси шоирон алоқамандро дар либоси ҳунар, бо истифода аз саҷъу тансиқ-ус-сифоту амсоли ин биёваранд ва ба ин восита барҷастагии калом ва таъсири маънoро бештар кунанд. Чунончи, дар зикри шарҳи ҳоли Файзии Даканӣ ҷумлаи зеринро мехонем: «Алфозаш дилписанд (аст ва) ашъори некӯ дорад ва маонии рангин аз мабдаи ***файёз*** бар хотири софияш ***фоиз*** мегашта…» [9, 123]. Яъне, муаллиф барои намоиши ҳунари забондониву даст доштани худ бар калимабозӣ вожагони аз решаи «файз» сохташударо, ки ишора гардидаанд, сабт намудааст. Ин падидаро дар зикри Ҷавонмард Алихон ибни Абӯсаидхон – «Ба ҷавонмардӣ машҳур аст ва ба шуҷоат мавфур ва мураббии фузалост» [9, 43]; Мавлоно Солеҳӣ – «Аз ҷумлаи сулаҳо буда» [9, 122]; Мавлоно Нодирии Самарқандӣ – «Аз шуарои нодируласр аст» [9, 126]; Мавлоно Насибии Андиҷонӣ – «Аз шоирони хушгӯй аст ва аз фазилат бенасиб набуда» [9, 126]; Мавлоно Сиддиқӣ – «Ҷавони содиқ буда ва ба сидқ ба мардум сулук менамуда» [9, 135]; Мирзо Ливоӣ – «Табъи некӯ дошта ва дар майдони суханварӣ ливои назм меафрошта» ва даҳҳо нафари дигар дидан мумкин аст. Муҳаққиқ Шодӣ Шарифов асоси чунин шеваи баёнро камиттилоии муаллифони тазкираҳо ва такрор шудани матолиби кутуби дигар медонад. Ба назари ӯ сар задани падидаи мазкур дурӣ ҷустани муаллифи тазкира аз мавзуи баҳси худ аст [132, 100-115].

Ба ҳар ҳол гоҳе бозӣ бо калимот низ сабаби назокати баёни муаллиф гаштааст: «Ва чун мурочиат намуданд, дар хиттаи Шом субҳи ҳаёти бобаракоташ ба шом мубаддал гардид» [9, 42]. Ё ин таваҷҷуҳ ба алқобу тахаллуси шоир кардани ӯ заминаи воқеӣ ҳам доштааст: «Манқул аст, ки хидмати Шайх дар қарияе шатри ҷӯй ҷорӣ мекарданд ва салтанатпаноҳӣ

сангҳои бузург ба суҳулат меканда, эшон гуфтаанд, ки ин Кӯҳкани мост. Бинобар ин, ҳазрати Хоқони мазкур «Кӯҳкан»-ро тахаллуси ашъори ширин месозад» [9, 42]. Дар ҳар ду иқтибос ҳам ифодаи тазкиранавис ба насри бадеӣ монандӣ пайдо кардааст.

Ба ғайр аз ин, дар бахши ҳозир мисолҳоеро метавон дид, ки дар он Нисорӣ вожагони хосеро ба риштаи таҳрир мекашад. Чунончи: «Чун табл бознавохтанд як мурғи обии ***саҳеҳ*** дар пеши эшон афтода…» [9, 15]; «Ва расоиле, ки дар фиқҳ, ***қаламӣ намуда,*** судманд ва хатти насхро некӯ менавишт, ***сипораҳо*** навишта ва акнун дар маҷолису маҳофили хайр тиловат мекунанд» [9, 18]; «Аз табақаи содоти рафеъуддараҷот аст ва пайваста дар либоси таҷарруд таайюш менамуда ва ҳаргиз ба ҷиҳати ***дунёӣ*** мамнуни касе намебуда...» [9, 117] ва ғайра Дар мисолҳои боло ифодаҳои забонии *мурғи обии саҳеҳ, қаламӣ намудан, сипораҳо* ва *дунёӣ* маъмул нестанд ва дар корбурди забони адабии замони муаллифи тазкира камтар вомехӯрад. Чунончи, калимаи охир ба забони омма наздиктар буда, *сипораҳо* низ, ки манзур аз он Қуръон аст, аз лаҳҷаи муҳити зисти Нисорӣ дарак медиҳад. Манзур аз *қаламӣ намудан* навиштан буда, *мурғи саҳеҳ* ишора ба мурғи дурусти безахм аст. Аммо бояд зикр шавад, ки *саҳеҳ* сифати мурғ ва ё чизи ҷондор буда наметавонад.

Як хосияти дигари сабки таълифи «Музаккири аҳбоб» дар зикр шудани қиссаву ривоёти мухталиф дар он дида мешавад. Муаллиф ба ҷуз шарҳи нуктаҳои пурбаҳс, ки болотар роҷеъ ба он ишора кардем, кӯшида, то барои пуробуранг кардани матолиби шомили тазкира аз қиссаву ривоёти гуногун низ истихдом намояд. Дар навбати аввал аз 8 ривояте, ки дар китоб омадааст, ривоятҳои марбут ба масоили динӣ ва мазҳабӣ меистанд. Ин навъи ҳикояву ривоятҳо аслан дар китоб дар шакли мухтасар сабт ёфтаанд. Мисол: «Аз Мавлоно манқул аст, ки аз ҳазрати Одам, ъалайҳиссалом, дар воқеа пурсида, ки «шаҷараи *манҳӣ ъанҳо* (яъне, манъшуда аз он. – З.М.) гандум аст, ё анҷир, ё ангур?» Фармудаанд, ки «ҳеч як аз инҳо набуд, балки шаҷари илм буд, ки сабаби хуруҷ аз биҳишт гардид» [9, 193]. Чунонки мушоҳида мешавад,

ривояти мазкур барои нишон додани азамати илм ва мантиқан далел оварда тавонистан дар баҳс ва амсоли инро ифода мекунад.

Гоҳе ривоятҳо ба шаҳрҳо низ ихтисос доранд ва ё дар шаъни ин ё он шаҳру макон мебошад: «Ва аз Шайх Ҳасани Басрӣ, разийаллоҳу таоло ъанҳу, манқул аст, ки гуфтааст, ки ҳазрати Айюб, ъалайҳиссалоту ва-с-салом, ба Бухоро расидаанд ва аҳли Бухоро зиёфати эшонро некӯ намудаанд ва эшон дар ҳаққи аҳли Бухоро дуои бабаракат карданд. Баъзе бар онанд, ки қабри мутаҳҳари он ҳазрат, ъалайҳиссалом, дар Бухорост, ҳамон ҷо, ки машҳур аст. Ва баъзе гӯянд дар билоди Ҳиворон аст, ки аз музофоти шарқии Димишқ аст» [9, 21]. Албатта, ривоятҳои ба иқтибоси боло монанд далели таърихӣ надоранд ва танҳо барои пуробуранг кардани матолиби китоб зикр гаштаанд. Нисорӣ овардани ҳикоя ва ривоятро ба ҳайси як приёми адабӣ дар шаъни мамдуҳ ва ё шоири мазкур дар тазкирааш истифода кардааст. Яъне, ҳеҷ гоҳ дар ин кор манзури ӯ гароиши мазҳабӣ ва ё ахлоқии худро нишон додан набудааст. Барои он ки дар баъзе мавридҳо манзури тазкиранигор аз тарзи истифодаи ривоят маълум мешавад. Шояд ба сабаби истифодаи ин гуна ривоятҳо бошад, ки бархе муҳаққиқон сабки таълифи китобро наздик ба забони омма гуфтаанд [148, 81-82]. Барои он ки зимни овардани ривоятҳо сабки сухани Нисорӣ андак аз мураккаббаёнӣ раҳоӣ меёбад.

Баъзан ривоятҳои нақлшудаи китоб характери сирф адабӣ дорад: «Манқул аст, ки чун Мавлоно Қабулии Ҳиравӣ нақл карда ҷаноби Амир Алишер бо аъёни Ҳарӣ ба манзили ӯ нузул фармудаанд ва девони Мулло ба ҷиҳати ҳасби ҳол кушудаанд, ин мақтаъ омада: Байт:

*Агар қабули ту бошад Қабулиям, варна*

*Ба ҳар ду кавн чу ман ноқабул натвон ёфт»* [9, 270].

Зимнан, бояд таъкид шавад, ки муаллифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» аз китобу рисолаҳои «Корнома», «Боғи Ирам», «Баҳр-ул-аброр»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Таърихи Банокатӣ», «Таърихи Ҷаҳонкушоӣ»-и Ҷувайнӣ, «Маҷолис-ун-нафоис», «Тазкират-ул-авлиё», «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Тафсири сураи Юсуф», «Тафсири Қуръон» (форсӣ

аз ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ), «Тафсир»-и Кошифии Сабзаворӣ, «Ҷодат-ул-ошиқин», «Ҳайрат-ул-фуқаҳо», «Хамса»-и Шоҳтабиб, «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, «Сийар-ун-набӣ»-и Мир Шодии Ҷӯйборӣ, «Шарҳи рисолаи муаммоии Мирҳусайн», «Шарҳи Кирмонӣ», «Шаҳрошӯб»-и Огаҳӣ, «Сувари ақолим», «Аҷоиб-ул-булдон», «Кофия»-и Ҷомӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Лайлӣ ва Маҷнун»-и туркӣ истифода карда, ба номи Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонӣ, Шаҳобуддин Муаммоӣ, Зайнуддин Маҳмуд ибни Абдулҷалили Восифӣ ва дигарон низ ишораҳо мекунад. Яъне, сабки таълифи ин китоб бетаъсир аз иддае аз ин китобҳо буда наметавонад, зеро «сабки сухани Нисорӣ чун оинае аз ҷаҳонбинии ӯст» [148, 82] ва ин ҷаҳонбинӣ дар маҳутаи тамоми улуми мутараққии замонаш сурат гирифтааст.

## II.3. Арзишҳои адабии «Музаккири аҳбоб»

Арзиши адабии тазкираро муайян кардан аслан кори саҳлу сода нест ва аз рӯйи таҳқиқоте, ки то кунун дар сари ин ё он тазкира ба сомон расидааст, чанд вежагии ин корро дидан имкон дорад. Аз рӯйи сохти тазкираҳо ва доираи фарогирии онҳо низ кори таъйини арзиши тазкира мутафовит аст. Чун агар тазкира тазкираи умумӣ бошаду шарҳи ҳол ва намунаи осори шоирони пеш аз муаллифи тазкираро фаро бигирад, ногузир муқоисаи маълумоти он бо маълумоти сарчашмаҳои дигар асли арзиши адабӣ, илмӣ ва сарчашмавии онро нишон медиҳад. Дар сурати тазкираи асрӣ ва ё ҷуғрофӣ будан, кор якандоза ранги дигар мегирад. Барои он ки кори тадқиқи ин навъи тазкираҳо бар пояи шинохти муаллиф аз шоири мазкур дар тазкира бояд сурат бигирад, зеро дарк ва таъйин кардани дараҷаи шиносоӣ ва қаробати муаллифи тазкира бо шоири мазкур дар тазкирааш, хеле аз нуктаҳои маълумоти ӯро равшан месозад. Ба ҷуз ин, тазкиранигор вазифадор аст, ки дар мавриди ҷараёни адабии давр ва ҳавзаҳои адабии роиҷ дар замони худ, ташаккули ин ё он хусусияти шеъру адаб маълумот ҷамъ оварда, дар навиштаҳои худ онро бекамукост ва бе изофа кардан инъикос намояд. Ба ақидаи У.Назиров маҳз ҳамин хусусиятҳои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, яъне пешрафти он дар ин ё он самт ба равшанфикрону адибони замон худи ғояи иншои тазкира ва ё монанди ин китобро меоварад. Ӯ ақидаи мазкури худро ба таври зайл асоснок менамояд: «Дар такя ба маълумоти сарчашмаҳо, махсусан маълумоти тазкираи «Музаккири аҳбоб» мо гуфта метавонем, ки дар солҳои 20-уми асри XVI ҳаёти адабии Мовароуннаҳр дубора зинда гашту дар миёнаи асри мазкур ба қуллаи тараққиёт расид. Аз тамоми гӯшаву канори минтақаи мазкур ва дигар манотиқ – аз Бадахшон, Мастчоҳ, Фалғар, аз водии Фарғона, аз Тошканд, Марв, Кошғар, Ҳиндустон, Афғонистон, Озарбойҷон, Эрон (сарфи назар аз гуногунандешиҳои силсилаи Шайбониҳо ва Сафавиҳо) ба ду маркази адабии Мовароуннаҳр – Самарқанду Бухоро

шоирону олимони зиёде меомаданд» [148, 57-58]. Шеър ба авҷи тараққиёт расид, аммо нафаре чунин пешрафти адабиро инъикос карданӣ набуд. Маҳз шароити мазкур Нисориро водор кард, то ба иншои тазкира даст занад. Яъне, ба ақидаи ӯ Нисорӣ маҳз барои инъикос кардани ҷараёни адабии давр ба иншои тазкираи худ даст задааст. Ин андеша, новобаста аз он ки ҷараёни мазкур дар кадом сатҳ таҷассум шудааст, воқеан дуруст мебошад. Аммо тазкиранигор ба ҷуз масъалаи мазкур ба ҳаёти ҳар шоир бо бархурдҳои хосе муносибат мекунад ва ин нукта бисёр масъалаҳои арзиши адабии тазкираро пешорӯйи хонанда боз месозад. Пас аз ин меҳвар бояд маълумоти тазкира, ба ду дастаи бузург ҷудо шавад. Аввал, маълумоте, ки ба ҷараёни зиндагии шоир алоқаманд аст, ки ба инҳо соли таваллуду вафот, илмомӯзӣ, сафарҳо, робита бо дарбори ҳокимони замон, устодони шеър ва ё ирфони шоир ва амсоли ин шомил мешавад. Дувум, маълумоте, ки ба осори шоир ва хусусиятҳои он вобастагӣ дорад. Муҳаққиқи ҷавон Н. Шамсиддинова ба масъалаи таҳқиқи шоирон таваҷҷуҳи ҳамаҷониба медиҳад, на танҳо тавассути баррасии осор ва шарҳи ҳол, балки тавассути ҷустуҷӯи равобити эҷодӣ, сафарҳо ва сабабҳои интихоби тахаллус. Ин таҳлилҳо барои фаҳмиши амиқтаре ба ҷаҳони адабӣ ва илмии онҳо мусоидат мекунанд.

Дар ин раванд, муҳим аст, ки на танҳо миқдори осор ва ҷойгоҳи шоир дар ҷомеа ба назар гирифта шаванд, балки инчунин ҷанбаҳои хосси шахсияти эҷодии ӯ низ таҳлил гардад. Ин равиши таҳқиқ имкон медиҳад, ки осор ва фаъолияти шоир дар контексти васеътари фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дида шавад, ки ба мо фаҳмиши бештар ва пурратар аз мақоми онҳо медиҳад [131, 47-48]. Маҳз ташреҳ ва бознамоии нуктаҳои мазкур арзиши адабии тазкираро муайян карда, мақоми онро ҳамчун сарчашмаи мустанаду соҳибэътимод дар адабиётшиносӣ таъйин месозад. Ҳарчанд, муҳаққиқ дар бораи тазкираи «Шоми ғарибон»-и Лачҳмӣ Наройин Шафиқи Аврангободӣ чунин ибрози назар карда бошад ҳам, дар зоти худ ин нуктаҳо қариб ба тамоми тазкираҳои форсӣ-тоҷикӣ дуруст меоянд.

Маҳз аз ҳамин меҳвар ва нуктаҳои баҳогузорӣ ва иловаи чанд нуктаи дигар мо тазкираи Нисориро ба риштаи таҳқиқ кашидем.

**Осори шоирон.** Ин ҷо нахуст аз осори шуаро бояд зикр намоем. Аввалин чизе, ки доир ба мероси адабии шуарои гузашта диққати муҳаққиқонро ҷалб мекунад, ин девони ғазал мебошад. Яъне, тартиб додани девон, ки бояд дар ҳар ҳарфи алифбои форсӣ дар он шеър ҷой дода шуда бошад, ҳунари воло аз шоир талаб мекард, аз ин рӯ таваҷҷуҳи адабпажуҳон ва тазкиранигорони асримиёнагӣ ба ин нукта беш аз ҳозир буд. Аммо дар тазкираи Нисорӣ ин нукта нисбатан камтар баён шудааст. Мо шоиронеро, чун Муҳаммад Комронподшоҳ ибни Бобурподшоҳ [9, 59], Хоҷа Абдулваҳҳоб [9, 195], Подшоҳхоҷаро [9, 196] соҳиби девони форсиву туркӣ ва Волеҳии Бухорӣ [9, 68], Сафиюддини Нурбахш [9, 113], Мавлоно Комӣ [9, 143], Ҳофиз Мирак [9, 160]. Мавлоно Қавлӣ [9, 72], Мавлоно Ёрии Ҳиравӣ [9, 181] ва Мавлоно Мансури Табрезиро [9, 185] соҳиби девони форсӣ мешиносем. Ба ғайр аз ин, ки тазкиранигор ба шуарои соҳибдевон мустақиман ишора мекунад, ӯ ба тарзҳои дигар девон доштани шоиронро ба хонанда мефаҳмонад: Девона «Ҳисомии Қаландар – …Мавлоно Алии Қӯчқор гуфт, ки шоҳзода шоҳи таййиб аз ҳар девоне як байт интихоб менамуд ва аз девони Ҳисомӣ ин байт навишта буд…» [9, 71]. Ба фикри манзури устод А.Насриддин аз ин ҷумла: «Муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» намунаи ғазалиёти 90 нафар шуарои ин ҳавзаро зикр кардааст» [96, 323], шояд ғазал пурра бошад. Чунки аксар намунаҳое, ки аз шоирони мазкур дар тазкира зикр шуда, асосан ғазал мебошанд.

Таҳлили мантиқи тазкира нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ на танҳо ба доштани девонҳо аз ҷониби шоирон равона шудааст, балки ба дигар ҷанбаҳои муҳимтарини эҷодиёти онҳо низ ишора шудааст. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки саҳми шоирон дар рушди адабиёти замони худ пурратар дарк шавад. Масалан, осоре, ки дар посух ба асарҳои классикӣ, мисли «Хамса»-и Шайх Низомӣ эҷод шудаанд, на танҳо маҳорати адабии шоиронро инъикос мекунанд, балки кӯшиши онҳоро барои нигоҳ доштан ва инкишоф

додани анъанаҳои шеърӣ нишон медиҳанд. Барои мисол, Ҳайдар Алишер на танҳо асарҳои эпикӣ эҷод кардааст, балки дар ҷавоб ба қасидаҳои дигар шоирон, мисли Хоҷа Хусрави Деҳлавӣ, низ қасидаҳо навиштааст. Ин шаҳодати робитаи амиқ ва таъсири мутақобилаи шоирон дар доираи адабӣ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳлили чунин мисолҳо имкон медиҳад, ки эҷодиёти шоирон на танҳо ҳамчун ифодаи истеъдоди шахсӣ, балки ҳамчун саҳми муҳиме дар рушди фарҳанги замони худ дида шавад [9, 107].

Инчунин, дар мавриди Мавлоно Қазоӣ – «…ва маснавии некӯ гуфта ва «Нозу Ниёз» ном карда… [9, 141]; Қулмуҳаммадбии Дуррамон – «…Маснавии бисёр гуфта, қариб ба чиҳил ҳазор байт аст …» [9, 168]; Маҳмудбеки Солим – «Ба маснавию қасида машҳур аст ва дар ин айём ба татаббуи Юсуфу Зулайхо машғул аст…» [9, 186]; Шоҳзода Шоҳтаййиб – «…Ва дар ҷавоби «Хамса»-и Шайх Низомӣ алайҳирраҳма «Хамса»-е гуфта…» [9, 79]; Подшоҳхоҷа – «Ва дар татаббуи «Махзани асрор» «Мақсади атвор» ном китобе тасниф кардаанд…» [9, 198] ва ғайра навиштааст.

Нисорӣ инчунин ба кадом соҳаи илм таваҷҷуҳ доштани шоиронро низ сарфи назар накардааст. Ӯ дар ин маврид шоиронеро, чун Мавлоно Низомуддин **дар муаммокушоӣ** – «Бар рисолаи ҷаноби Мир Ҳусайн шарҳи некӯ навишта… Ва рисолае дар қавоиди муаммо тасниф карда» [9, 155]; Заҳируддин Муҳаммади Бобур **дар арӯз** – «Рисолае, ки дар арӯз навишта баҳрест пурдур…» ва дар фиқҳ – «пурдур ва масоили фиқҳие, ки дар рисолаи мубаййин ба туркӣ назм карда, нишонаест аз табаҳҳур…» [9, 49]; Мавлоно ибни Рӯзбеҳони Исфаҳонӣ **дар фарқи мазҳаби шиа ва суннӣ** – «Ва «Муҳокимаи некӯ» миёни аҳли суннат ва аҳли бидъат карда (ва дар он боб рисолае муфид тартиб намуда)…» [9, 61]; Мавлоно Шаҳобуддини Муаммоӣ **дар муаммо** – «Қавоиди муамморо ба назму наср некӯ баён карда ва дар он фан рисолае навишта…» [9, 86]; Мавлоно Кавкабӣ **дар мусиқӣ** – «Ва Мавлоно Кавкабии мазкур рисолае ба номи Убайдуллоҳхон тасниф кардааст ва аз таълифу иқоъ дар он сухан карда ва аз мабоҳиси абъоду аҷнос дар он

оварда Дувоздаҳмақомро… маа шаш овоза назм карда ва куллиёте баста…» [9, 110]; Фахруддин Алии Воиз **дар тасаввуф** – «ва дар баёни силсилаи машоихи алиййаи Хоҷагон, қаддасаллоҳу таъоло асрораҳум, «Рашаҳот» китобе муфид тасниф намуда…» [9, 80]; Мавлоно Ғиёсуддини Баҳрободӣ **дар ҳикмат** – «Дар ҳикамиёт муҳкам ва дар фалсафиёт мусаллам аст... Ва дар ин боб таснифоти хубу таълифоти марғуб дорад ва исботи ҳаюлоро сурати хуб назм карда…» [9, 118]; Ҳофиз Калон **дар мутоибот** – «…Мутоиботе тасниф намуда ба ҳама тавоиф ба расми мутоиба хитоб мекарда…» [9, 124]; Мавлоно Ҳасани Сипеҳрӣ **дар мусиқӣ** – «Аз фузалост, дар фанни мусиқӣ дасти тамом дошта. Таснифоти хубу таълифоти машҳури марғуб дорад…» [9, 128]; Ҳофиз Мирак **дар Қуръон** – «…Ва Ҳофиз ҳифзи каломи маҷид намудааст ва дар он боб тасниф намуда, ки нофиъ аст ва дур аз хато…» [9, 160]; Абулфатҳ Муҳаммади Шайбонихон **дар ансоб** – «Ва ҷаноби Қозӣ Ихтиёр туркӣ намедониста, ҳазрати Хон ба ҷиҳати ӯ нисоби туркӣ тасниф намудаанд…» [9, 20] ва Убайдуллоҳи Баҳодурхон **дар қироату таҷвид** – «…ва дар илми қироат таснифи нофеъ дорад, ки ҳуффозро осим аст аз хато…» [9, 29] зикр мекунад. Баъзе шоиронро бошад, ба таври умумӣ дар тамоми улум таснифот дорад мегӯяд, ки ба инҳо Амир Муҳаммади Бадеулқозӣ [9, 159] ва Мавлоно Низомуддин [9, 155] мебошанд. Дар бораи осори баъзе бошад, ба таври умумӣ, ба назм кардани чизе машғул, менависаду халос: «Қулмуҳаммадбии囲Дуррамонӣ - … ва ба назми «Тазкират-ул-авлиё» иштиғоли тамом дорад…» [9, 168]; «Муллозода Мавлоно Абдулғаффор – … ва ифодаи фазоил менамуда ва фароизро некӯ назм карда…» [9, 83] ва Мавлоно Яқинӣ – … Салосили арбааро назм карда…» [9, 171].

Нисорӣ доир ба улуми ғайримаъмули замонаш низ ишораҳои ҷолиб дорад. Тибқи нигоштаҳои ӯ орифони ҳамзамонаш ба мусоҳафаи худ низ бо уламо диққат медодаанд. Яъне, агар олиме ва ё орифе ба дастфишории Пайғамбар (с) мушарраф шуда бошад, дигарон ба мусоҳафаи ӯ мешитофтаанд. Ҳатто, дар ин боб шоире дар замони Нисорӣ рисола ҳам тасниф карда будааст, ки ба тариқи зайл баён мешавад: «Султон Алии

Авҳабӣ – Аз ҷумлаи фузалои машҳур аст ва санади мусофаҳаи ӯ ба панҷ восита ба ҳазрати саййиди коинот ва санади мукавванот, алайҳи афзал-ус-салавоти ва акмал-ут-таҳиййот, мерасад...

Ва аиззаи Бухоро бештаре ба шарафи мусофаҳааш мушарраф гаштаанд. Ва ба фақир мазиди илтифот дошт ва ба иззи мусофаҳа муаззаз сохту буд. Ва дар вақти назъ ин фақир ба мулозаматаш расид, рисолае, ки дар он боб ба хатти яди шарифаш навишта буд, ба фақир лутф намуд ва ба ҳифзи он васият фармуд…» [9, 124].

Дигар он ки Нисорӣ барои ташхис додани маълумоти худ асарҳои ҷудогонаи адибонро низ ба риштаи қайд мекашад: «Хоҷа Ҳусайн Садри Марвӣ – … Ва дар қасидае аз қасоиди худ аз яке то садро дарҷ кардаву асари «Корнома» номида, ба Бухоро фиристода буд ва аз аҳли Бухоро ҷавоб талабида…» [9, 175]. Яъне, номи як қасидаи алоҳидаи шоирро низ ба расми эҳтиром аз ӯ ба таври мушаххас меорад. Зимнан, чунин ранг гирифтани воқеа сабабҳое ҳам дорад. Чун дар давоми он ба қасидаи мазкур ҷавоб навиштани худро ҳам меорад: «…матлааш ин аст: Матлаъ:

*Бубин, ки як назари лутф аз он ду наргиси шаҳло,*
*Шудаст чорагари ман зи қайди панҷаи саво.*

Фақир қасидаи мазкурро татаббуъ намуда, матлааш ин аст: Назм:

*Зи як камон ду хадангаш гаҳе, ки хаста ба дилҳо,*
*Ба хонаи дили бечора гашта панҷара пайдо.*

Ва онро маснуъ сохта ин изҳори музмирро аз он баровarда:

**Изҳори музмар:**

*Дар ишқ нагӯям сухане бе алами ӯ,*
*Гӯям ба дили худ алами дам ба дами ӯ.*
*Саҳми назару сеҳри лабат ҳар ду шаби ғам,*
*Резанд зи қандили дилам маҳзи дами ӯ...»* [9, 176].

Зимни овардани намунаи шеърӣ низ хусусияти боризтарини тазкира он ки ба ашъори мураккаб ва маснуъ бештар таваҷҷуҳ мешавад, ки инро аз иқтибосҳои болоӣ ҳам дида метавонем. Дар ин бора А.Нақавӣ дуруст қайд

мекунад: «Дар мавқеи интихоби ашъори шуаро тибқи завқи ҳиндӣ аксар ашъореро, ки дорои саноеъи лафзӣ ва маънавӣ буда, тарҷеҳ дода...» [94, 411-412].

Нуктаи ҷолиб ин ки сартосари тазкираи мавриди таҳқиқ ва умуман тазкираҳои дигар як вежагии баҳогузорӣ дида мешавад, ки онро шартан баҳогузории умумӣ гуфта метавонем. Яъне, муаллиф тақрибан ба ҳама шоирони мазкур дар тазкирааш ба таври ҳамгун баҳо медиҳад. Дар бештари маврид шоирро дар фунуни балоғат доно, олими ин ё он илм, махсусан илми калому суханварӣ ва амсоли ин медонад. Агар шоири мазкур подшоҳзода ва ё ҳокими ягон маҳал бошад, ҳатман зикри эҳтиромаш нисбат ба фузало ва ё ҳамнишинияш бо урафо дар шарҳи ҳолаш сабт мегардад. Масалан, дар зикри шоҳзода Дӯстмуҳаммад Султон ибни Наврӯз Аҳмадхон ибни Суюнхоҷахон ибни Абулхайрхон чунин омадааст: «Подшоҳзодаи некӯхасоил аст ва табъи латифаш ба шуҷоату саховат моил ва *ба суҳбати уламову фузало майли тамом дорад* ва *маҷлиси олияшро аз ин тоифа холӣ намегузорад* ва *пайваста шуарову нудаморо ҷалиси маҷлиси олӣ месозад* ва ба ҷиҳати иншироҳи қалб гоҳе ба шеър мепардозад ва ин байт аз ашъори обдори ӯст:

*Нофаи он холи мушкин оҳуи Чин чун бидид,*

*Аз хиҷолат пӯст пӯшиду раҳи саҳро гирифт»* [9, 46].

Ё ин ки дар мавриди Шоҳодил ҳам чунин ибрози назар менамояд: «Аз салотини Лор аст (ва ба саховату шуҷоат ва ҳусни сурату сират аз ақрони мумтоз буда ва дар фанни мусиқӣ дасте дошта ва шеъраш бағоят ҳамвору устодона буда ва абёти беғашу ашъори дилкаш дорад)» [9, 106].

**Анвои шеър дар тазкира.** Дар баробари ин, тазкира як оинаи тамомнамои ташаккули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар умум аст. Яъне, дуруст аст, ки мо аз тазкираҳо маҷмуан аз шарҳи ҳол ва намунаҳои осори шоирон шинос мешавем ва тавассути онҳо ба осори иддае аз шуаро низ даст меёбем, ки тақрибан дар дигар сарчашмаҳо дастрас нестанд. Аммо маҳз тазкираҳо барои мо жанрҳои маъмул ва гароиши адабии замони муаллифи онҳоро нишон медиҳанд. Аз ин ҷиҳат тазкираҳои асрӣ бештар авлавият доранд.

***Ашъори маснуъ.*** Дар «Музаккири аҳбоб» доир ба рушд ёфтани ашъори маснуъ низ факту санадҳои ҷолиби диққат вуҷуд доранд. Мисол Нисорӣ дар 21 маврид аз шоироне ёд мекунад, ки ба сурудани ин навъи шеър иқдом кардаанд. Ба ин гурӯҳ шоироне, Мавлоно Фонии Бухороӣ [9, 76], Мавлоно Восифӣ [9, 88], Мавлоно Қатилӣ [9, 128], Мир Алии Котиб [9, 176], Қозӣ Абдулазизи Сиддиқӣ [9, 229], Амир Табиб [9, 259], Хоҷа Ҳусайн Садри Марвӣ [9, 268], Мир Хуҷандӣ [9, 283], Мавлоно Муҳаммад Шарифи Садр [9, 294] ва падари худи муаллиф Подшоҳхоҷа [9, 305-306] дохил мешаванд. Ҳатто муаллиф падари худро аз аввалин шоироне медонад, ки тариқи шеъри маснуъро дар О.М. роиҷ кардааст: «Ва тариқи маснуъро дар қасоид дар ин диёр эшон зоҳир кардаанд. Ва дар мадҳи Одилшоҳ-султон қасидаи маснуе гуфтаанд муштамил бар аксари саноеи мушкила. Чун изҳори музмир ва мақлуби муставию муаммо. Ва матлааш ин аст: **Муаммо**:

*Зор нолад дили ман з-он ки расидаст ба ҷон,*

*Додхоҳ аст, деҳ ӯро ҳама аз адл нишон»* [9, 305-306].

Агар шумори мазкур бо маълумоти тазкираи Алишери Навоӣ қиёс гардад, аён мешавад, ки ҳанӯз андаке пештар навъи шеърии мавриди назари мо он қадар маҳбубият надоштааст. Чун дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» танҳо дар 9 маврид ба ашъори маснуъ сурудани шоирон таваққуф гаштаасту халос [ниг.: 7, 14; 50; 68; 70; 189; 243; 260; 261 ва 262]. Ин рақам дар тазкираи пайрав ва шогирди Нисорӣ – Мутрибӣ афзуда, ӯ ҳудуди 20 бор доир ба шеъри маснуъ хабар додааст [ниг.: 18, 58; 97; 119; 120; 147; 170; 174; 218; 249; 296; 324; 338; 352; 353; 365 ва ғайра].

Бештар ашъори маснуъ зимни худ бо истилоҳоте тавъам зикр мешаванд, ки дар дигар китобҳои бадеъ камтар вомехӯранд. Масалан, шеъри миншорӣ. Манзур аз ин навъ, шеъре бошад, ки дар он ҳарфҳои дандонадор, мисли сину шин бисёр истифода мешавад. Он баргирифта аз калимаи миншор (арра) буда, як навъи санъати бадеӣ ба ҳисоб меравад. Манзур аз «шеъри миншорӣ» гуфтан он аст, ки калимаҳои шеър сурати дандонаҳои

арраро ба худ мегиранд. Чунончи: «Ва ин матлаи миншорӣ низ ба тариқи маснуъ аз ин қасида ҳосил мешавад ва тавзеҳаш ин аст: **Назм**:

*Бе май нафасе ҳамнафасам нест касе,*

*Бе шишаи май наменишинам нафасе»* [9, 90].

Ба ин монанд, навъи «шеъри сипарӣ» низ дар тазкира зикр мешавад. «Сипарӣ» як навъ сархат дар шеър бошад, ки калимоти дар байт зикршаванда ҳама бо иштироки ҳарфи «мим» дар алифбои форсӣ сабт мегарданд. Азбаски ҳарфи мазкур шакли сипарро ба ёд меорад, онро «сипарӣ» гуфтаанд. Дар ҳоле, номи мазкурро як навъ исми шартӣ ҳам гӯем, ғалат нахоҳад буд. Мисол:

Ва ин матлаи сипарӣ низ ба тариқи маснуъ ҳосил мешавад ва тавзеҳаш ин навъ аст: **Назм**:

*Ман масти маям мудом мегӯям,*

*Маҳбуби ман аст май, манаш меҷӯям*» [9, 90].

Як навъи дигари шеъри маснуъ, ки дар бисёр сарчашмаҳо зикр шудааст, «изҳори музмир» мебошад. Дар шеърҳои маснуъ, махсусан дар қасидаҳо навъе баён аст, ки дарки он ба якбор душвор аст ва бештар ин гуна баёнҳоро шоирон дар қолаби рубоӣ ва ё фард гуфта, калимоти онро дар оғози мисраъҳо ва ё поёни онҳо дар қасоид чунон пинҳон месозанд, ки танҳо шеършиносони тавоно ба боз кардани он даст меёбанду рубоӣ ва ё фардро аз батни қасида берун мекашанд. Маънии «изҳори музмир» ёфтани сирри пӯшида аст. Мисол: «Фақир аз қасидаи маснуъ изҳори музмире бароварда, дар ҳар ду рубоӣ ва мизони исми мамдуҳ мултазим гардидааст *ва ҳува ҳазо*:

*Доим сифати адли ту дар дил дорам,*

*Дар дил сифати Хусрави одил дорам.*

*То дарнаравад хаёли дигар ба дилам,*

*Доим дили худ сӯйи ту моил дорам»* [9, 177].

***Муаммо.*** Муаммо низ дар қатори шеърҳои маъмули замони Нисорӣ шинохта мешавад ва маҳз дар ҳамин давра рушди бемисл ёфтааст. Мо онро дар қатори шеъри маснуъ аз падидаҳои нодири замони муаллиф қаламдод

карда метавонем. Муаллиф беш аз 60 маврид аз шоирони муаммогӯй ва ё муаммокушой, ки ҳамзамонаш будаанд, ёд мекунад. Ба ҷойи сабти ҳар кадом аз ин шоир, чанд намунааш муаммо ва тарзи боз кардани онро аз ҷониби муаллиф зикр менамоем. Чунончи, Ҷавонмард Алихон ибни Абӯсаидхон муаммои зеринро ба номи «Мушфиқӣ» гуфта будааст:

*«Имрӯз, ки ҷонам ба лаб аз муштоқист,*

*Дар маҷлиси ағёр маҳи ман соқист.*

*Дил хост ба кина сӯйи ӯ биштобад,*

*Гуфтам: –Маштоб, нақди кин то боқист.*

Чун аз калимаи *маштоб* то ба *нақди кин*, ки ҳаштод аст, мубаддал гардад ва лафзи *мо бақӣ* табдил ёбад, мақсуд ба ҳусул пайвандад» [9, 44].

Аммо на дар ҳама ҳолат муаллифи тазкира муаммоҳоро боз мекунад:

*«Бингар ба чӣ сон дӣ дар дилам он бадхӯ,*

*Меҳраш афзуд,*

*Оре аз ҷон сӯйи дилам он некӯ.*

*Рухсора кушуд.*

*Бешакку гумон ғайри дилам он дилҷӯ,*

*Бо кас нанамуд,*

*Он рухи пинҳон, Фонӣ, охир аз ту,*

*Дилро бирабуд.*

Мегӯянд, ки аз ҳар мисраи ин рубоӣ исме ба тариқи муаммо берун меояд. Ва чун гуфтани чунин ашъор мутаассар аст ва холӣ аз ишкол нест, агар дар баъзе аз маҳол мусомиҳае воқеъ шуда бошад, мултафит набояд гашт» [9, 77].

***Тазмин ва назирасароӣ.*** Азбаски яке аз падидаҳои муҳимми ғазалсароӣ ва умуман адабӣ, ки ба хусусияти умдаи замони таълифи тазкира табдил ёфт, ин гароиш ба сурудани тазмину назира ва ҷавобия буд, ин раванд дар баёни хусусиятҳои эҷодии шуаро дар тазкира низ ба таври чашмгир инъикос мешавад. Дар мавриди ривоҷи татаббуъ дар адабиёти форсӣ-тоҷикии замони муаллифи тазкира академик А.Мирзоев муфассалан дар шаклҳои маснавиву

ғазалу қасидаву рубоӣ дар китоби худ «Биноӣ» маълумот овардааст [74, 39-54], ки ҳоҷат ба такрор надорад. Фақат нуктаи қобили таъкид он ки дар таҳқиқоти мазкур ҳам нақши ғазалҳо боризтар нишон дода мешавад. Аз ин рӯ, бояд зикри алоҳида шавад, ки дар тазкираи мавриди таҳқиқ ҳам ин нукта ба таври возеҳ намоён мегардад. Дар зимни баёни шарҳи ҳоли Мавлоно Толеӣ муаллифи китоби мавриди таҳқиқ менигорад: «Ва ин матлааш дар татаббуи ин матлаи ҳазрати Махдумӣ (яъне, Ҷомӣ) бағоят некӯ воқеъ шуда: Назм**:**

*Ҳуққаи лаъли ту аз ҷавҳари ҷон сохтаанд,*

*Коми ҳар хаста дар он ҳуққа ниҳон сохтаанд.*

Ва матлаи Толеии мазкур ин аст: Матлаъ:

*Ҳуққаи лаъли бутонро на зи ҷон сохтаанд,*

*Балки ҷонро зи лаби лаъли бутон сохтаанд.*

Баъзе ин матлаъро ба ғайри ӯ нисбат мекунанд, валлоҳу таоло аълам» [9, 94].

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки посух додан ба ғазалиёти Ҷомӣ ба як анъанаи маъмули шеърии замони шоир ва адабиёти баъдӣ табдил ёфта буд, ки тазкираи Нисорӣ низ ба он иртибот дорад. Чунончи, А.Афсаҳзод татаббуъ шудани ғазалҳои Мулло Ҷомиро аз тарафи шоирони зиёде, ки дар мактаби адабии Ҳирот тарбия ёфтаанд ва ё дар дигар макотиби адабӣ ба суннатҳои ин мактаб пайравӣ мекарданд, дар асоси маълумоти "Радоиф-ул-ашъор"-и Фахрии Ҳиравӣ ва тазкираи Соммирзои Сафавӣ нишон додааст [9, 49-50]. Дар ин замина, асосан татаббуоте, ки дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» зикр мешаванд, дар пайравии ин шоири бузурганд. Мисол Нисорӣ дар шаъни Мавлоно Фардӣ ном шоир чунин овардааст: «Аз вилояти Турбат аст, холӣ аз фазилате набуда ва ин матлаи ҳазрати Муллоро некӯ татаббуъ намуда: Назм**:**

*Аз хор-хори мӯи ту дар сина дорам хорҳо,*

*Ҳар дам шукуфта бар рухам з-он хорҳо гулзорҳо.*

Ва фарде мазкур чунин татаббуъ намуда, ки –

*Гул-гул туро аз тоби май афрӯхта рухсорҳо*

*В-аз ҳасрати ҳар гул маро дар дил шикаста хорҳо*» [9, 96].

Ҷамъан тақрибан 20 маротиба ба шеъри Ҷомӣ ҷавоб навиштани шоирон дар китоби мавриди зикр ишора мешавад. Ба ҷуз ин, дар чанд мавриди дигар аз робитаи Ҷомӣ бо шоирон бидуни зикри татаббуи онҳо низ нақл мешавад: «Ва ба ҳазрати махдумии хуҷастафарҷомӣ – Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, қуддиса сирруҳ-ус-сомӣ, абвоби муросилот мафтуҳ медошта ва аз ашъори дурарбори гавҳарнисори худ дар суҳуфи муросила менигошта ва эшон ба назари таҳсин манзур гардонида, илтифоти бисёр менамудаанд…» [9, 116].

Ё ин ки дар маърифати шеъри дигарон қалами андеша рондани Мулло Ҷомӣ ба таври зер ишора мегардад: «…Убайдуллоҳхон рубоии арабӣ гуфта, ба хидмати Мулло фиристода. Баъд аз намози пешин то намози шом рисолае тасниф карда, як мисра рубоиро шашсаду панҷоҳу шаш маънӣ гуфтааст…» [9, 131].

Аммо ба дигар шоирон пайравӣ кардани шуарои мазкур дар тазкира ҳам зиёд ба чашм мехӯрад: «Ва ба услуби қавоиди Мавлоно Сайфӣ ин матлаъро некӯ гуфта: Байт:

*Қомати моҳи муаззин чи латиф аст Аллоҳ,*

*Ин чӣ хубист, ки зоҳир шуда субҳаналлоҳ*» [9, 173].

Тибқи мушоҳидаи мо Нисорӣ бештар худ ба иншои ҷавобияҳо ба ашъори гуногун иқдом намудааст. Як нуктаи бисёр муҳим дар татаббуънависии муаллифи «Музаккири аҳбоб» он ки ӯ ба ашъори бисёр баланду зебо ҷавоб менависад. Мисол ба ғазали зерини Мавлоно Мансури Табрезӣ таваҷҷуҳ мекунем:

*Оби Хизир зи мӯъҷизи лаъли ту ҷон гирифт,*

*Исидамӣ, зи лаъли ту ҷон метавон гирифт.*

*Воқиф нагашт як сари мӯ аз даҳони ту,*

*Ақлам, ки нукта ба хиради хурдадон гирифт.*

*Гуфтӣ рақибро, ки саги остони мост,*

*Ӯро куҷо тавон саги он остон гирифт?!*

*Дар ҷон фитод оташи ғайрат маро чу шамъ,*

*Ҳар гаҳ, ки ғайр номи туро бар забон гирифт.*

*Ҳосил накард ҷуз ғаму андӯҳи ошиқӣ,*

*Мансур, то ба кӯйи муҳаббат макон гирифт* [9, 185].

Яъне, ғазали мазкур ҳам аз нигоҳи забон ва хусусиятҳои ифодаи матлаб ва ҳам аз назари таносуби сухан, матни ғазал ва амсоли ин бисёр равону зебо иншо шудааст. Зимнан, ҷавоби худро муаллифи тазкира дар қолаби байти зерин нишон медиҳад:

*Оби Хизир, ки ҳар дам аз ӯ ҷон тавон гирифт,*

*Натвон ба пеши лаъли лабаш дар даҳон гирифт* [9, 186].

Ба ҷуз ҷавобияҳои худи муаллифи тазкира, нуктаи ҷолиби диққат бо шеър ба ҳам арзи бузургӣ кардани подшоҳон мебошад. Барои ба дарозо накашидани матлаб, порае аз онро ба нақл аз китоб меорем: «…подшоҳи мазкур (Яъқубподшоҳ – З.М.) аз хуштабъони муқаррабу машҳур аст ва пайваста миёни эшон ва Султон Ҳусайн Мирзо, *навваралloҳу марқадаҳумо*, муросилоту мукотибот воқеъ шудааст… Ашъори дилфиреб бисёр дорад ва дар ҳамаи фунуни шеър сухан карда. Ва султон Яъқуб ин ғазалро ба Мирзо фиристода:

*Лашкар кашам зи ашку алам баркашам зи оҳ,*

*Хоҳам гирифт рӯйи заминро бад-ин сипоҳ.*

*…Яъқубвор мунтазири рӯйи Юсуфам,*

*Ҳастам ғуломи Маҳдиву мастам зи ҷоми Шоҳ.*

Зоҳиран, хотири шарифи Мирзо аз ин суханон хуш наомада ва ин ғазал дар ҷавоб гуфтааст: Ғазал:

*Ин тоҷу тахтро, ки ба ман додааст илоҳ,*

*Хизр аст раҳбари ману Эзад маро паноҳ.*

*…Хоҳӣ Ироқу Порс муяссар шавад, Ҳусайн,*

*Афтода бош дар раҳи Эзад чу хоки роҳ»* [9, 62].

Як нуктаи бисёр муҳим дар ин раванд он аст, ки на дар ҳама ҳолат муаллиф ба ашъори ҷавобия ишорат мекунад. Мо дар мурури худ аз матни ашъори шуарои мутафовити китоб ашъори гуногунеро аз он дарёб кардем, ки дар пайравӣ аз шоирони соҳибиштиҳори пеш аз муаллиф ба қолаби таҳрир даромада ва бояд ин нукта ҳам зикр шавад, ки кайҳо машҳур будаанд. Мисоли онро дар шеъри Ҳофизу Саъдиву Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва дигарон дида метавонем. Барои тул надодани матлаб мо танҳо ашъори диловези шоири машҳури Хуҷандзамин – Шайх Камоли Хуҷандиро интихоб кардем. Баҳрабардории шоиронро аз сухани шоири мавриди назар аз чанд ҷиҳат пешкаши аҳли таҳқиқ кардан имкон дорад. Масалан, диққат дар шеърҳои мисолзадаи муаллифи «Музаккири аҳбоб» кофист, ки аз таъсиргузории шоири хуҷандӣ ба раванди ғазалсароии асри Нисорӣ пай бибарем. Агарчи баъзе муҳаққиқон ин падидаро хоси шеъри давраи Сафавия медонанд: «…Ин шева дар давраи Сафавия бисёр маъмул шуда ва ғолибан шуарои ҳиндигӯ ғазалҳои пешиниён ва муосиронро ҷавоб гуфта ва дар мақтаи ғазал қасду нияти худро ба тариқе ёд кардаанд» [85, 62]. Бо он ки замони Нисориро пурра замони салотини Сафавӣ гуфта наметавонем, ин амр то ҷое ҳақиқат ҳам дорад. Ҳамчунин, шеъри Камол ҳам ҳароина дар ин раванд таъсиргузор аст ва ба ин нукта доктор Эҳсони Ёршотир дар китоби «Шеъри аҳди Шоҳрух» ҳам ишора кардааст. Ӯ Камоли Хуҷандиро дар қатори шуарои бузурге, чун Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз ва ғайра зикр намудааст, ки хусусиятҳои шеърашон дар шаклгирии шеъри давраи манзури ӯ хидмат кардааст [ниг.: 53, 79]. Муҳаққиқи тоҷик Баҳром Раҳматов, бо он ки кори зиёдеро дар мавриди таъсиррасонии шеъри Камоли Хуҷандӣ ба дигарон анҷом додааст, ҳам дар сарсухани китоби «Мактаби Камол», ки роҷеъ ба таъсиргузории шоир ба шуарои баъдинааш муфассал баҳс мекунад [106, 3-58] ва ҳам дар мақолоти ҷудогонааш, ки дар ин мавзуанд [107, 315-324; 108, 11-20; 109, 28-33; 110, 146-154], тазкираи Нисориро ҳамчун манбаи кори худ қарор надодааст. Ҳол он ки нукоте, ки дар ин тазкира доир ба мавзуи таъсиргузории Шайх Камол аст, қобили таваҷҷуҳ

мебошад. Албатта, дар ин ҷода муҳаққиқони дигареро ҳам, аз қабили А.Сайфуллоев [113, 281-291], А.Афсаҳзод [ниг.: 37] ва Б.Мақсудзодаро [ниг.: 66] ҳам зикр карда метавонем.

Таъсиргузории Камоли Хуҷандиро дар ду шакл ба риштаи қайд кашида метавонем, ки ҳар ду ҳам бидуни ишорат ба номи ӯст. Яке, абёти алоҳида ва дигаре ғазалҳо. Дар мавриди монандии абёти ҷудогона фақат як нукта боиси зикри алоҳида аст, ки ин пурра дар як вазну қофия набудани онҳост. Ҳарчанд, абёт дар як вазну қофия бо ғазалҳои шоир нестанд, аммо аз лиҳози сабку салиқа бисёр суханҳои Камолро ба хотир меоранд. Масалан, Дар мавриди Рустам Баҳодурхон, ки Шамси Халаф лақаб дорад, чунин омадааст:

«Ва ин мақтаи рангин низ аз гуфтори ширини ӯст:

*Бо касе дӯст нест Шамси Халаф,*

*Ин гадоро бас аст Аллоҳ дӯст*» [9, 34].

Ин ба ғазали зерини Камоли Хуҷандӣ монандӣ дорад:

*Даромад аз дари арбоби хирқа ногаҳ дӯст,*

*Баромад аз дили дарвеши хаста: – Аллаҳ, дӯст…* [24, 252].

Аммо на ҳама абёт аз ҷиҳати вазну қофия бо ҳам тафовут доранд. Мо дар байни ашъори парокандаи шоирон абётеро ҳам дарёфт карда метавонем, ки комилан аз нигоҳи вазн, қофия, радиф бо ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ ҳамгунанд: «Мавлоно Хоҷакалони Маҷруҳӣ – Аз фузалои муътабар буд ва худро аз таломизаи ҳазрати Махдумӣ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ менамуд ва дар такаллум «махдуми Ҷомиям» бисёр мегуфт. Ва аз улуми ғариба бенасиб набуд. Ва ин матлааш бисёр хуб воқеъ шуда. Байт**:**

*Гуфтӣ, ки намоям ба ту рӯзе қаду қомат,*

*Ин ваъда магар рост шавад рӯзи қиёмат*» [9, 127].

Бо он ки байти мазкур ба байти «*Сӯфӣ, ки зи чашми ту барад ҷон ба саломат, / Сар барнакунад то ба қиёмат зи ғаромат*» [24, 172] монандӣ дорад, ин ҷо нуктаи дигар нуҳуфта аст. Ин нукта дар тарҷумаи ҳоли шоир бармало мешавад. Шоир худро хидматгузори Мавлоно Ҷомӣ гуфтааст, ки ин нукта бисёр муҳим аст. Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз бузургтарин шоирони

пайрави Камоли Хуҷандӣ аст ва дар ғазал ба сабки Камол гароиш дорад. Ӯ худ ин нуктаро дар байти зерин иқрор мекунад:

*Ёфт Камоле суханаш, то гирифт*

*Чошние аз суханони Камол* [29, 156].

Ҳангоми таҳлили шабоҳатҳои шеъри Камоли Хуҷандӣ дар шакли байт, ман ба хулосае расидам, ки ин монандиҳо на танҳо маънӣ доранд, балки мазмунҳои иловагиро низ дар бар мегиранд. Масалан, байти маъруфи Абдулазизхон, ки дар бадеҳа истифода шудааст:

«Эй ба боло ҳамон, ки медонӣ,

Ту гулӣ, мо ҳамон, ки медонӣ» [24, 833],

нишон медиҳад, ки тарзи истифодаи радиф дар шеъри Камол бо шаклҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ин равиш на танҳо аз нозукиҳои суханварӣ шаҳодат медиҳад, балки нишон медиҳад, ки радиф дар шеъри форсӣ нақши муҳими бадеӣ мебозад. Дар пайравии ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, шоирони дигар, мисли Муҳаммади Асқарӣ, низ шеъри худро бо истифода аз радиф ва сабки Камолӣ эҷод кардаанд:

«То кард Худо рӯзии ман водии ғамро,

Дар ишқ салоҳ аст Араброву Аҷамро» [9, 57].

Ин пайравӣ аз Камол боиси таҳкими суннатҳои адабӣ ва равнақи шеъри форсӣ дар давраҳои баъдӣ гаштааст. Инчунин, Анисӣ низ дар пайравӣ аз ғазали Камол чунин шеъри пурмазмунро эҷод кардааст:

«То чархи ҷафопеша маро аз ту ҷудо кард,

Ғамҳои фироқи ту чӣ гӯям, ки чиҳо кард» [9, 151].

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки Камоли Хуҷандӣ дар радифи шоирони бузурги замонаш, чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Ҳофиз ва Ҳасани Деҳлавӣ, дар эҷоди асарҳои пурмазмун ва таъсирбахш нақши муҳим бозидааст.

***Ашъор ба дигар забон.*** Дар тазкира шеърҳои шоирон ба забонҳои арабӣ ва туркӣ-чағатоӣ сабт ёфтаанд, ки арзиши тазкираро бештар мекунад. Азбаски дар қисмате, ки доир ба сабки тазкира баҳс дар бораи ашъори забони

арабӣ истода гузаштем, ин ҷо дар бораи ашъори туркӣ баррасӣ анҷом медиҳем. Аз он ки муаллифи тазкира ба ашъори туркӣ таваҷҷуҳ мекунад, маълум мешавад, ки раванди адабиёти дузабонаи Мовароуннаҳр дар замони ӯ дар айни ташаккули худ будааст ва ин раванд дар асрҳои минбаъда дар ин сарзамин ба яке аз хусусиятҳои адабӣ табдил шудаву тақрибан мо шоиреро пайдо карда наметавонем, ки ба ин ду забон эҷод накарда бошад. Нисорӣ дар мавриди 26 шоири мазкур дар тазкирааш ин нуктаро, ки онҳо ба забони туркӣ низ асар ва ё шеъри алоҳида доранд, басароҳат зикр месозад. Ҳамчунин, дар тазкираи мавриди таҳқиқ 3 рубоӣ, 6 ғазали пурра, 1 нопурра ва 22 байти ҷудогона ба ин забон зикр шудааст. Дар зайл ба ҳайси намуна як ғазал аз ин миён зикр мешавад:

*Эй кунгул мужда, ки аввал сарви хиромон келадур,*
*Бонги мо шуд ин тан афсурда орои ҷон келадур.*
*Яна кӯзим учадур шод лег ашкинӣ тулуб,*
*Магар аввал мардумаки дидаи гирён келадур.*
*Синаи хилватгина холӣ этик ҷону кунгул,*
*Киям бу манзилға бугун ҳаҳимон келадур.*
*Кузларим тилмудадур ҳар нафасе юлға ноқибат,*
*То хабар келой ким аввал сарви хиромон келадур.*
*Пиримо солима кунгул ҳаҷри парешон леғидин,*
*Кел, ки ҷамиат дилҳои парешон келадур* [9, 106].

Дар зайл ҷадвали абёт зикр мешавад:

| **Навъи шеър** | **Миқдор** | **Миқдори байт** |
|---|---|---|
| Ғазал | 7 | 30 |
| Рубоӣ | 3 | 6 |
| Абёти пароканда | 22 | 22 |
| **Умуман** | 32 | 58 |

***Қитъаҳои таърихӣ.*** Яке аз хусусиятҳои боризи тазкираҳо дар худ овардан ва ҷамъ намудани қитъаҳо ва ё абёти таърихист, ки ба муносибати ин ё он санаи таърихӣ, соли фавти шоир, бино шудани бинои таърихӣ ва

амсоли ин ихтисос доранд. Албатта, бештари шоирон ба сурудани таърихҳои фавти шоирон ва ё орифону донишмандони муосири худ пардохтаанд ва аз ин лиҳоз рушди шеъри мазкурро ҳам таъмин намудаанд. Профессор Замира Ғаффорова дар ин замина таҳқиқи хубе дар мавриди тазкираи Сархуш анҷом дода, ба чунин хулоса расидааст: «Ба ин ваҷҳ, арзиши тазкира аз лиҳози касрати истифодаи моддаҳои таърих афзун мегардад» [49, 98]. Хусусияти мазкур бевосита яке аз вежагиҳои намоёни тазкираи мавриди таҳқиқи мо ҳам мебошад. Чунонки У.Назиров диққати Нисориро дар таърихгӯӣ ва аҳаммият додани ӯро ба ин вежагӣ аз муҳассаноти китоби мавриди таҳқиқ шуморида, онро дар муаррифии факту далелҳои муҳимми асри муаллиф пурманфиат медонад [148, 75]. Худи Нисорӣ ҳам маҳз ҳамин ҷиҳати эҷодиёти баъзе шоиронро сутудааст: «Мавлоно Қосими Муфтӣ – Табъаш дақиқ асту суханонаш бетаҳқиқ нест. Дар гуфтани таърих вуқуфе дорад ва таърихи мусоҳифати Хоҷа Муҳаммад Ҳусайн Қозиро ба ҳазрати Хоҷа Порсо ақди ду бузургзодаи шаҳр гуфта…» [9, 155].

Дар китоби мавриди пажуҳиш ашъори таърихии гуногун дида мешавад. Чунончи, дар мавриди шоире мехонем, ки таърихи вилодати фарзандашро ба риштаи назм кашидааст – «Мавлоно Кайбек – … Таърихи вилодати фарзанди арҷмандашро некӯ гуфта: Назм:

*Таърихи вилодати Муҳаммад Тоҳир,*

*Аз понздаҳи шаҳри сафар шуд зоҳир»* [9, 153].

Ва Мавлоно Муҳаммадамини Муфтӣ – «Ва ин таърихро ба ҷиҳати вилодати фарзанди арҷманд Муҳаммад Юсуф бисёр некӯ гуфта: Назм:

*Омад аз фазли ҳақу мавҳибати Яздонӣ,*

*Хубрӯе, ки бувад ҳамчу маҳи Канъонӣ.*

*Вақти рӯзу маҳу соле, ки шуда таърихаш,*

*Субҳи ҷумъаи дувум аз моҳи ҷимод-ус-сонӣ»* [9, 167].

Ё шоири дигар дар бораи иморати ҳокими ҳамзамонаш гуфта – «Мавлоно Ҷалолуддини Қосим – … Ва ин таърихро ба ҷиҳати иморати Маҳмудшоҳ Султон некӯ гуфта: Матлаъ**:**

*Ба хубӣ ин бино монанди гулзори биҳишт омад,*

*Ки хубон мебаранд аз гулшани ӯ гул ба доманҳо.*

*Барад аз хубии ӯ рашк ҳар ҷо гулшане бошад,*

*Аҷаб набвад агар таърихаш ояд рашки гулшанҳо»* [9, 154].

Баъзе шоирони дигар низ дар бораи осори навиштаи худ таърих зикр кардаанд. Масалан, Шайх Шарафуддини Ҳусайн дар бораи мақомоти падари худ рисолаи мухтасаре таълиф кардааст ва таъриху номи онро нишон додааст [9, 158]. Ё Амир Садруддин Муҳаммад таърихи Ҳофиз Аҳмадро навиштааст [9, 166].

Дар дигар мавридҳо, тазкиранигор таърихи эҷоди шеърро ба тарзҳои гуногун баён мекунад. Масалан, дар мавриди Мавлоно Солеҳӣ менависад, ки ӯ тасодуфан дар шаҳр афтида, қитъае гуфтааст ва аз дари бузурге ба дари бузурги дигар рафтааст, вале аз ҳеҷ кадом мадад наёфтааст. Пас: «Рӯзе акобири он диёр ҷамъ будаанд, яке гуфта, ки шоире қитъа ба мо оварда ва дигаре низ гуфта, ки назди мо низ қитъае оварда. Чун таҳқиқ кардаанд, маълум шуда, ки як қитъаро ба ҳама гузаронида. Чун Мулло Солеҳӣ аз он ҳол воқиф шуда, ин қитъаро гуфта: Назм**:**

*Байти ҷаннат бод бар ман, Солеҳӣ, дигар ҳаром,*

*Гар кашам бедориву гӯям барои сим байт.*

*Гар бувад ҳар байти ман бар номи сад кас, айб нест,*

*З-он ки аз сад кас нашуд ҳосил баҳои ним байт.*

Акобир забони эътироз кушуданд ва ба қадраш афзуданд...» [9, 92].

***Ҳусни тахаллус.*** Ҳамчунин, Нисорӣ дар тазкираи худ ба ваҷҳи тахаллус интихоб кардани шуаро низ таваҷҷуҳ карда, аз тахаллуси бархеи онҳо ёд мекунад. Дар ин шумор Абулфатҳ Султон Саидхон ибни Яҳёхон «…Бинобар ин, ҳазрати Хоқони мазкур «Кӯҳкан»-ро тахаллуси ашъори ширин месозад…» [9, 45]; Хоҷа Муҳаммад Афзалӣ «ва дар шеър «Афзалӣ» тахаллус менамуда…» [9, 65]; Ҳофизи Мероси «…Тахаллусаш «Ҳифзӣ» аст…» [9, 91]; Мавлоно Афсарӣ «Ашъори туркию форсӣ дорад ва худро дар туркӣ сонии Навоӣ хаёл намуда, Сонӣ тахаллус мекард…» [9, 123]; Шайх

Абдуллатифи Ҷомӣ «Ва ҳазрати подшоҳи мазкурро ашъори туркию форсӣ бисёр аст ва тахаллуси шарифаш Муҳиббист…» [9, 144] ва ғайра. Зимнан, маълумоте, ки Нисорӣ роҷеъ ба тахаллуси шоирон меорад, нуктаҳоеро дар бораи зиндагӣ, касб ва қиёфаи шоирро дар худ нуҳуфтаанд. Чунончи, дар мавриди Ҳофизи Сарвӣ гуфта: «Аз ҳуффози зиёратгоҳ аст. Қоматаш баланд буд, аз он ҷиҳат «Сарвӣ» тахаллус менамуд...» [9, 129].

Яъне, аз иқтибоси мазкур маълум мешавад, ки тамоми нукоти он роҷеъ ба як шохисаи қиёфаи шоир алоқаманд аст. Дар ҷумлаи аввал *ҳофизи каломи Худо* будани шоир, дар сонӣ *қомати баланд доштан* ва аз ин ҷиҳат тахаллус интихоб кардан ва дар байт ҳам ишора ба қади ӯст. Дар мавридҳои дигар, шоирон эҳсоси норизоии худро аз тахаллусашон ва ё мувофиқат накардани он бо ҳақиқати зиндагии худ баён мекунанд: «Мавлоно Ҳасани Сипеҳрӣ – аз донишмандон буд, дар илми мусиқӣ маҳорат дошт. Осори хуб ва таълифоти маъруфи писандида дошт. Ва ба шеър таваҷҷуҳ мекард, ин қитъаро ба таҳқиқи тахаллус гуфтааст: Қитъа».

*Номи мани хастадил Ҳасан буд,*

*Дар хубии номи ман сухан нест.*

*Гардонд фалак Сипеҳриям ном,*

*Ин аз фалак асту аз Ҳасан нест* [9, 128].

Як арзиши дигари тазкира ин аст, ки дар он сабаби тахаллуси худро Ҷомӣ интихоб кардани Мавлоно Абдурраҳмон низ баён шудааст. Ӯ Абдулазиз Баҳодурхон ибни Убайдуллоҳхонро набераи Мавлоно Ҷомӣ гуфта, дар мавриди худи Мавлоно Ҷомӣ чунин меорад: «…аммо лақаби машҳур Нуруддин аст ва номи эшон Абдурраҳмон ва дар боби тахаллуси худ фармудаанд: Назм:

*Мавлидам Ҷому рашҳаи қаламам,*

*Ҷуръаи ҷоми Шайхулисломист.*

*З-он сабаб дар ҷаридаи ашъор,*

*Ба ду маънӣ тахаллусам Ҷомист*» [9, 38].

**Нуктаҳои дигар.** Албатта ҳар падидаи ҳунарӣ ва ё гароишҳои жанрии шеър, ки ба баъзеи он ин ҷо ишора шуд, худ бозгӯйи тамоюли сабки шеър ва ҳолномаи дарунмояи он аст. Бо вуҷуди ин, дар поёни ин фасл зарур донистем, ки чанд ишораи кӯтоҳе ба мавзуи мазкур карда шавад. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки муҳимтарин нуктаҳо дар бораи шеъри маснуъ ва навъҳои он нишон медиҳанд, ки дар замони муаллиф адабиёти форсӣ-тоҷикӣ махсусан шеър ба кадом самтҳо гароиш мекард. Маҳз шеъри маснуъ ва таваҷҷуҳи шоирон ба муаммо ва амсоли ин сабаб шуд, дар ашъори берун аз ин доираҳо низ муайян кардани мавқеъгирии шоирон душвор шавад. Ин падида сабаб шуда, то баъзе мансабдорон шеъри ҳаҷвиро аз мадҳӣ фарқ карда натавонанд. Масалан, дар матни зайл мехонем: «Ва Мавлоно Восифии мазкур мадҳеву замме ҷиҳати муҳрдоре гуфта. Чунонки мустаҳсани шуарост:

**Назм:**

*Ҳаст дар силсилаи султонӣ,*
*Муҳрдоре, ки надорад сонӣ.*
*[Чун каломаш ба зарофат омехт,*
*Аз даҳонаш гуҳари беҳад рехт].*
*Фахри офоқ буду з-ӯ шуда фош,*
*Лутфу эҳсони вай аз айни маош.*
*Ҳаст ӯ хайри дигар дар раҳи дин,*
*Ки набинӣ гираҳ ӯро ба ҷабин.*
*Кард аввал агар ангези ҷафо,*
*Охир омода шуд аз баҳри вафо.*
*Бо мани дилшудаи зори дижам,*
*Хуб шуд оқибат аз рӯйи карам.*

[Мегӯянд, ки мамдуҳ мадҳ хаёл карда, сила додааст, ҳол он ки] дар ҳар байт душноме дарҷ карда» [9, 177-178].

Бояд ба риштаи қайд кашида шавад, ки дар қатори ашъори дигар, дар тазкира ба намунаҳои мустазод ҳам дучор мешавем. Азбаски бештари ин мустазодҳо дар робита бо ашъори маснуъ ва ё муаммоҳо омадаанд ва

хусусияти омехта шудани онҳо вуҷуд дорад, тавaққуфи ҷудогона дар ин маврид зарур нест. Аммо бояд тазаккур ёбад, ки маҳз дар давраи мазкур шоирон ба сурудани мустазод рӯй овардаву онро бо муаммо ва ё шеъри маснуъ омезиш додаанд. Лозим ба таъкиди ҷудогона низ аст, ки бархе мустазодҳо хусусияти таърихгӯйӣ доранд.

### II.4. Масъалаҳои шинохти мушаххасоти рӯзгори шуаро дар тазкира

Тазкираҳо ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои муҳимми асримиёнагӣ дар шинохти рӯзгори шуаро басо нақши бузурге доранд. Албатта падидаи рӯзгоршиносӣ, бо он ки дар мавриди шуарои шинохтаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як раванди сипаришуда бошад ҳам, дар мавриди шуарое, ки дар ҷаҳони илм камтар иштиҳор доранду нисбат ба зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ ва мақоми онҳо дар рушд ва такомули адабиёти форсӣ-тоҷикии ҳавзаи адабии Варорӯд камтар маълумот вуҷуд дорад, инчунин падида ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳамчунин, арзиши тазкираҳо, ки бештар дар гирдоварӣ ва ҷамъоварии мушаххасоти рӯзгор ва осори шоирони шомил ба дастаи мазкур нишон дода мешавад, дар ин қабил таҳқиқоти бештар рӯнамой мегардад.

Тазкираи Нисорӣ низ аз зумраи тазкираҳоест, ки ба сабти шарҳи ҳол ва намунаи осори шоирони ҳамзамонаш кифоят кардаву бо зикри иддае аз шоирони каммашҳур низ шухрат дорад. Аз ин рӯ, арзиши тазкираи мазкур дар шинохти шуарои каммаъруф ва на танҳо каммаъруф, балки равандҳои адабии давраи муаллиф ниҳоят муҳим мебошад. Махсусан, имрӯз, ки бо рӯйи кор омадани кутуби зиёди донишномавӣ ва хусусияти тазкиравӣ дошта, арзиши баъзе сарчашмаҳо кам шуда бошад, тазкираҳои асил, аз қабили «Музаккири аҳбоб» ин арзишро гум намекунанд. Ин нуктаро Наҷиб Моили Ҳиравӣ чунин баён доштааст: «Музаккири аҳбоб» барои огоҳӣ аз таърихи сиёсӣ, мазҳабӣ ва адабии қарни X ҳ.қ. (XVI мелодӣ – З.М.) асарест камназир, ки на танҳо таҳқиқоти муосирони моро дар бораи авомили баста шудану рост гардидани «Корвони Ҳинд» такмил мекунад ва «Таърихи адабиёт дар Эрон»-ро дар рӯзгори мавриди назар, он ҳам берун аз қаламрави сиёсии Сафавия ба

камол мерасонад, балки «Фарҳанги суханварон»-ро низ муҳтоҷи таҳриру веросторнии севум мегардонад» [126, 14]. Ин ҷо китобҳои «Корвони Ҳинд»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳ Сафо ва «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур дар назар аст. Дар ин замина, аз завқи саршори тазкиранигорон низ бояд ёдовар шавем. Ба андешаи муҳаққиқин, «…дар миёни тазкиранигорони форсӣ бисёре аз эшон соҳиби завқи шеър ва аҳли илму адаб буда ва ғолибашон шеър месурудаанд. Ҳамчунин иддаи касире аз онон соҳиби фазлу дониш будаанд ва аз ин лиҳоз завқу истеъдоди илмиву шоистагии тартиб додани тазкира доштаанд» [153, 24].

Арзиши тазкираро дар падидаҳои рӯзгоршиносии шуаро дар чанд нуктаи зер баррасӣ карда метавонем: соли таваллуд, ҷойи таваллуд, марҳилаҳои илмомӯзӣ, сафарҳо, оила, робита бо шоирон ва олимони замон, робита бо дарбор ва аҳли дарбор, соли вафот, тариқат ва мақоми шоир. Ин нуктаҳо дар шинохти на танҳо тазкираҳои асрӣ ва хусусӣ коромад доранд, балки ба кулли тазкираҳои шуаро корбаст мешаванд. Чунончи, дар бораи тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ омадааст: «Дар ин миён ба зикри боризтарин хасоис, тахаллус, осор, шуарову урафои муосиру муонис, мамдуҳ, салотини ҳамрӯзгор ва нақли намунаи ашъор таваҷҷуҳ менамояд» [98, 8]. Ин нуктаро муҳаққиқони дигар ҳам баррасӣ намуда, дар мавриди ин ё он тазкира чунин баҳогузорӣ кардаанд, нуктаҳои мазкур ва ё никоте, ки ба онҳо қаробат дорад, овардаву махсусан бартарияти маълумоти тазкиранигорро перомуни онҳо аз бартариятҳои тазкира донистаанд. Мисол, дар мавриди тазкираи «Мақолот-уш-шуаро» муҳаққиқ А.Раҳимов гуфтааст: «Мир Алишери Қонеъ дар «Мақолот-уш-шуаро»-и хеш кӯшиш ба харҷ додааст, ки доир ба суханварони номии Ҳинду Синд маълумотҳои тозаву дақиқ фароҳам оварда, дар муайян сохтани баъзе лаҳзаҳои зиндагии суханварон, яъне санаи мавлуд, макони валодат, баромади маҳалливу иҷтимоӣ, дар хидмати кӣ будани онҳо ва чӣ таълифот доштани онҳо дахл кунад, ки барои таърихи адабиёт дорои арзиши хоса аст» [105, 76]. Барои маълумоти бештар ҳар як аз ин бахшро ба таври алоҳида баррасӣ менамоем:

**Соли таваллуд.** Агарчи зикри соли таваллуд барои шинохти марҳилаҳои зиндагонии шоир ва нависандагон муҳим арзёбӣ мешавад, на ҳамаи тазкиранигорон ба овардани он риоя кардаанд. Аз байни 292 шоире, ки дар тазкираи Нисорӣ зикр шудаанд, ӯ соли вилодати ягон нафарро сареҳан зикр намекунад. Танҳо дар мавриди Мавлоно Фазлии Навшод чунин овардааст: «Аз шоирони наврасидаи пуркор аст ва ба гуфтани ашъори мушкила машҳур. Гӯянд, қасидае дар мадҳи Султон Саидхон гуфта, ки аз масореи аввал таърихи таваллуд ҳосил мешавад ва аз масореи сонӣ таърихи ҷулус, аммо ба назар наомада…» [9, 296].

Ба назари мо, ин падида дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» сабабҳои худро дорад. Нахуст ин ки шоирони мазкур дар тазкира ҳама ҳамзамони муаллиф буданду шояд ӯ ба зикри соли таваллуди онҳо ниёз надошт. Дуюм, азбаски ҳамзамон буданд, муаллиф худ зикри онро зарур надонистааст. Як нуктаи дигар он ки дар замони зисти муаллифи тазкира забти соли таваллуд аз лозимаҳои навиштани шарҳи ҳол ба шумор намерафтааст. Маҳз ба ҳамин сабабҳо Нисорӣ аз зикри соли таваллуди шоирон дар китоби худ худдорӣ кардааст.

**Ҷойи таваллуд.** Ин рукни шинохт ҳам барои таъйини аслу насаби шоир ва мавлиди ӯ ва ба кадом шаҳр нисбат доштанаш ниҳоят боаҳаммият мебошад. Ин нуктаро худи тазкиранигор ҳам дарк кардаву макони таваллуди шуарои зиёдеро дар тазкирааш овардааст. Мисол ӯ 99 тан аз шоиронро ба ин вежагӣ ҷудо кардаву ба таври возеҳ аз макони таваллудашон ёд мекунад, ки Мавлоно Рӯзбаҳони Исфаҳонӣ [9, 68], Шарафуддин Иброҳими Шервонӣ [9, 74], Муҳаммад Афзалӣ, Фонии Бухорой [9, 76], Мавлоно Миршодӣ [9, 83], Девона Ҳисомии Қаландар [9, 86], Мавлоно Содиқ, Мавлоно Касирӣ [9, 88], Хоҷа Ҳусайни Алоуддин [9, 90], Мавлоно Файзӣ [9, 123], Ҷамолии Ҳиндӣ [9, 125], Нозирии Самарқандӣ, Нисбатии Андиҷонӣ [9, 126], Девонаи Нишопурӣ [9, 127], Мавлоно Аҳмадӣ, Мавлоно Фардӣ [9, 129], Камоли Турбатӣ [9, 130], Иброҳими Андиҷонӣ [9, 131] ва ғайра дохил мешаванд. Чунончи: «Нодирбеки Садр – Аз ҷамоати Қункур аст» [9, 250]. Аммо бояд зикр шавад,

ки на дар ҳама ҳолат маълумоти Нисорӣ дақиқ аст. Ӯ мавлиди баъзе аз шоиронро сароҳатан зикр намекунад. Мисол: «Зикри Хоҷа Муҳаммади Вазир – Аз вилояти Хуросон аст, бефазилате набуд. Муддате дар Марв таваттун намуд» [9, 223]. Дар баъзе ҳолатҳои дигар бошад, Нисорӣ тавассути ишора ба ягон шохисаи шахсияти шоир зодгоҳ ва асли шоирро барои хонанда мефаҳмонад. Мисол зимни зикри Шайх Шарафуддин Ҳусайн мегӯяд: «Валади шарифи Шайх Ҳусайни Хоразмист» [9, 242]. Яъне, он ки падари шоир аз шахсиятҳои намоён буда ва ҳам зимнан ба зодгоҳаш тавассути зикри нисба ишора мешавад, худ кори тазкиранигорро осон мекунад: «Шайх Муҳаммадтоҳири Ансорӣ - Аз авлоди амоҷиди Абдуллоҳи Ансорист, *қуддиса сирруҳу,* аз фазоил холӣ набуд» [9, 25].

Аз маводи асари мазкур маълум мешавад, ки тавассути овардани нисбаи шоирон, аз аҳолии кадом шаҳр будан, ё дар кадом шаҳру минтақа таваллуд шуда, ба камол расиданашон дақиқ мегардад: «Амир Муҳаммадбоқири Яманӣ – Аз содоти олидараҷот аст ва валади Амир Абдуллоҳи Яманист, ки ба Мири араб шухрат ёфта…» [9, 251].

**Марҳилаҳои илмомӯзӣ.** Омӯзиши илм ва мусаллаҳ будани шуаро яке аз рукнҳои асосии шинохти маънавияти онҳост. Дар саросари китоби мавриди назар шоир бештар аз 100 маротиба ба илмомӯзии шуаро ишора кардааст ва новобаста аз он ки шоир аз кадом табақаи синфи ҷамъият аст, Нисорӣ ба ин масъалаи ҷаҳонбинии ӯ диққати махсус медиҳад. Маҳз ҳамин хусусияти тазкираро Фирӯз Мансурӣ меситояд [ниг.: 67, 52]. Ба ин гурӯҳ шоироне, чун Фонии Бухорой [9, 76], Мавлоно Содиқ [9, 88], Мавлоно Қавсӣ [9, 89], Низомуддини Абулбақо [9, 93], Шайх Боязиди Тӯронӣ [9, 97], Камоли Турбатӣ [9, 130], Мавлоно Ноҷӣ [9, 132], Қосими Зиёӣ [9, 134], Шайх Имодуддини Фазлуллоҳ ибни Хоҷа Алоуддин [9, 139], Мавлонзодаи Лоҳиҷӣ [9, 152], Ҳоҷизодаи Кобулӣ [9, 157], Муҳаммадамини Зоҳид [9, 166], Султонамини Ӯбаҳӣ [9, 180], Мавлоно Иброҳими Ганда [9, 186], Амир Обид [9, 197], Мир Маҳмуди Бачақӣ [9, 199], Абдуллатифи Ҷомӣ [9, 218], Абдулазизи Сиддиқӣ [9, 229], Мавлоно Дӯстмуҳаммад [9, 234] ва дигарон

шомил шуда метавонанд. Табиист, ки дар ин гуна мавридҳо тазкиранигор ба омӯзиши нозукиҳои шеър низ аз ҷониби шоир таваҷҷуҳ кардааст. Таҳлили муаллифи тазкира дар мавриди зикри шуарои он давр нишон медиҳад, ки муҳиммияти баррасии мухталифати онҳо на танҳо дар осори онҳо зоҳир мегардад, балки дар равобити онҳо бо устодон ва муҳити таълимии онҳо низ нақши муҳим мебозад. Муаллиф таваҷҷуҳи худро ба таърихи таҳсилоти ҳар шоир равона карда, нишон медиҳад, ки кадом устодони машҳур ба онҳо таълим додаанд ва дар кадом мадрасаҳо онҳо таҳсил кардаанд. Ба ин васила, сатҳи маърифат ва дараҷаи рушди шоирро муайян кардан мумкин аст.

Тавассути ин тақсимбандӣ, Нисорӣ ба хонанда нишон медиҳад, ки кадом шоир дар кадом сатҳи суханварӣ қарор дошт. Агар шоир дар оғози таҳсил бошад, эҳтимолияти номвар будани ӯ кам аст. Масалан, дар зикри Мавлоно Айнӣ омадааст: «Аз толибилмони муътабар аст. Пайваста дар пайи касби фазоил мебуд ва дар масоили илмӣ гуфтушунид менамуд» [9, 372]. Ҳамин тавр, агар шоир ба омӯзиши илмҳо машғул бошад ва устодони маъруф дошта бошад, ин нишон медиҳад, ки сатҳи маърифат ва ҷаҳоншиносии ӯ баланд аст.

Ин равиш инчунин ба таҳлили зеҳнии шоирон ва робитаҳои илмии онҳо бо устодони давр такя мекунад, ки дар натиҷа сатҳи воқеии рушд ва мақоми онҳо дар адабиёт равшантар мегардад. Тазкиранигор дар ин маврид, тавассути таъкид ба зикри устодон ва ҷойи таҳсил, талош мекунад нишон диҳад, ки дараҷаи маърифати шоирон ва сатҳи осори онҳо аз тариқи илм ва таҳсилот ба даст омадааст.

Муаллиф дар мавридҳои дигар хислатҳои фақат ҳамидаро таъриф намуда, зиндагонии шоирон ва ҳокимонро бо тавсифи муболиғавӣ нақл мекунад. Масалан, дар зикри Убайдуллоҳ Баҳодурхон, ки «дар фанни ҳадис тилмизи санад-ул-муҳаддисин... аст» [9, 17], муаллиф сатҳи баланди илмии ӯро баён мекунад, ки ин нишонаи сатҳи баланди маърифати ӯст.

Яъне, тазкиранигор бар замми он ки аз устодони шоири мавриди назараш маълумот медиҳад, боз дар кадом соҳаи илм дасти тавоно доштани

шоирро низ зикр менамояд, ки барои шинохти мақоми воқеии шоир ниҳоят муҳим аст. Ин нуктаҳо, ки ба таври мухтасар гуфта шуд, як бори дигар тарзи маълумотории Нисориро дар зимни зикри зиндагиномаи шоирон нишон медиҳад.

**Сафарҳо.** Сафарҳо яке аз нуктаҳоест, ки барои ҳарчи пурратар инъикос кардани ҷаҳонбинии шуаро истифода мешавад. Нисорӣ беш аз 60 маротиба сафарҳои шоирони мазкур дар тазкираро овардааст. Инҳо: Абулғозӣ Муҳаммади Баҳодур [9, 16], Шарафуддин Иброҳими Шарвонӣ [9, 74], Мавлоно Ғоӣ [9, 85], Девона Ҳисомии Қаландар [9, 86], Шайх Муҳаммади Хабӯшонӣ [9, 91] ва ғайра. Шинохти марҳилаҳои сафари шоирон ва нависандагон, ки дар кори тазкиранигор пайгирона ва бо мақсад ба риштаи тазаккур даромадааст, барои муҳаққиқон чанд нуктаи қобили эътибор дорад. Яке ин ки дараҷаи илмомӯзӣ, ки бештар дар гузашта дар сафар ба ҳусул меомадааст, маърифат мешавад. Чунончи, дар ҷаҳонбинии гузаштагон сафар кардан ва аз ғаниматҳои маънавии дигар қавму миллатҳо ва минтақаҳо омӯхтан дар сатҳи динӣ тарғиб мешуд, ки ин нуктаро Нисорӣ дар зикри шарҳи ҳоли шоирон низ ба диққати том овардааст. Мисол дар зикри шоире бо номи Мирзо Аҳмад чунин меорад: «… Иттифоқан ба ҷониби Ҳинд сафар кард ва ба акобиру фузалои он ҷо мулоқот намуд ва ба мазмуни ҳадиси «Тусофиру ва тусфиҳу ва туғанниму» (яъне, сафар кунед ва андӯзед ва ғанимат(и маънавӣ) бардоред – З.М.) ғониму шокир мурочиат фармуд…» [9, 257].

Дар баъзе ҳолатҳои дигар, вақте тазкиранигор ба зикри шоир ва сафарҳои эшон мепардозад, маҷмуан ишораҳои зиёд ва аз ҳам мутафовитро ба риштаи қайд кашида метавонем. Дар ин гуна мисолҳо ҳатто дар сафар будани шоир низ ба риштаи қайд кашида шудааст. Мисол: «Шуҷоуддини Дӯстибӣ – Аз аозими умарои Шайбонист ва валади амири кабири Ҷонвафоии Дуррамон аст… Ва Дӯстибии мазкур низ бағоят муътабар буд, аммо беэътибории дунё дониста, оҳанги сафари Ҳиҷоз карда ба тавфи Ҳарамайни

шарифайн мушарраф гашта. Баъд аз мурочиат ба таклифи тамом қабули аморат намуд, аммо пайваста мутаранними ин мақол буд: Ғазал*:*

*Кай бувад Ё Раб, ки рӯ дар Ясрибу Батҳо кунам,*

*Гаҳ ба Макка манзилу гаҳ дар Мадина ҷо кунам...*

Дар соли нуҳсаду ҳафтоду се мутаваҷҷеҳи он сафари муборакасар шуд ва ба шарафи зиёрати ҳарамайни шарифайн мушарраф гардид» [9, 248].

Агар дар баъзе ҳолатҳо Нисорӣ дақиқан мушаххасоти сафари шоиронро навишта бошад, дар ҳолатҳои дигар ба гуфтаи дигарон ва қавлҳои шунидааш низ такя месозад. Чунончи, дар зикри Девона Ҳисомии Қаландар гуфтааст: «Гӯянд, дар сафари роҳи ҳаҷ буда, яке аз ҳукком ҳукм карда, ки Девона аз ӯ чизе талабад. Ӯ гуфтааст, ки «Маро ба чизе эҳтиёҷ нест, ҳукм фармоӣ, ки магасон бар ман нанишинанд». Ҳоким гуфта, ки «Магас ҳукми маро намешунавад». Девона гуфта: «Касе, ки магас ҳукми ӯ нашнавад, ӯ ба касе чӣ тавонад дод?!» [9, 86]. Иқтибоси боло, аз забони дигарон нақл шудани қиссаро нишон диҳад ҳам, метавонад маслаки ирфонӣ доштани шоири мавриди тазаккурро низ аён созад. Ба ин монанд, чанд шоири сӯфимашраб, ки ба зиёрати «ҳарамайни шарифайн» рафтаанд, аз ҷониби тазкиранигор махсусан зикр карда мешавад.

**Оила.** Оила аз ҷиҳатҳоест, ки дар ҳаёти шоирони гузаштаи мо ба он камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Яъне, дар ин бобат баъзе тазкиранигорон низ диққати боиста надодаанд. Аммо агар таваҷҷуҳи тазкиранигор ба ин самт равона шуда бошад, пажуҳишгарон онро аз муҳассаноти кори муаллифони кутуби тазкира шуморидаанд: «Яке аз вежагиҳои дигари нигориши аҳволи шуаро дар тазкираи «Каламот-уш-шуаро» дар зикри хешу ақрабои шоирон ва дақиқ намудани пайвандони онҳо рӯнамо мегардад...» [49, 88].

Ин нукта, яъне зикри марбут ба оилаи шоирро аз ду самт баррасӣ кардан имкон дорад. Яке, аз кадом авлод будани шоир, зеро бештар аҷдоди шоиронро муаррифӣ менамояд. Масалан, дар мавриди Хоҷа Низомуддин Абдулҳодии Порсо гуфта: «Фарзанди арҷманди ҳазрати Хоҷа Абунасри сонӣ аст ва ба се восита ба ҳазрати қутб-ул-муҳаққиқин ва зубдат-ул-уламо-ил-

мудаққиқин Хоҷа Муҳамммади Порсо, қуддиса сирруҳу, мерасад…» [9, 192]. Ё ин ки дар бораи Амир Муҳаммади Бадеулқозӣ низ ин гуна ишорат дорад: «Валади аршаду фарзанди амҷади Амири боифтихор Қозӣ Ихтиёр аст, ки аз содоти бобаракоти олидараҷот аризист…» [9, 244]. Ба ин гурӯҳ бештар шоирон шомил мешаванд ва тавассути нишон додани аҷдоди шоир Нисорӣ мушаххасоти қобили таваҷҷуҳеро аз ҳаёти онҳо бознамоӣ мекунад. Масалан: «Бештари авқот дар сари мазори фоиз-ул-анвори ҳазрати ҷадди бузургвори худ Миркалон, *қуддиса сирруҳу*, мебошад …» [9, 278].

Дигар, он ки Нисорӣ фарзандони шуаро ва ё ягон хешовандони онҳоро ба риштаи қайд мекашад. Албатта, ин падида хеле кам дар тазкира дида шавад ҳам, вале қобили қайд аст. Чунончи: «Ва ҷаноби Шайх Абдуллатиф низ аз хулафои Шайх Ҳоҷӣ Муҳаммад аст ва домоди Шайх низ буда…» [9, 92].

Бояд зикр карда шавад, ки маҷмуан дар бораи ин ё он ҷиҳати оилаи сад шоир дар тазкира маълумот омадааст. Ба инҳо шоироне, чун Абулмузаффар Рустам [9, 27], Мирхоҷа ибни Алихоҷа [9, 308], Подшоҳхоҷа [9, 305], Хоҷа Ҳасани Холдор [9, 293], Мавлоно Қудсӣ [9, 284], Хоҷа Муин [9, 281], Хоҷа Муҳаммад [9, 278], Султоналии Ӯбаҳӣ [9, 180], Шайх Обид [9, 175], Сафиюддини Нурбахш [9, 160], Мирзо Улуғбек [9, 151], Камоли Турбатӣ [9, 130], Хоҷа Айюб, [9, 102], Хоҷа Зиёуддини Юсуф [9, 95] ва дигарон дохил мешаванд.

**Робита бо шоирон ва олимони замон.** Шоирони зиёде дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» бо робитаи худ бо дигар шоирон, олимон ва аҳли дониш шинохта мешаванд, ки ин падида дар тазкиранигорӣ як анъанаи қадимист. Барои он ки шинохти робитаи шоир ин шинохти фарогирии ӯ аз илми замон ва мақоми ӯ дар доираи адабии вақт аст. Ба ин гурӯҳ Фонии Бухороӣ [9, 78], Мавлоно Қавсӣ [9, 89], Низомуддин Абулбақо [9, 95], Шайх Боязиди Тӯронӣ [9, 97], Фахруддин Алии Воиз [9, 101], Мавлоно Абулқосим [9, 184], Мавлоно Тиргар [9, 185], Хоҷа Калони Маҷруҳӣ [9, 187], Хоҷа Низомуддини Абдулҳодӣ [9, 191], Мир Хуҷандӣ [9, 283], Абулмузаффар Абдуллатиф [9,

25] ва ғайра дохил мешаванд. Чунонки дар боло ҳам ин нукта ба риштаи қайд кашида шуд, муаллиф асосан робитаи хешу ақрабоии шоиронро ишора мекунад: «Ҳайдар Алишер – Аз ақрабои мири кабир (яъне, Алишери Навоӣ – З.М.) аст…» [9, 147] ва сипас дар қолаби чанд ҷумла ва шеър сифати Навоиро аз забони Ҷомӣ меоварад. Яъне, аз мавзуи асосӣ барканда шуда ва ба сифат кардани худи Навоӣ мепардозад. Дар давоми он сифати дуру дароз меоварад: «…Ва амир Ҳайдари мазкур аз ақрабои Амири кабир аст…» [9, 149].

Бо он ки робитаи хешовандии шоиронро зикр мекунад, аммо дар мавриди таъсири ин робита ба шахсияти шоир ягон нукта қайд нашудааст.

Дар мавридҳои муайян муаллиф робитаи худро низ бо шоирон нишон дода, дар пайравӣ ба онҳо қалам фарсуданашро таъкид мекунад: «Мир Хуҷандӣ – Худро аз содоти касир-ул-баракот мешуморад… Аз ҷумла қасидае гуфтааст, ки аз он ҳашт қасида мустахриҷ мегардад ва аз маҷмуи он абёти касира берун меояд…

Ва фақир мутаййире дар мадҳи ҳазрати Убайдуллоҳхон, халладаллоҳу мулкаҳу, гуфтааст ба тақриби Мири мазкур…» [9, 283].

Зимнан дар тазкира ба ҷуз робитаҳои дӯстонаи шуаро, баъзе нуктаҳо дар бораи рақобати онҳо ва ҳисси бадбиние, ки нисбат ба якдигар доштаанд, низ зикр мешавад. Масалан дар шарҳи ҳоли Фахруддин Алии Воиз чунин овардааст: «Манқул аст, ки чун Мавлоно Ҳусайн дар аснои ваъз пояи суханро баланд месохта, арбоб ҳоҷоти матолиби худро дар коғазпораҳо менавиштаанд ва дар зери саҷҷодаи Мулло мениҳодаанд ва Мулло дархӯри эҳтиёҷ дуо мекарда. Яке аз зурафои замон ин байти Хоҷа Ҳофизро навишта ва ба риёяи минбар ниҳодааст» [9, 100]. Байт:

*Воизон к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,*

*Чун ба хилват меравонд он кори дигар мекунанд.*

Мизоҷи шарифи Мулло аз дидани он ошуфта гардида ва гуфта, ки котиби ин байт гӯиё ба хилвати мо расида. Мулло Аҳлӣ дар он маҷлис буда ва Мулло Ҳусайн хаёл карда, ки ӯ навишта бошад, фармуда, ки масъала бигӯям: ҳимор бар ду навъ мебошад, яке аҳлӣ ва дигаре ваҳшӣ. Ваҳшӣ ҳалол

аст ва аҳлӣ мурдор. Ваҳшӣ он аст, ки дар саҳро мебошад ва аҳлӣ он аст, ки дар миёни мардум аст. Ва ба Мулло Аҳлӣ ишорате кардааст. Ва вазъи Мавлоно Аҳлӣ ба харкорон мушобиҳате дошта. Мавлоно Биноӣ Мавлоно Аҳлиро харкори бекор гуфта ва ӯ мақсуди Муллоро дарнаёфта…Аз маълумоти мазкур равшан мешавад, ки муносибати Ҳусайн Воиз ва Аҳлии Шерозӣ наонқадар хуб будааст. Ҳамчунин, шоири дигар – Биноӣ низ доир ба Аҳлӣ назароти нек надоштааст. Ё ин ки дар мавриди робитаи хуб надоштани Навоӣ бо Биноии мазкур ҳам дар ҷои дигар алоҳида таваққуф шуда, нуктаҳои ҷолиб зикр ёфтаанд: «Мавлоно Биноӣ дар ин маънӣ (яъне, мазмуни қитъаи Солеҳӣ ном шоир–З.М.) қитъае некӯ гуфта ва гӯиё қасдаш Амир Алишер буда, зеро ки мадҳе назм карда буда ва ба хидмати Амири Кабир бурда ва чун мизоҷи Мири мазкур ба ҷониби Биноӣ андак инҳирофе дошта, чандон илтифот нанамуда. Ҳамон мадҳро Мавлоно Биноӣ ба дигаре гузаронида ва ҷоизаи некӯ ёфта. Баъд аз он ин қитъаро гуфта: Қитъа:

*Духтароне, ки бикри фикри мананд,*

*Ҳар якеро ба шавҳаре додам.*

*Он, ки кобин надоду иннин буд,*

*З-ӯ гирифтам ба дигаре додам»* [9, 122].

**Робита бо дарбор ва аҳли дарбор.** Назар ба робитаи байниҳамдигарии шуаро муаллифи «Музаккири аҳбоб» дар мавриди робитаи шоирон бо дарбор ва аҳли дарбор, ё ин ки ҳокимону вазирон бештар ҳавсала нишон медиҳад. Ба назари мо ҳам ин падида беаҳаммияте нест, зеро ҳокимону подшоҳони гузашта бо завқу салиқаи шеършиносиву шеърфаҳмии хосе фарқ кардаву бо шоирону нависандагони навкор ва ё белаёқат ҳамкорӣ ва рафтуомад намекарданд. Ин аст, ки бархе муҳаққиқон онро дар шинохти масоили сиёсии О.М. низ асари пураҳаммият медонанд [144, 177]. Ҳамчунин, ба дарбор робита доштани шоир мутлақан аз мазҳаб, ойин ва равиши ҷаҳонбинии ӯ дарак медод. Барои он ки сулолаҳои ҳукмфармои замони Нисорӣ, ки нисбат ба подшоҳони пеш дар ин масъала сахтгир буданд. Шумораи шоирони мазкур дар ин гурӯҳ бештар аз дусад аст, аммо ҳоҷати

зикри исмҳои онҳо дар ин ҷо нест. Ба ҷои баршуморидани номҳои шуаро ба чанд нукта ишора кардан дуруст менамояд. Масалан, мавриди эътино ва ё ғазаби подшоҳон қарор гирифтани шоирон. Ин нукта, ки ба ҳаёти шоирон дахли бевосита дорад, аз он назар муҳим аст, ки сабаби маишати дуруст ва ё давомнокии ҳаёти шоирро нишон медиҳад. Чунончи, дар мавриди Маҷлисии Бухорӣ омадааст: «Қасидае дар мадҳи Бобур-подшоҳ гуфта буда ва дар маҷлиси ҳумоюнаш мехонда. Ба хотири подшоҳ расида, ки ҳафт ҳазор танга зар силаи ин қасида мебояд дод. Дар аснои хондани қасида он рубоии ҳаҷве, ки Чағатойро кардаанд ва Амир Муҳаммадсолеҳ ба он муттаҳам аст, ки барои подшоҳ рубоие гуфтааст. Вақте ки подшоҳ аз ӯ пурсидааст, ки Муҳаммадсолеҳ ин рубоиро ба чӣ тартиб гуфта бошад, Мулло гумон карда, ки подшоҳ аз рубоӣ хушаш омадааст, гуфтааст, ки қоили ин рубоӣ фақир аст ва Муҳаммадсолеҳ шуҳрати дурӯғин кардааст. Мизоҷи подшоҳ бағоят мутағаййир шуда… фармуда, ки «Ҳафт ҳазор тангаи зар ба ҷиҳати силаи қасидаи ту дар хотир афтода буд, ба хунбаҳо маҳсуб гашт» [9, 82].

Дар робитаи шоир бо ҳокимон як нуктаи зарифи дигар ҳам пешорӯйи мо қарор мегирад. Ин машраби шоирон аст. Дар иқтибоси болоӣ маълум мешавад, ки қасидасаро шоирест, ки машраби ирфонӣ надорад ва ба ҳайси намояндаи дарбор мадюни меҳрубонии шоҳ аст ва аз ин рӯ, ба силаву таваҷҷуҳи шоҳон ниёз доштааст. Иддаи дигар аз шуарои мазкур дар «Музаккири аҳбоб» баръакс машраби ирфонӣ доранду худи ҳокимон ба онҳо ниёз доранд. Мисол дар мавриди Низомуддин Абулбақо омадааст: «…Ва аз амтиаи (матоъҳои – З.М.) дунёи фонӣ он чи матлуб буда, бебоқӣ сарфи он ҷаноб менамуда. Ва хидмати Мир то сокини он амокин буда…» [9, 94].

Ё ин ки дар таъсири муносибати шоир бо аҳли дарбор ба балое гирифтор шудан ва аз пушти ин бало фавт кардани ӯ низ басароҳат дар мавриди Хоҷа Айюб ном шоир зикр мешавад: «Ва беқайдии Хоҷа ба мартабае буда, ки ҷаноби сиёдатмаоби маҳмуд Хоҷа Айюбро ба рисолат ба назди Гуҷарот фиристод, суҳбати намакини Гуҷаротиён мизоҷи ӯро дар шӯр оварда, наъли дилашро дар оташ афканд… Ва Хоҷа Айюб ба ҷавонони

моҳсимо ба айшу ишрат машғул гашта ва он ҷо монда баъд аз фатҳи Гуҷарот подшоҳ ӯро ба воситаи он ҷурм дар қафас карда...» [9, 104]. Ҳамчунин, шоиронеро мисли Хоҷа Калонбек «аз умарои муътабари Бобур-подшоҳ» [9, 109], Мавлоно Шиҳобуддини Муаммоӣ – «дар хидмати Ҳумоюн-подшоҳ тақарруби тамом дошта» [9, 110], Байромхон – «аз умарои муътабари Ҳумоюн-подшоҳ» [9, 145], Алибек – «аз маҳрамони Бобур--подшоҳ» [9, 150], Амр Низомуддин Музаффар – «аз умарои қадими Яъқубподшоҳ» [9, 202], Мулло Ховарӣ – «аз шуарои Одилшоҳ Султон» [9, 205] ва ғайра ба риштаи зикр мекашад ва ба дарбор робита доштанашонро баён медорад.

**Соли вафот.** Аз далелҳои муҳиммест, ки тазкиранигорон дар китобҳои худ ба он таваҷҷуҳ менамоянд. Мутаассифона, дар тазкираи мавриди назар ба ин масъала нисбатан камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Ҳол он ки ин аз муҳимтарин ахборест доир ба зиндагонии шоир. Услуби роиҷе, ки дар баёни соли вафоти шуаро Нисорӣ пеш гирифтааст, тавассути таърих ва ҳисоби абҷад гуфтани он мебошад. Масалан, дар мавриди вафоти Абулфатҳ Муҳаммади Шайбонӣ чунин менигорад: «Ва аз ҳуруфи «Сурхкулоҳ» таърихи шаҳодаташ маълум мешавад» [9, 16]. Калимаи «Сурхкулоҳ» ба ҳисоби абҷад баробар ба 916-и ҳиҷрӣ аст, ки ба соли мелодӣ ба 1510 баробар мешавад. Ба ин монанд, муаллиф соли вафоти Абулғозӣ Убайдуллоҳ Баҳодурхон ибни Маҳмудсултон ибни Шоҳ Бадоғсултон ибни Абулхайрхон – соли 946/1540, Абулғозӣ Абдулазиз Баҳодурхон ибни Убайдуллоҳхон – соли 956/1550 ва дигаронро тавассути таърихгӯйии шоир ба риштаи қайд мекашад.

Ҳамчунин, дар бораи баъзе шоирон маълумоти кӯтоҳ оварда, дар мавриди соли вафоташон таваққуф накарда бошад ҳам, бо ишорати мухтасар дар мавриди синнусоли шуаро хабар медиҳад: «Мир Шайх Пӯронӣ – Аз ҳафтод мутаҷовиз буд, ки фавт намуд…» [9, 171]. Шоирон Мирак Ҳасан [9, 206], Абдулазиз Баҳодур ибни Убайдуллоҳхон [9, 34], Шайх Мунаввари Меҳнаӣ [9, 170], Мавлоно Афсарӣ [9, 178], Ҳофиз Султон Алии Ӯбаҳӣ [9, 19] ва ғайра низ аз ҷумлаи шуарое мебошанд, ки дар синни пирӣ аз олами фонӣ даргузаштаанду ин бевосита зикр шудааст.

Бештар аз шуарои номбурдашуда бо зикри синнусолашон, масалан, қариби ҳаштод расида буд, аз навад мутаҷовиз буд, ба яксаду нуҳ расида буд гуфта шудааст, аммо иддае аз шоирон танҳо ба пирӣ расида буд, гуфта шудаанду халос. Бар замми ин, як иддаи дигар ҳаст, ки хеле кам бошад ҳам, қобили тазаккур мебошад. Нисорӣ дар зикри Хоҷа Муҳаммади Қатод чунин меорад: «Қариб ба синни ҳаёти табиӣ расида буд, ки шарбати мавт чашида, реҳлат намуд» [9, 188].

**Тариқат.** Дар мавриди тариқати шуаро, ҳарчанд на дар ҳама ҳолат, аммо алоқадри ҳол Нисорӣ хабарҳои муфид додааст. Муайян кардани тариқати ирфонии шоирон дар шинохти ҷаҳонбинӣ ва маслаки онҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Чунки ин шинохт имкон медиҳад, ки муҳаққиқ мазомини мазкур дар шеъри шоирро дуруст дарк намояд. Нисорӣ низ ба тариқати аксари шуарои дар тазкирааш омада, ишораҳо кардааст. Аз рӯйи мушоҳидаи мо, ӯ шоиронеро, ки ба тариқати ирфонӣ ҳатто ба ҳайси муриди навроҳ шомил шуда буданд, ҳатман бо ифодаҳои *сулуки тариқат дар…, дар тариқати…, солики масолики тариқат, дар хидмати шайхи тариқат, нисбати тариқат* ва ғайра ба риштаҳои ирфонии онҳо ва пирони тариқаташон, ки дар хидмати онҳо будаанд, ишора менамояд. Дар мавриди Маъсумхоҷаи Ишқӣ дар китоб омадааст: «Аз аҳфоди ҳазрати Шайх мудаққиқ Муҳаммад Содиқ Шайх ибни Абулҳасан Шайх ибни Илёс Шайх ибни Шайх Муҳаммад Шайх ибни Худоқулӣ Шайх Ишқист. Ва Шайхи муҳаққақ Муҳаммад Содиқро нисбати тариқат ба ҳазрати султон-ул-орифин аст…» [9, 220].

Бояд зикр шавад, ки Нисорӣ тақрибан панҷоҳ фисади шоирони мазкуркардаашро ба тариқи гуногун баён мекунад. Дар баъзе мавридҳо ин нуктаро аз унвонҳо ва дараҷаҳое, ки пеш аз номи шоирон, мисли Мавлоно, Шайх, Хоҷа ва амсоли ин сабт мешавад, падидор мегардад. Дар ҷойҳои дигар бошад, аз исм ва ё тахаллуси адабии шоир низ равшан мегардад. Мисол: «Мавлоно Толибӣ – Аз дарвешони гармрав аст, пайваста ба қадами талаб гирди соликон мегашта ва розро дар парда ниҳон медошта…» [9, 161]. Ё ин

ки: «Хоҷа Муҳаммад Алии Туҳурӣ – Аз авлоди амоҷиди ҳазрати Шайх Хованди Туҳур аст ва ба ҳазрати Хоҷа Аҳрор низ қаробате дорад. Ва аз ҷумлаи соликони масолики дину моликони мамолики яқин буда, гоҳе маонии воридаро дар силки назм изҳор менамуда…» [9, 99].

Гоҳе дигар муаллиф ба дараҷаи баланди ирфонӣ расидани шоиронро низ ба риштаи қайд мекашад: «Мавлоно Хушмуҳаммади Азизон – (Аз муридони ҳазрати Шайх Худойдод аст. Ва ҷазбае бар сулукаш ғолиб буда ва ба риндӣ шуҳрате дошта) тавфиқ рафиқи ӯ гашта, бадрақаи инояти азалӣ ӯро аз ҳазизи разоили (яъне, пастии табъи инсонӣ – З.М.) башарӣ ба авҷи фалаки малакӣ расонида…» [9, 178].

Ба гуфтаи муаллифи тазкира шоирон на танҳо муриду толиб, балки мударрису тарғибгари тасаввуф низ будаанд: «Шайх Абдуллатифи Ҷомӣ – …Ва ҷаноби Шайх Абдуллатиф низ аз хулафои Шайх Ҳоҷӣ Муҳаммад аст ва домоди Шайх низ буда… ва ба иззи иршод муаззаз гашта, толибонро ба сулук тарғиб менамуд…» [9, 217].

Дар фаровард ин нукта қобили кайд аст, ки муаллифи тазкираи «Музаккири аҳбоб» барои равшантар нишон додани мақоми шоирон ва шохисаҳои марбут ба рӯзгори онҳо доир ба чанд нуктаи муҳимми шахсии шоир ишора мекунад. Инҳоро мо ба ду гурӯҳи шартӣ низ ҷудо карда метавонем, ки яке ба зиндагии ӯ алоқаманд асту дигар ба мақому шахсияташ.

**Мақом ва шахсияти шоир.** Дар мавриди шоирон бошад, бештар бо ҷумлаҳои «Ва дар фununи ашъор зӯфунун буд, ба навъе, ки ба ишъори он эҳтиёҷ нест» [9, 28]; «Ва ашъори хубу гуфтори марғубаш маҳбуб-ул-қулуб аст ва ҷавоҳири суханаш назди саррофони олам қимати тамом дорад» [9, 46]; «Дар алфози қалили қасир маонии касир баён мекарда ва дақиқае фурӯ намегузошта ва итноб дар иншо ҷоиз намедошта» [9, 50]; «Ашъори форсию туркии хуб бисёр дорад» [9, 58]; «Ашъори санҷидаи ғаррову гуфтори писандидаи зебо дорад. Ва ин ғазалаш матлубу марғуби арбоби қулуб аст…» [9, 71]; «Табъаш некӯ аст ва ашъори хубу суханони марғуб дорад. Ва ин ғазали ӯ бисёр хуб воқеъ шуда…» [9, 83]; «Табъи санҷидаи писандида дорад

ва оинаи дилаш сода афтода ва дар ҳама фунуни шеър сухан кардааст ва тасонифи некӯ намуда, то ҳазор байт дорад ва дар боби тасаввуф суханонаш баланду муқаддамоташ дилписанд аст. Ва ашъори латифаш шуҳрате дорад» [9, 151] ва ғайра. Мо барои тул надодани матлаб бархе аз ин навъ ифодаҳои тазкиранигорро ҷамъ овардем, ки ба тартиби зайл аст: *каломи балоғатнизом, матлаи рангин аз гуфтори намакин, маонии хубро дар ибороти марғуб муаддӣ мегардонида, гуфтори дилфиреб, матлаи обдор, суханони баланду ашъори дилписанд, ашъори санҷидаву гуфтори писандида, суханонаш дилпазир ва маънояш бағоят баланд воқеъ шуда, суханони диловези шакаррез, абёти хубу ашъори марғуб, суханони муҳкаму матин дорад ва ин матлаи ӯ мухайялу рангин воқеъ шуда, аз ҷумлаи каломи балоғатомези фасоҳатангези ӯст, табъи санҷидаи писандида дорад* ва амсоли ин. Дар ҷойҳои дигар баръакс гоҳ-гоҳ ба шоирӣ шуғл варзидани бархе аз шуарои мазкур дар тазкираашро низ басароҳат меоварад: «(Ва гоҳ-гоҳ ба ҷиҳати иншироҳи қалб ба шеър таваҷҷуҳе менамуданд ва ин матлаъ аз мақолоти шарифаи Мавлоност): Байт**:**

*Ҳазор бор кунад ҷони худ нисори яке,*

*Накарда шукри ғами ёр аз ҳазор яке»* [9, 117].

Ҳамчунин, дар дигар мавридҳо низ бо иборати *ва табъи латифи шарифаш гоҳ-гоҳ ба шеър илтифоте менамуда* [9, 83]; *ва бо он ки табъи бонизомаш нозими манозими дин буд, гоҳе ба шеър ҳам илтифоте мефармуд* [9, 117] ва ғайра аз ин хусусияти шоирон дарак медиҳад. Ба ин восита тазкиранигор арзиши китоби худро меафзояд, зеро ӯ муносибати худро ба шеъри шоирони мазкур нишон медиҳад ва чунонки гуфта ҳам шуд, аксаран дар мавриди онҳое, ки ба шеър муносибати ҷиддӣ надоранд, ба тафсил сухан намекунад. Балки ихтисори матлаб дар ин мавридҳо аз вежагиҳои навиштаи Нисорӣ аст. Истиснои ин ҳолат танҳо дар мавриди чеҳраи сиёсӣ ва ё ирфонии вежа будани шоир ба мушоҳида мерасаду халос.

Дар баробари ин, дар баёни тазкиранигор мавридҳои зиёдеро ҳам ба мушоҳида гирифта метавонем, ки ба ягон ҷиҳати шеъри шоир баҳо додааст.

Ӯ, ба ин восита қуввати бештар доштани танҳо як ҷанбаи осори шоирро нишон додан мехоҳад. Масалан, агар дар эҷодиёти шоир ягон ҷанба махсусан барҷаста бошад, тазкиранигор ба таври хос ба ҳамон самт таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Чунончи, дар бораи Лисонии Марвӣ гуфта шудааст: «Шеъраш комилан маъруф аст ва суханонаш аз назари лаззат кам нестанд. Ин ғазал дар байни шоирон ва донишмандон шуҳратёр аст ва саршор аз хаёлоти нозук ва зебо мебошад».

Ғазал**:**

*Лайлӣ, ки зи хубони араб хайлу сипаҳ дошт,*

*Хонасияҳе буд, ки сад хона сияҳ дошт.*

*Бар рағми рақибон сӯи мо низ нигоҳе,*

*То чанд тавон хотири ағёр нигаҳ дошт.*

*Ҳар ҷой дил аз наъли саманди ту нишон дид,*

*Дар ҳасрати боз омаданат чашм ба раҳ дошт.*

*Дарбохт ба меҳри маҳи рӯят шаби дигар,*

*Он ҳусну латофат, ки шаби чордаҳ маҳ дошт.*

*Шуд куштаи теғи ситами ёр, Лисонӣ,*

*Касро набуд он заҳра, ки гӯяд: «Чӣ гунаҳ дошт?!*» [9, 91].

Яъне, махсусан дар ғазал дасти тавоно доштани адиб таъкид карда мешавад. Ин қабил баҳодиҳиҳои Нисорӣ дар мавриди шуарои дигар ҳам бисёр воқеъ шудааст:

«Мавлоно Умедӣ – Аз Рай буда аз ҷумлаи шоирони хушгӯй аст ва дар боби суханварӣ ва нуктапарварӣ шуҳраи шаҳру ягонаи даҳр буда ва дар биҳори қасида дурҳои аҷибу лаолии ғариб суфта…» [9, 111].

Ҳамчунин, ибораҳову ҷумлаҳои *ба забони тозӣ ин ғазалро салис иншо намуда; суханони беғашу ғазалҳои дилкаш дорад; дар оҳанги ғазал баста буд; қасоиди хубу ғазалҳои марғуб дорад; ғазалҳои матбуи хуб дорад; қасоидаш бағоят латифу ғаррост; дар қасоид қуввати тамом дошта; ва қасоиди некӯ дорад* ва ғайра низ баёнгари ин хусусияти баёни тазкиранигоранд. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, мавзуи шеъри шоирро бо як

ҷумлаи мухтасар баён медорад: «…аҳволи ворида дар кисвати назм эрод менамуда…» [9, 57]. Дар баъзе мавридҳои дигар сабаби ба ин ё он соҳаи шеър иштиғол варзидани шуароро ба иборати зайл дақиқ месозад: «Майрам Сиёҳ – Аз вилояти Хуросон аст ва холӣ аз фазилате набуда ва аксари авқоти худро сарфи ҳаҷв менамуда. Гӯянд рӯзе ин ғазалро назм карда ва ба хидмати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, қуддиса сирруҳу ас-сомӣ, арз карда ва ҳува ҳозо: Ғазал**:**

*Фурсат ғанимат аст, бикаш ҷоми Салсабил,*

*Нақди ҳаётро нашуда ҳеч кас кафил.*

*…Майрам, зи дасти лолаузорон зи тарфи боғ,*

*Бистон ту ҷоми бодаву бигзар зи қолу қил.*

Ҳазрати Мулло фармудаанд: «Касе, ки чунин шеъре тавонад гуфт, ҳайф бошад, ки ба ҳаҷв таваҷҷуҳ намояд». Майрам гуфта: «Ҳарчанд хуб гӯям, ба гарди маходим намерасам. Дар ҷойе сухан кардаам, ки касе бо ман баробар намешавад» [9, 136-137].

Тазкиранигор шоиронро бо сифатҳое, ки одатан дар кутуби тазкира ва таворих зикр мешавад, меситояд. Ҳамчунин, барои нишон додани дараҷаи маънавии шоир ба хидмати ӯ омадани салотину ҳокимонро ба риштаи қайд мекашанд. Мисол дар бораи Мавлоно Камолуддин Абулхайр чунин нигоштааст: «Ҷомеъ-ул-фуруъи ва-л-усули ва ҳовий-ул-манқули ва-л-маъқул (яъне, ҷомеи илмҳои фаръиву аслии дин ва донандаи ривоятҳои ва масоили ақлӣ дар фиқҳ – З.М.) буд… Табъи латифи Мулло бисёр назокат дошт ва дар латофату зарофат нуктае фурӯ намегузошт. Агар дар маҷлис аз касе ба хилофи қоида чизе содир шудӣ, чунон танбеҳ менамуд, ки сабаби шукуфтагӣ мегашт…» [9, 131].

Муаллифи тазкира тавсифи худро ба ҳадде нисбат ба ин шоир бурда, ки дар давоми шарҳи ҳолаш овардааст, ки Ҳилолӣ шогирди ӯ буда ва дар вақти таснифи «Шоҳ ва гадо» аз ӯ маслиҳат мепурсидааст: «Дар вақте, ки Мулло Ҳилолӣ таснифи «Шоҳ ва гадо» мегуфта, гоҳе ба хидмати Мулло арз мекарда, баъзе абёт, ки бар забони Мулло бар сабили бадеҳа мегузашта, дар

китоби худ дарҷ карда менавишта. Ва ин ду байтро аз он ҷумла мегӯянд. Маснавӣ**:**

*Сарвқаде, ки чун қадам мезад,*

*Ҳар қадам оламе ба ҳам мезад.*

*Шӯхчашме, ки чун нигаҳ мекард,*

*Хонаи мардумон сияҳ мекард*» [9, 132].

**Хулосаи боби II**

«Музаккири аҳбоб» аз нигоҳи сохтор, арзиш, сабки таълиф, услуби баён, зикр шудани ин ё он ҷанбаи рӯзгор ва осори шуаро асари мустақил ва тазкираи асил аст. Аз ин рӯ, дар зайл андешаҳои худро перомуни никоти мазкури асар дар нуктаҳои зерин ҷамъбаст мекунем:

Нисорӣ, дар баробари он ки асари худро ба ҳайси давоми кори Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Алишери Навоӣ эътироф мекунад, он тазкираҳоро аз ҳар ҷиҳат такмил додан хостааст.

Нисорӣ дар «Музаккири аҳбоб» якбора ду хусусияти тазкираи инфиродӣ – асрӣ ва маҳаллӣ буданро инкишоф дода, бад-ин тариқ дар такмили навъҳои тазкираҳои шуарои форсӣ-тоҷикӣ низ саҳм мегирад. Дар ин замина, бештар барои муаррифии шуарои ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, ки нисбатан камтар омӯхта шудаанд, саҳм мегирад.

Ӯ тазкираашро ба бобҳо ва фаслҳои муайян тақсим карда, дараҷаи шиносоии худро бо шоирони шомили тазкира барои хонанда нишон додааст. Ин санади бисёр муҳим буда, аҳли таҳқиқ бахубӣ хоҳанд донист, ки имкони кадом нуктаҳои мармузи тазкираро қабул кардан ва кадомро мавриди шак қарор додан доранд. Тақсимоти синнусолӣ, ки аз принсипҳои бисёр муҳим дар тазкиранигории «Музаккири аҳбоб» қаламдод шуд, дараҷаи такмилёбии истеъдоду дониши шоиронро ҳам нишон дода метавонад.

Бо он ки насри тазкираи Нисорӣ ба сабки анъанавии тазкиранигории замони худ мутобиқ ва наздик аст, чанд хосиятҳои фарққунанда дорад, ки

муҳимтарини он дар омезиши усулҳои маъмули наср, дар мисоли насри фаннӣ, масҷуъ, мурсал ва ривоятӣ мебошад. Инчунин, истифодаи фаровон аз арабиёт ва санъати бадеие, амсоли саҷъ ва сифатчинӣ, шарҳу тавзеҳи матолиби марбутнабуда ба асли матлаби тазкиранигор дида шуд. Зимни чунин шарҳҳо маълумоти арзишманде дар мавриди шаҳру бинову шахсиятҳо дидан мумкин аст ва нуктаи муҳим он ки дар зимни шарҳ забони баён ва ифода пур аз саҷъи мутавозӣ ва тансиқ-ус-сифот барҳам мехӯрад ва ба насри ривоятӣ наздик мешавад. Ин хусусият дар вақти забти ривоятҳо низ ҳамсон мебошад.

Тазкиранигор барои дурӣ ҷустан аз тасвирҳои такрорӣ ба қалам кашидани ифодаҳои хосе пардохтааст, ки ғолибан бо ном, куния, лақаб, пеша, тахаллус ва амсоли ин ягон робита дорад. Дар натиҷа як равиши бисёр зебои насри масҷуи мамлуъ аз тансиқ-ус-сифот ва соддаву равон мисли насри ривоятии фаҳмо ва қариб ба услуби бадеиро ба вуҷуд овардааст.

Арзиши дигари адабии тазкира дар бораи соҳибдевон будани шоирон маълумот додан аст. Ба ҷуз ин, тазкиранигор дар мавриди дигар навъи осори шоирон, тахассусмандии онҳо нисбат ба ин ё он навъи шеърӣ, тахаллуси шоирон, ба кадом шоир пайравӣ кардани онҳо ва ғайра низ маълумоти зиқимат медиҳад.

Нуктаҳои марбут ба ҷараёнҳои тасаввуф ва ҳолати тасаввуф, ё ҷараёни ошноии шоирон бо ҳамдигар ва ё масоили марбут ба илму олим ва амсоли инро зикр менамояд, ки қимати тазкираро аз ин манзар меафзояд.

Дар тазкира раванди гароиши шеъри замони муаллиф, махсусан дар доираҳои Бухорову Самарқанд, ба шеъри маснуъ ва лафзгарою буруннигар ба хубӣ инъикос мегардад. Таъкидҳои муаллифи тазкира доир ба ин ё он шоир ва таваҷҷуҳи онҳо ба санъатгароӣ, муаммогӯйӣ ва умуман зоҳири шеър сабабҳои ба сабки дигар, яъне ҳиндӣ гароидани шеъри форсии тоҷикиро дар умум нишон дода метавонад.

# БОБИ III. ҶОЙГОҲИ ТАЗКИРАИ «МУЗАККИРИ АҲБОБ»-И ХОҶА ҲАСАНИ НИСОРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЗКИРАНИГОРИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

## III.1. Тазкираҳои асри XVI Мовароуннаҳр ва муаррифии шуарои камшуҳрати тоҷик

Тазкира ҳамчун жанри адабӣ ҷойгоҳи муҳимро дар таърихи адабиёти тоҷикӣ ишғол менамояд. Дар асри XVI, бахусус дар ҳудуди Мовароуннаҳр, тазкираҳо яке аз воситаҳои асосии абадӣ гардонидани номҳо ва осори шоирону нависандагон гардиданд, ки бисёре аз онҳо дар миқёси умумии анъанаи адабӣ ношинос монданд. Ин жанр на танҳо мероси эҷодии онҳоро инъикос мекард, балки маълумоти гаронбаҳоро дар бораи зиндагии муаллифон, муҳити атрофи онҳо ва фазои зеҳнии замонаш пешниҳод менамуд.

Таҳқиқоти ҳозира ба омӯзиши тазкираҳои асри XVI, ки дар Мовароуннаҳр навишта шудаанд ва равшан намудани осори шоирони камшуҳрати тоҷик равона шудааст. Ҳадафи ин кор муайян намудани саҳми онҳо дар рушди фарҳангӣ ва адабии минтақа, инчунин таҳқиқи контексти таърихӣ-фарҳангӣ, ки ин асарҳо дар он ба вуҷуд омадаанд, мебошад.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, тазкираҳои зиёде дар давраҳои мухталиф таҳия шудаанд, ки ҳар кадом дорои арзиши хоси худ мебошанд. Гарчанде ки системаи пешниҳод кардани маълумот дар бораи зиндагиномаи шоирон ва навиштори онҳо дар тазкираҳо як навъи муайянро дорад, муаллифони онҳо кӯшидаанд, ки барои ифодаи фардияти сабки кор ва услуби баёни худ, тазкираҳоро ба як мавзуъ ва самти ҷудогона ихтисос диҳанд. Ин сабаб шудааст, ки тазкираҳои шоирон ба шаклҳо ва намудҳои гуногун тақсим шаванд.

Худи калимаи «тазкира» дар китоби «Марҷашиносӣ ва равиши таҳқиқ»-и Сутуда аз ҷиҳати луғавӣ ба маънои «ёдгор», «ёддошт» ва «ёдовариҳо» шарҳ дода мешавад, ки аз назари истилоҳӣ ба маънои китобест,

ки зиндагӣ, фаъолият ва навиштаҳои шоирон ва дигар табақаҳо, мисли хаттотон, ҳунармандон, орифон ва ғайраро фаро мегирад [120, 91]. Ин калима, махсусан пас аз пайдоиши «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, ба доираи васеи истифода ворид шуд. Тазкираи мазкур на танҳо аз рӯйи номи худ, ки калимаи «тазкира»-ро дар бар мегирад, муҳим аст, балки ҳамчун китобе шинохта мешавад, ки пас аз он анъанаи тазкиранигорӣ дар Вилоят ва минтақаҳои гуногуни Хуросон ва Шибҳи қораи Ҳинд густариш ёфт.

Дар асри XVI сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон дар натиҷаи низоъҳои зиёди дохиливу хориҷии сулолаҳои Шайбониён ва Сафавиён ду давлати бузурги феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Ин ду давлат аз ҷиҳати мақсадҳои сиёсию эътиқодоти динӣ комилан муқобили якдигар амал мекарданд. Аз ибтидои асри XVI сар карда, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ асосан ба се ҳиссаи ҷудогона тақсим шуд ва тадриҷан эҷодиёти адибони сарзамини Эрон бо номи адабиёти форс ва адибони сарзамини Мовароуннаҳр ба унвони адабиёти тоҷик шухрат ёфт. Адабиёти форсизабони Ҳинд бошад, пас аз таъсис ёфтани давлати Темуриёни Ҳинд дар минтақаи Шибҳи қораи Ҳинд нашъунамо кард, ки хусусиятҳои тазкиранигориро ҳам аз чанд ҷиҳат тавсеа дод. Аммо ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ҳамчун конуни тазкиранигорӣ дубора ин суннатро бо зуҳури Давлатшоҳи Самарқандӣ эҳё кард. Профессор Ф.Насриддинов онро «сарчашмаи илҳоми садҳо тазкиранигорон қарор гирифтааст ва дар байни бештар аз шашсад тазкираи шинохташуда эътибори бас арҷманд дорад» [98, 3]-гӯён меситояд. Сипас, ин анъана дар фаъолияти Алишери Навоӣ, Соммирзои Сафавӣ, Нисорӣ, Фахрии Ҳиротӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Дарвешалии Чангӣ ва дигарон идома ёфт. Як хусусияти тазкиранигории асри Нисорӣ дар он зуҳур мекунад, ки дар он, махсусан дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр навиштани тазкираҳои асрӣ роиҷ шуд. Тазкираҳо дар маҷмуъ ба ду қисм: умумӣ ва хусусӣ тақсим мешаванд. Тазкираҳои умумӣ шомили зикри шуарои гузаштаву муосири тазкиранигор мебошад, ё худ шоирон сарфи назар аз макону замони зиндагӣ дар он зикр

мешаванд. Мисол: «Лубоб-ул-албоб», «Ҳафт иқлим», «Хулосат-ул-ашъор», «Арафот-ул-ошиқин», «Риёз-уш-шуаро», «Наштари ишқ» ва ғайра [92, 227]. Дар тазкираҳои хусусӣ бошад, сухан аз аҳволу осори гурӯҳи хоси шуаро ё муосирони тазкиранигор меравад, ки «Музаккири аҳбоб», «Нигористони сухан», «Мақолот-уш-шуаро», «Таърихи Ҷаҳонгирӣ» ва ғайра ба ин гурӯҳ шомил мешаванд. Тазкираҳо аз рӯйи матлаби тазкиранигор низ ба ду навъ тақсим мешаванд: Тазкираҳои асил ва тазкираҳои ғайри асил. Дар тазкираҳои асил тазкиранигорон тақрибан тамоми матолиби худро аз худ навишта, аз тазкираҳои дигар нақл ва иқтибос накардаанд. Дар тазкираҳои асил суханвар тамоми матлабҳоро аз рӯйи тадқиқу ҷустуҷӯйҳо ва ақидаҳои шахсӣ баён мекунад. Ба ин гурӯҳ «Лубоб-ул-албоб», «Музаккири аҳбоб», «Майхона», «Ҷавоҳир-ул-аҷоиб» ва мисли ҳамин тазкираҳо дохил мешаванд. Тазкираҳое, ки нависандагони он матолиби худро аз ҷойи дигар нақл кардаанд, ба табақаҳои зайл қисмат мешаванд:

Тазкираҳое, ки нависандагони он тақрибан тамоми матолибро аз тазкираҳои дигар нақл кардаанд, ба монанди «Базморо», «Хулосат-ул-ашъор», «Хулосат-уш-шуаро», «Гулдаста» ва ғайра

Тазкираҳое, ки нависандагон аксар матолибро аз худ навишта ва баъзе аз матолибро нависанда худ изофа кардааст, ба монанди «Равзат-ус-салотин», «Ҳафт иқлим», «Ҳамешабаҳор» ва ғайра [92, 227].

Яке аз муҳаққиқони эронӣ Саид Шафеиюн мақолаи пурмуҳтавое навишта, навъҳои тазкираҳои адабиро ба 30 расонидааст [133, 104] ва албатта ҳамаи ин навъҳо бо далоили илмӣ асоснок шудаанд. Муҳаққиқи тоҷик Ш.Шарифов шакли мухтасари онро дар ҷадвал бори аввал барои хонандагон ироа карда буд [132, 115]. Ҳамчунин, олими фавқуззикри эронӣ анвои китобҳои «таърих-тазкира», «баёз-тазкира» ва «рисола-тазкира»-ро зикр мекунад [133, 89-90], ки дар баробари тазкираҳои алоҳида дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шинохта шудаанд. Тибқи ин тақсимбандӣ тазкираҳо аз назари ҳаҷм ва муҳтаво ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:




| **Муҳтаво** | | |
|---|---|---|
| Шумул | Лаҳн | Ибдоъ ва асолат |
| Умумӣ ё куллӣ | Нақизаӣ | Таҳқиқӣ-интиқодӣ |
| Ихтисосӣ, ҷузъӣ ё бахшӣ | Ҷиддӣ | Талхисӣ |
| | | Мунтаҳил |
| | | Мутарҷим |
| | | Зайлӣ |
| **Тазкираҳои ихтисосӣ, ҷузъӣ ё бахшӣ** | | |
| Асрӣ | Мамдуҳӣ-манқабатӣ | Ноҳияӣ |
| Ҷинсиятӣ | Гунаӣ | Шахсиятӣ |
| Маслакӣ ё мазҳабӣ | | |

Баробари анвои гуногун, тазкиранигорӣ таърихи пуршебу фароз низ дорад. Бинобар гуфтаи Сутуда – муаллифи асари «Марҷаъшиносӣ ва равиши таҳқиқ» аз асри XVI ба баъд, хусусан дар Шибҳи қораи Ҳинд, ки ба яке аз гаҳвораҳои забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тағйир ёфта, ба маънои китобе истифода мешуд, ки дар он зиндагиномаи шоирон, вазъи ҳаёти онҳо ва

намунаҳои ашъорашон гирд оварда мешуданд. Ҳамон маънӣ имрӯз низ дар ҳамин шакл истифода мешавад [120, 91].

Қадимтарин тазкираҳо ва китобҳои хусусияти тазкиравӣ дошта дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ инҳоянд: «Тазкираи мусаввар»-и Муҳаммади Ровандӣ, «Маноқиб-уш-шуаро»-и Камолуддини Хотунӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомӣ Арӯзии Самарқандӣ, «Китоб-уш-шеър ва-ш-шуаро»-и Динаварӣ ва қадимтарин асаре, ки ба маънои том метавон онро тазкира номид, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ (таълифаш 1224) мебошад [58, 286].

Дар ин баррасии мухтасар, мо ният дорем, ки дар бораи таърихи тазкиранависии форсӣ-тоҷикӣ дар Мовароуннаҳри асри XVI баҳс намоем. Пеш аз вуруд ба баҳси асосӣ, зарур мешуморем якчанд нуктаҳои муҳимро дар бораи пайдоиш ва густариши тазкиранависӣ дар О. М. баррасӣ намоем. То оғози асри XII, китобе, ки дар бораи аҳвол ва ашъори шоирон маълумот медиҳад, дар сарзаминҳои мазкур дида намешуд. Маҳз дар ҳамин аср пешгомони тазкиранавис дар Мовароуннаҳр зуҳур мекунанд. Аввалин асаре, ки хусусияти тазкиравӣ дошт, «Чаҳор мақола» буд, ки соли 505/1112 аз ҷониби Низомии Арӯзии Самарқандӣ таълиф гардидааст. Муаллиф дар мақолати дувум аз суханварони Оли Сомон, Оли Носируддин, Оли Хоқон, Оли Бӯя, Оли Салҷуқ, мулуки Табаристон ва Оли Ғӯр – аз Рӯдакӣ то Алӣ Сӯфӣ исми 62 суханварро ном бурда, дар бораи воқеаҳои рӯзгор ва ашъори 8 тан аз суханварони номӣ маълумот медиҳад [9, 68-116]. Ин китоб бо эҳтимоми доктори илми филология, профессор Ф.Насриддинов соли 2015 дар Хуҷанд ба нашр расид [ниг.: 19] ва доираи бештари хонандагони тоҷик бо он ошно гардиданд.

Ҳарчанд дар китобе, ки зикр шуд, доир ба масоили шинохти шеър ва донишҳои зарурие, ки шоир бояд дошта бошад, баҳс меравад ва маълумоти ҷолиб дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти шоирони номии гузашта низ сабт шудааст, аммо бо ин ҳама, «Чаҳор мақола»-ро наметавон аввалин тазкира шуморид. Тазкираи «Лубоб-ул-албоб», ки соли 618/1221 аз тарафи Муҳаммад

Авфии Бухороӣ таълиф шудааст, аввалин тазкираи шоирон эътироф мегардад. [58, 286]. Гарчанде ки муаллиф таълифи асарашро дар минтақаи дигар - Шибҳи қораи Ҳинд ба анҷом расонидааст, аммо ӯро ба ҳайси аввалин намояндаи ин доираи адабӣ, ки дар Мовароуннаҳр рушд кардааст, метавон шинохт. Тазкираи Муҳаммад Авфии Бухороӣ, ки дар он ҳаёту фаъолияти намояндагони ҳавзаи адаби О.М. инъикоси бештар ёфта буд, бо назардошти хусусиятҳои адабиёте, ки дар минтақаи мавриди баҳси мо мебошад, ба риштаи таҳрир кашида шудааст.

Ҳарчанд, ки «Лубоб-ул-албоб» аз нахустин тазкира дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб меояд, аммо нахустин касе, ки калимаи тазкираро дар унвони китоб истифода кардааст, Давлатшоҳи Самарқандӣ мебошад, ки китоби хешро дар асри XV1 дар Ҳирот ба қалам оварда буд. Он аз дебоча, муқаддима дар тазкираи шуарои араб, ҳафт табақа дар зикри шуарои форсӣ ва хотима иборат буда, муаллиф дар «Муқаддима»-и тазкирааш бо тарзи нигошти маъмул ва расмгаштаи «Лубоб-ул-албоб» дар бораи 10 нафар аз суханвари араб, чун Лабид ибни Асвад ал-Боҳилӣ, Фараздақ ан-Наҷдӣ, Диъбил ибни Алӣ ал-Хузоӣ, Ибн ар-Румӣ, Мутанаббӣ, Абулъало ибни Сулаймон ал-Мааррӣ, Ҳарирӣ, Абулфатҳ ал-Бустӣ, Муинуддин Абунаср Аҳмад ибни Абдурраззоқ ат-Тантаронӣ, Каъб ибни Зуҳайр ибни Абисалмо маълумот додааст [16, 37-45].

Дар ҳафт табақае, ки ин тазкира иборат аст, муаллиф дар бораи 141 намояндаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ маълумот дода, аз осори онон намуна овардааст [16, 48-473].

Дар умум «Тазкират-уш-шуарои»-и Д.Самарқандӣ фарогири аҳволу ашъори 151 суханварони Арабу Аҷам аст. Ин тазкира низ бо ибтикори МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» ба ҳуруфи имрӯзин бозгардон шуда [ниг.: 16], дар сарсухани пурмуҳтавои он ишора шудааст, ки китоби мавриди назар аз манбаъҳои илҳоми бештари тазкиранигорон будааст [98, 3].

Муҳимтарин сарчашмаҳое, ки дар бораи чигунагии аҳвол ва ашъори шоирони асри Нисорӣ, ки меҳвари баҳси мост, маълумоти бештар медиҳанд,

ин ду тарҷумаи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, боби «Зикри фузалои муосирин»-и «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, тазкираи «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Музаккири аҳбоби»-и Нисории Бухороӣ, «Тазкираи шоирон»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ мебошанд. Ҳамчунин, дар шинохти вазъи адабии давр нақши маълумоти тазкираҳои «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмад, «Майхона»-и Абдуннабии Фахруззамонӣ ва «Хайр-ул-баён»-и Ҳусайн ибни Ғиёсуддин, «Тазкират-ут-таворих»-и Абдуллоҳи Кобулӣ низ хурд нест ва бидуни маълумоти онҳо адабиёти мавриди назарро тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, дар зайл тавсифи мухтасари чанд маъхази муҳимтаринро меорем.

**«Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ.** Яке аз муҳимтарин сарчашма барои адабиёти асри XVI тоҷик, ки арзиши калони илмию адабӣ дорад ин «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ аст. Ин тазкира дар пайравии «Маҷолис-ун-нафоис» таълиф ёфта, муаллиф ҳар боби онро «саҳифа» ном ниҳодааст. Алишери Навоӣ дар ҳашт «маҷлис» доир ба 458 нафар ва Соммирзо дар доираи ҳафт «саҳифа» аз хусуси аҳволу ашъори 703 тан (дар нашри тоҷикистонӣ 710 тан) адиби муосири худ маълумот додаанд [ниг.: 6 ва 20]. Соммирзои Сафавӣ ба қавли Б.Мақсудзода тазкираашро дар соли 967/1560 таълиф кардааст [65, 22]. Дар тазкираи худ Соммирзо номи адибону шоирону нависандагонро мувофиқи тартиби табақоти иҷтимоии онҳо ҷой додааст. Дар саҳифаи якум шарҳи ҳолу ашъори подшоҳу шаҳзодагон, саҳифаи дувум табақаи содот, саҳифаи сеюм вузарои мукаррам ва дар саҳифаи чорум қозию муншиёни хушнавис дарҷ ёфтаанд.

Аз ҳама муҳимтарин қисмати асар ин саҳифаи панҷум буда, дар он шарҳи аҳволу ашъори шуарои номӣ мундариҷ аст ва дар ин табақа 88 нафар шоир омадааст, ки 38 тани онҳо, ба монанди Ҳилолӣ, Биноӣ, Ҳотифӣ, Кавкабӣ, Ҳайратӣ, Огаҳии Хуросонӣ ва ғайра асосан дар Хуросону Мовароуннаҳр зиндагӣ кардаанд [20, 159-297].

Дар саҳифаи шашуми тазкира доир ба аҳволу ашъори 29 нафар шоири туркизабон маълумот оварда шудааст. Соммирзо ин саҳифаро бо Алишери Навоӣ оғоз намуда, бо Савсанӣ анҷом бахшидааст [20, 298-314]. Саҳифаи ҳафтуми асар ба шарҳи аҳволу ашъори 45 адиби адибони Ироқу Хуросон бахшида шудааст [20, 315-328]. Ин тазкира ба эҳтимоми профессор Б.Мақсудзода ба ҳуруфи имрӯзин бозгардонӣ ва нашр шудааст.

**«Туҳфат-ус-сурур» - и Ҳофиз Дарвешалии Чангӣ.** «Туҳфат-ус-сурур» ё «Рисолаи мусиқӣ» асари мукаммали мусиқиест, ки аз тарафи Дарвешалии Чангӣ охири асри XVI ва ибтидои асри XVII таълиф шудааст. Тазкираи мазкур аз 12 боб ва хотима иборат буда, аз рӯйи мавзуъ ва мундариҷа муҳимтарин масъалаҳои санъати мусиқии Арабу Аҷамро дарбар мегирад. Бобҳои аввалу дуюм шарҳи луғавии мусиқӣ, мавқеи он дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва хизмати мусиқидонони машҳурро дар ин соҳа дарбар гирифтааст. Боби сеюм дар бораи мақомҳо ва таърихи он баҳс мекунад. Агар аз ҷиҳати банду баст ба ин асар назар кунем, ба «Рисолаи мусиқӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бисёр шабоҳат дорад. Бобҳои чор ва панҷ дар бораи 70 зарби маъмули мусиқӣ маълумот додааст. Боби шашум дар хусуси асбобҳои мусиқии зарбӣ, торӣ ва нафасӣ иншо шудааст. Бобҳои ҳафтум ва ҳаштум доир ба олимону шоирон ва донишмандоне, ки дар пешрафти мусиқии амалию назарӣ саҳм гузоштаанд, ахборот медиҳад. Боби нуҳум ва даҳум оид ба устодони бузурги давраҳои гуногун, осори онҳо, марказҳои маданӣ, мактабҳои мусиқӣ ва ғайра. Дар бобҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум мусиқии касбӣ, халқӣ ва ҳунари санъаткорони дарбор баррасӣ шудаанд. Хотимаи асар бошад, масъалаҳои тарзи ба ҷо овардани осори мусиқӣ ва завқи бадеии шунавандаро дарбар мегирад.

Ин тазкира аз маъхазҳои муҳимми илми мусиқии тоҷик ба ҳисоб меравад. Он барои муайян кардани тарҷумаи ҳол, саҳм ва мақоми ҳофизону навозандагон ва донишмандони илми мусиқӣ, мактаб ва равияҳои мусиқӣ ва ғайра маълумот медиҳад [103, 471].

**«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ.** «Тазкират-уш-шуаро» аз муҳимтарин ва беҳтарин осори Мутрбии Самарқандӣ ба шумор меравад. Он дар пайравии «Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ, ки устоди Мутрибӣ буд, таълиф шуда, ба қавле идомаи мантиқии он асар ба шумор меравад [57, 88]. «Тазкират-уш-шуаро» аз муҳимтарин сарчашмаҳои адабии таърихии охири асри XVI ва ибтидои асри XVII доираҳои адабии Мовароуннаҳр ба ҳисоб рафта, бидуни он омӯзиши адабиёти форсӣ-тоҷикии даврони мазкури Мовароуннаҳр ғайриимкон мебошад.

«Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ аз муқаддима ва ду фасл иборат буда, дар муқаддима муаллиф, мувофиқи анъана, сабаби таълифи китобро шарҳ медиҳад ва ҳамчунин, изҳори ҳамди Худованд ва наъти Расулуллоҳро ба ҷо меорад.

Дар фасли аввали он дар бораи рӯзгору ашъори 17 тан аз салотини машҳуру хавоқини маъруфу ҳамзамони муаллиф маълумот оварда шудааст. Фасли мазкур дар навбати худ боз ба се қисм тақсим шуда, ин қисматҳо бо унвони «исм» номгузорӣ шудаанд [34, 47].

Яъне, муаллиф кӯшидааст, шахсиятҳои шомили тазкираро асосан ба се қисмат, касоне, ки дидаасту бевосита мулозимат кардааст, касоне, ки дидаасту мулозимати эшонро накарда ва касоне, ки авсофи эшонро шунидааст, ҷудо намояд. Фасли дувум қисмати асосии китоб буда, дар зикри 326 нафар суханвар мебошад ва ин қисмат ҳам чунонки гуфта шуд, ба се зербахш ҷудо мешавад, ки муаллиф онро «нуқта» номидааст.

«Нуқтаи аввал дар зикри афозиле, ки муаллиф эшонро дида ва мулозимат намуда ва ашъори дурарнисори эшонро бе воситаи ғарибе фаро гирифта.

Нуқтаи дувум дар зикри фузалое, ки муаллиф эшонро дида, аммо мулозамат нанамуда ва ашъори эшонро аз ғайре шунида.

Нуқтаи савум дар зикри шуарое, ки муаллиф эшонро надида ва ашъори эшонро ба восита шунида» [17, 130]. Ин асар низ ба ибтикори кормандони

МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» соли 2021 ба нашр расидааст [ниг.: 18].

Хусусияти овардани маълумоти муаллиф дар бисёре аз мавридҳо бо нақли тарҷумаи ҳоли шоир оғоз мешавад. Сипас, мувофиқи анъанаи тазкиранигорӣ, намунаҳое аз ашъори шоирон оварда мешаванд. Арзиши ин гуна ашъор низ, ҳамон тавре ки дар маълумоти муаллиф омадааст, дар матншиносии тоҷик ҳамчун манбаи муҳим хидмат мекунад.

Агар дар мавриди шуарои камшуҳрат баҳс равад, бояд зикр шавад, ки рисолати ҳамаи тазкираҳое, ки зикр шуд, дар овардани шарҳи ҳоли онҳо тақрибан ҳамгун мебошад. Аммо агар сухан дар бораи шуарои аслашон аз Мовароуннаҳр равад, тазкираҳои зикршуда аслан бо ҳам қобили қиёс нестанд. Масалан, аз байни 710 шоире, ки шарҳи ҳолашон дар китоби «Туҳфаи Сомӣ» омадааст, танҳо 25 шоири варорӯдиро дарёфта метавонем, ки хеле миқдори кам аст. Дар ин миён, номи Амир Хондзода Ҳошим ал-муштаҳар ба Мири Таблбоз [20, 88], Амир Ҳошимии Бухорой [20, 93], Аблубарака [20, 145], Мавлоно Манзарии Мовароуннаҳрӣ, Мавлоно Бехудии Самарқандӣ, Зиёии Бухорой, Мавлоно Васили Бухорой [20, 279], Мавлоно Раҳой (Тӯрон), Мавлоно Ҳаҷрии Андиҷонӣ [20, 280] ва дигаронро шомил карда метавонем. Дар мавриди бештари шоирони дастаи мазкур Соммирзо бо камоли ихтисорбаёнӣ маълумот додааст, ки низ аз ҷиҳатҳои дигари кори ӯро нисбат ба тарҷумаи ҳол ва намунаи осори шуарои варорӯдӣ нишон медиҳад. Мисол: «Мавлоно Адоии Бухорой: Аз шуароест, ки нав пайдо шуда. Ин матлаъ аз ӯст:

Маро чу маст бибинӣ, магӯ, ки бехабар аст ин,

Ки масти олами ишқему олами дигар аст ин» [20, 252].

Ё ин ки: «Рӯҳии Самарқандӣ: Ба қитъагӯйӣ машҳур аст ва дар замони ҳукумати ӯзбакия ӯро равнақе тамом рӯй намуда. Ин қитъа аз ӯст…» [20, 256].

Дар баъзе мавридҳо тазкиранигор ба асли шоир ишора мекунад: «Мавлоно Анисӣ: Аслаш аз Хоразм аст…» [20, 153] ва «Мавлоно Ҳусомии

Қарокӯлӣ: Аслаш аз Хоразм аст…» [20, 215-216]. Ё ин ки ба ягон ҷиҳати рӯзгори ӯ ишора менамояд, ки аз кадом мавзеъ будани шоирро дақиқ кунад: «Мавлоно Абдулкарим-подшоҳ: Бародари Мавлоно Анисӣ аст» [20, 153].

Дар қиёс бо ин, дар тазкираи «Музаккири аҳбоб» баръакс қисмати зиёдтари шоирони мазкур ба ин ҳавзаи адаби ихтисос дорад. Аммо дар баробари шуарои шуҳраташон зиёд, дар тазкира иддае аз шоирон низ ҷамъ омадаанд, ки камтар иштиҳор доранд. Масалан, дар тазкираҳое, ки ба шарҳи ҳоли Абулмузаффар Абдуллатифхон ибни Кӯчакнавчихон ибни Абулхайрхон марбутанд, танҳо як байти ӯзбекӣ сабт шудааст ва дигар осори адабии шоёни зикр нест [14, 70]. Аммо дар бахши шоирон низ кори Нисорӣ ба ҳамин минвол сурат гирифтааст. Мо дар тазкира садҳо шоиреро ном бурда метавонем, ки аслан дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ қариб ки ном бурда намешаванд. Мисол, шарҳи ҳоли Шайх Обид ном шоирро, ки гароиш ба ҳаҷв доштааст, чунин менигорад: «…Адили Мавлоно Муҳаммади Палғарӣ буда. Тарки таҳсил карда буд ва мардумро ба худоталабӣ тарғиб менамуд. [Мазоҳ бар мизоҷи ӯ ғолиб буда ва ба қитъагӯйӣ машҳур аст ва ин қитъаро ба тақриби ду ҷавон гуфта, ки яке Ҳасан ном дошта ва яке Шоҳӣ]…» [14, 222]. Дар ин замина, чанд нукта аз шарҳи ҳоли шуаро равшан мешавад. Чунончи, як идда шоироне, ки камтар иштиҳор доранд, асосан ба ишораи муаллиф дар шуғли дигар будаанд. Тазкиранигор ба ин бо ишоратҳои ҷолибу хондании худ равшанӣ меандозад. Ҳофиз Калон – «Ашъораш бешуҳрате нест» [14, 226]; Ҳофиз Мир Аҳмади Хатиб – «Ва гоҳе ба шеър ҳам илтифоте дошт» [14, 228]; Қозӣ Маҳмуд – «Ва гоҳе ба шеър низ таваҷҷуҳе дошт» [14, 232]; Мавлоно Ҳасани Сипеҳрӣ – «Дар фанни мусиқӣ дасти тамом дошт… Ва ба шеър таваҷҷуҳе менамуд» [14, 233]; Шайх Алоуддавла – «Гоҳе ба ҷиҳати иншироҳи қалб ба шеър мултафит мегашт» [14, 243]; Мавлоно Ҷалолуддин Қосим – «ва гоҳе ба шеър низ мепардозад… аз эҳтисоб ба қазои аскарӣ тараққӣ намуд…» [14, 275]; Хоҷа Ҳасани Холдор – «Гоҳе ба шеър гуфтан майл менамояд» [14, 326] ва ғайра. Дар ин иқтибососоти боло ё аз ному унвони шоирон ба касби дигар машғул будани инҳо маълум аст, ё аз мансабу

вазифаҳои ишғол кардаашон, ки зимни иқтибос Нисорӣ овардааст, ба нуктаи мазкур пай мебарем. Яъне, далели маъруф набудани ин шоиронро Нисорӣ ба иштиғоли дигар машғул буданашон ё умуман аз табақаи орифону қозиёну хоҷагон буданашон медонад.

Дар баъзе ҳолатҳо бошад, баръакси ин ҳолатро таъкид мекунад. Масалан, дар шаъни Мавлоно Донишӣ фармудааст: «Бухороист, ба шеър гуфтан иштиғоли тамом дорад ва ба мушкфурӯшӣ машғул аст» [14, 303]. Ба ин монанд мо номи шоирони зиёдеро дар ин қатор гирифта метавонем, ки ба ин ё он сабаб пешаи асосии онҳо фанни шеър набудааст ва шояд аз ҳамин сабаб ҳам иштиҳори зиёд надоштаанд. Ин ҷо мехоҳем аз *Мавлоно Савтӣ (аз Бухоро), Мирзо Қабулӣ (аз Кармина), Мавлоно Қосим, Мавлоно Саҳмӣ, Мирзо Калон (аз Бухоро), Абдуллоҳи Гӯянда (аз Ғиждувон), Қозӣ Мир (аз Тошканд), Мир Хуҷандӣ (аз Хуҷанд), Мавлоно Қудсии Фарғонагӣ (аз Фарғона), Мавлоно Фурӯғӣ (аз Самарқанд)* ва ғайра ёдовар шавем, ки аслан шарҳи ҳолашон дар дигар кутуби тазкира камёб ва дар баъзе ноёб ҳам ҳаст.

Сабаби дигари камтар таваҷҷуҳ шудан ба шеър ва шарҳи ҳоли ин шоиронро дар толибилм будан, дар роҳи эҷод ҷавону камтаҷриба будан, шинохта нагардидан, танҳо дар пайравии дигарон сурудани шеър ва амсоли ин қаламдод карда метавонем. Чун табиист, ки бархе аз шоирони ҷавон ва камтаҷриба дар нимароҳ эҳтимоли тарки эҷод кардан доранд. Дар ин замина, номи *Мавлоно Мир Муҳаммад, Мавлоно Юсуфи Хитоӣ, Мавлоно Айнӣ* дар тазкира ҳамчун шоирони *толибилм* ва *Мавлоно Шакарӣ, Мавлоно Аҳдии Табрезӣ ва Мавлоно Фазлии Навшод* бо ибораҳои *шоирони навхез, шоирони наврасида* ва *Мавлоно Тоҳири Қозӣ*, *Мавлоно Саҳмӣ* бо ифодаи *шуарои ҷадид, шуарои наврасида* зикр мешавад. Аммо Нисорӣ танҳо бо зикри ном ва намунаҳои осори чунин суханварон иктифо накарда, балки дар мавриди равишҳои адабии маъмул ва саҳми ин суханварон дар риояи анъана ва амсоли ин низ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Мисол, дар мавриди Саҳмӣ мефармояд: «Аз шуарои наврасида буд. Ба ҷониби Ҳинд рафта, ба суҳбати Байромхон мушарраф шуд. Иттифоқан Хон ин матлаъро гуфта, ки: Матлаъ:

*Дурднӯшони харобот аҷаб мастонанд,*

*Ки ба як ҷуръаи май ҳар ду ҷаҳон настонанд.*

Мавлоно Адҳам чунин гуфта: Матлаъ:

*Кишвари Ҳинд ба ҳар гӯша сияҳчашмонанд,*

*Ки ҳама офати динанду балои ҷонанд.*

Қосим Арслон гуфта: Матлаъ:

*Моҳрӯёни ҷаҳон васфи туро натвонанд,*

*Ки ба рухсори ту оинасифат ҳайронанд.*

Саҳмиро саҳми саодат ба толеъ афтода ва ин матлаъ аз матолеи замираш тулуъ намуда: Матлаъ:

*Он касоне, ки сиёҳӣ зи сафедӣ донанд,*

*Хатти рухсори туро ояти хубӣ хонанд.*

Ва ин назм сабаби издиёди қабулаш гардида» [14, 312].

Тазкиранигор на танҳо ба шарҳи ҳоли шоир ишора кардааст, балки ба раванди адабии муҳим дар ин ҷо таваҷҷуҳ карда, сабаби қабули бештари шоирро ҳам таъкид намудааст. Ин раванди назирагӯйӣ ва қиёми шуаро дар ҷавоби ҳам аст, ки яке аз шохисаҳои бисёр муҳимми асри Нисорӣ ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки ишораи тазкиранигор, ки бевосита бо чигунагии қабули як шоири наврасида дар дигар ҳавзаи адаби рабт мегирад, ба қавле бо сабти далоил бояд сурат мегирифт ва ин далелҳоро муаллифи китоб дар забт кардани ашъори ҷавобӣ рӯнамо мекунад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо муаллиф фақат шарҳи ҳоли кӯтоҳ аз шоирони камиштиҳор меораду халос. Дар мавриди Мавлоно Шакарӣ чунин омадааст: «Аз шоирони навхези шакаррез аст ва ин матлаъ бад-ӯ мансуб аст: Матлаъ:

*Ба нокомӣ ҷудо то чанд бошам аз сари кӯят,*

*Бувад рӯзе, ки ёбам раҳ ба коми хештан сӯят*» [14, 325].

Сабаби чунин мухтасар овардани маълумот дар он аст, ки шоири мавриди зикр, чунонки аз байти иқтибосшуда ҳам маълум мешавад, дар ҳунар аз шоири дигар, ки муфассал дар бораи ӯ баён карда шуд, бамаротиб поинтар аст ва ин аз назари шеършиноси муаллифи китоб дур намондааст.

Таҳқиқ ва вежагиҳои тазкираҳои асри XVI нишон медиҳад, ки ин асарҳои гаронмоя ва арзишманд дар таърихи нақду сухансанҷии форсу тоҷик қимати баландеро соҳиб буда, бавежа дар омӯзиши таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикии ин давра ба ҳайси сарчашмаи муътамад хизмат мекунанд. Дар баробари ин, ҳамаи тазкираҳо анқариб бо муҳтавои фарогири хеш дар таърихи фарҳангнигорӣ ва адаби форсӣ аз дастовардҳои ғании адабӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мегарданд, ки ин гуна арзиши онҳоро дигар муҳаққиқон ва тазкиранигорони баъдина низ қайд кардаанд.

Арзиши муҳимтарини тазкираҳо, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар онҳо метавонем роҷеъ ба зиндагӣ ва осори аксари шуарои давр маълумоти сареҳ ва равшан ба даст оварем. Зеро бисёр маълумоте, ки муаллифон дар асарҳои хеш овардаанд, дар заминаи муошират бо адибон ба қалам омада, воқеияти афзун доранд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарине, ки дар ин навъи китобҳо ба назар мерасад ва арзиши сарчашмавии онҳоро афзун мегардонад, ин арзёбӣ намудани муносибатҳои фарҳангӣ ва равобити адабӣ мебошад. Дар тазкираҳои мазкур роҷеъ ба муколама ва равобити адабии миёни шоирони давр маълумоти фаровоне оварда шудааст. Бино ба иттилооте, ки тавассути омӯзиши ин тазкираҳо ба даст меоварем, равобити адабии миёни шоирони Эрон бо Ҳиндустон ва О.М. хеле қавӣ будааст. Муҳаққиқон ба воситаи иштироки шахсии худ ё мусофиратҳои шоирони эрониасл ба Ҳиндустон ва ширкат дар ҳаёти адабии он сарзамин, анҷуман ва маҳфилҳои якҷояи шеърӣ дар хонаи шоирон нақши худро дар такомули авзои адабии ин сарзамин гузошта, барои ба вуҷуд омадани ҳавзаҳои қавии адабӣ ва таҳаввули муносибати фарҳангиву адабӣ мусоидат намудаанд. Зикри ин гуна робитаҳо ҷиҳати нишон додани авзои адабии давр, доираҳои адабӣ ва ҳолатҳои онҳо хеле муҳим буда, барои адабиётшиносон ва муҳаққиқони адабиёти форсӣ-тоҷикии аҳди мазкур дар ин ҷода иттилои афзуне дастрас хоҳад намуд.

Ба ин тарз, маълумоти пешниҳодкардаи тазкираҳо на танҳо хусусиятҳои ҳунарӣ, балки сабку салиқаи нигориши шоирон, хусусиятҳои

забонӣ ва услубии ашъори онҳо ва дигар масоили марбут ба накд ва сухансанҷии шеърро низ дар бар мегиранд. Ин омилҳо ба нависандагони тазкираҳо имкон додаанд, ки арзиши тазкираҳоро дар омӯзиш ва шинохти таърихи интиқодии адабиёти форсу тоҷик ба таври назаррас баланд бардоранд.

Дар баробари ин гуна вежагиҳо аксари муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки муносибати амирону ҳокимони давраро нисбат ба адабиёт ва адибон таъкид сохта, нақши онҳоро дар пешрафти ҳаёти адабии замона муайян созанд. Тазкираҳое, ки мо баррасӣ намудем, на танҳо ба ҳайси сарчашмаи адабӣ, балки ба ҳукми маъхази таърихӣ низ эътироф гардидаанд. Зеро дар аксари тазкираҳо дар лаҳзаҳои зарурӣ роҷеъ ба авзои сиёсии замон, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷуда маълумот рафтааст. Ахбороте, ки муаллифон дарҷ намудаанд, дар заминаи мушоҳидаҳои шахсии онҳо ҳосил гардида, бо истиноди қавӣ мустанад шудаанд. Ба ҳамин тариқ, ин гуна далелҳои зикрнамудаи тазкиранигорон роҷеъ ба авзои сиёсиву иқтисодии давр аз мушоҳидаву дида ва шунидаҳои суханварон берун омада, аз ҳақиқати таърихӣ бархурдор мебошанд. Дар ин замина, имкон дорад, ки аз онҳо ҳамчун далелҳои боэътимоди таърихӣ дар баёни авзои замони муаллифон мавриди истифода қарор диҳем.

### III.2. Манобеи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ

Дар мавриди манбаъҳои тазкираи «Музаккири аҳбоб баҳс кардан кори саҳлу содае нест, зеро муаллифи тазкираи мазкур бештар шарҳи ҳоли шуароро бевосита аз шиносоӣ бо худи шоирон гирифтааст. Ҳамчунин, доираи ин баҳс аз он сабаб ҳам танг буда метавонад, ки Нисорӣ кори худро асосан бар минтақаи воҳид анҷом додаву ба воситае шоири мавриди баҳсашро мешинохтааст. Яъне, агар фарзан шиносоии ӯро бо шоире дар китобаш, ҳамин гуна шоирон низ бисёранд, ғайримустақим қаламдод кунем, ӯ ба воситаи падараш, ё писараш, ё устодаш, ё ягон ақрабояш аз сарчашмаи худ дарак медиҳад. Аммо ҳар коре сарчашмае ва манбаи илҳоме дорад, ки ба

ғайр аз таъсири дақиқу мустақим расонидан, нависанда ва муаллиф тарз ва равиши кори онҳоро асоси кори худ қарор дода метавонад. Ба ин нукта худи Нисорӣ дар муқаддимаи китоб ишораи ҷолиб кардаву гуфтааст: «Ва забти асомии сомии шуарои мутақаддамро амири боинтибоҳ Давлатшоҳ, навваруллоҳу марқадаҳу, дар зимни зобитаи (навиштаи – З.М.) некӯ забт карда… то қариби ғуруби офтоби салтанаташ Амири кабир Алишер, саттараллоҳу ъалайҳи (яъне, Худованд айбҳояшро ниҳон дорад – З.М.), номи номӣ ва асомии сомии шуароро дар қайди китобат мастур гардонида. Чизе мастур намонда ва нагузошта, ки дар сафинаи зуҳул (фаромӯшӣ – З.М.) ва баҳри нисёни насийан мансиййо (матрук – З.М.) гарданд…» [9, 9].

Аз ин иқтибос бармеояд, ки тазкираи мавриди назар асоси кори худро бар тазкираҳои пешин, аз ҷумла «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ва «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ниҳода будааст. Аммо дар китоби мавриди омӯзиш шарҳи ҳол ва намунаи осори шуарое ҷамъ шудаанд, ки фаъолияташон пас аз иншои ин ду тазкира будааст. Яъне, ба гуфтаи худи муаллифи асар ҳам як навъ холигоҳе, ки дар шинохти ин идда ба миён омада буд, бо рӯйи кор омадани китобаш рафъ мешавад.

То он ки мо дар китоби Нисорӣ ғавр кардем, сарчашмаҳои мавриди истифодаи вайро ба чанд даста тақсим карда метавонем:

Якум, ин сарчашмаҳои асосӣ, ки худи муаллиф бар он дар зимни шарҳи ҳоли шуаро ишора мекунад.

Дуюм, манобеи номаълум, ки дар баёни шарҳи ҳоли шоирон истифода мешавад ва он бар асоси нақлу ривоятҳое, ки дар мавриди ин ё он шоир муаллиф аз касе шунидаасту номи гӯяндаашро намеорад, иборат мебошад.

Сеюм, сарчашмаҳои фаръӣ. Ба ин даста китобу рисолаҳое дохил мешаванд, ки Нисорӣ аз онҳо дар шарҳи ҳоли шуаро неву балки дар баёни ягон воқеа ва ё мушаххасоти дигар истифода мекунад.

**Сарчашмаҳои асосӣ.** Дар мавриди сарчашмаҳои асосии китоби Нисорӣ мо болотар ишора кардем, ки асосан аз ду китоб ба худ тарзи кор ва андак-андак маълумот гирифтааст. Ин ду китоб «Тазкират-уш-шуаро»-и

Давлатшоҳи Самарқандӣ ва «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ аст. Аммо ба ҷуз ин ду, муаллиф як сарчашмаи дигаре ҳам дорад, ки дар сартопои матни он нуҳуфтааст. Ин сарчашма қавлҳои падари бузургвори ӯст. Азбаски волиди шарифи муаллифи тазкира яке аз шахсиятҳои намоёни ирфону адаби замони ӯст, ин қавлҳо эътимод дошта метавонанд. Аз ин рӯ, онро дар қатори манобеи асосӣ ҷой додаем.

Агар аз ин муқаддамот бигзарем, дар чанд ҷо ба ишораи сареҳи муаллиф дучор мешавем, ки аз тазкираҳои номбурдашуда ёд мекунад. Ӯ танҳо дар як маврид ба тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ёд кардааст, дар зикри Абулмузаффар Рустам Баҳодурхон ибни ҳазрати Ҷонибек Султон ибни Хӯҷуғум-ус-султон ибни Абулхайрхон мебошад: «Дар тазкираи Давлатшоҳӣ мазкур аст, ки гӯянд яке аз авлоди ҳазрати имом Зайнулобидин, разийаллоҳу анҳу, дар миёни ӯзбакон афтода буд ва Чингизхон аз авлоди ӯст, валлоҳу аълам. Ва Хони олимаконро ба содоти Бадахшон қаробате ҳаст…» [9, 34]. Ин гуфтаи Нисориро мо дар бахши тарҷумаи ҳоли Лутфуллоҳи Нишопурӣ, вақте ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи Амир Темур сухан мекунад, дида метавонем: «Нассобаи атрок насаби амири кабир Темури Гӯраконро ва насаби Чингизхонро ба Нақвохотун ба ҳам мулҳақ месозанд. Ва ин Нақвохотунро яке аз аҳфоди Имом ал-ҳумом Алӣ Зайнулобидин (р) ба никоҳ даровард ва аз ӯ (Амир Темур – З.М.) ин дудмони шариф мунташир шуда» [16, 302]. Ҳамчунин, ишораи Ф.Насриддинов як нуктаро равшан мекунад, ки дар бахши хотима Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи шаш суханвари муосири худ маълумот оварда ва «дар фароварди ин қисмат фаслеро дар мақомоти Ҳусайн Бойқаро тартиб дода, ба шеваи таърихнигорон манқабат ва футуҳоти султони мазкурро баён доштааст» [98, 7]. Пас, маълум мешавад, ки як қисмати тазкираро ба манқабати ҳокимони давр бахшидан ва хосиятҳои суханварии онҳоро ситудан дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ асос доштааст. Баъдан, ин хусусият тақрибан дар чандин тазкираҳои Мовароуннаҳрӣ ҳамчун як вежагӣ шинохта мешуд, ки аз ҷумлаи онҳо тазкираи Нисории Бухороӣ низ истисно нест.

Аз тазкираи Алишери Навоӣ бошад, дар ду маврид истинод ҷустааст, ки яке дар зикри Хоҷа Абдуллоҳи Меҳна ва дигаре дар мавриди Мавлоно Қазоӣ мебошад. Дар мавриди аввал ба таври хеле мухтасар ва дар мавриди дуюм муфассал аз ин китоб истифода гардидааст. Чунончи, дар бораи Хоҷа Абдуллоҳи Меҳна чунин маълумот медиҳад: «Валади аршади Хоҷа Абулфазл аст, ки шаммае аз маноқибаш Амир Низомуддин Алишер дар тазкира баён фармуда. Фазоили бисёр дошт, аммо ба воситаи заъфи басар фазоилаш аз назари улулабсор пӯшида монд. Ва ин ду байт бад-ӯ мансуб аст: Абёт**:**

*Ҳеч шаб нест, ки аз ҳаҷри туам мотам нест,*

*Бе ту рӯзи мани мотамзада аз шаб кам нест.*

*Марҳаме нест, ки гӯяд сухани ман бо ӯ,*

*Он, ки гӯяд сухани ман бари ӯ, маҳрам нест.*

Дар кибари син фавт шуд» [соли120].

Дар ин ҷо ишораи «шаммае аз маноқибаш Амир Низомуддин Алишер дар тазкира баён фармуда» беҳуда зикр намешавад. Яъне, бо он ки Нисорӣ дар кори худ аз китоби Алишери Навоӣ имдод ҷустааст, як андоза кори пешиниёнро такмил ҳам додааст. Дар иқтибоси боло ҳам «шаммае аз маноқиб» гуфтани соҳиби тазкира беасл нест. Барои он ки дар китоби Алишери Навоӣ ҷумлаи зерин дар бораи шоири мавриди қиёси мо зикр мегардад: «Хоҷа Абутоҳир – писари Хоҷа Абдуллоҳи Меҳна аст ва бисёр латифтабъ аст…» [7, 280]. Пас, маълум мешавад, ки писари Хоҷа Абдуллоҳи Меҳна низ ба шеъру шоирӣ алоқа доштааст ва ин маълумот танҳо дар китоби «Маҷолис» зикр шудаву тамом. Дар ҳоле ки дар бораи табъи шоирӣ доштани худи мавсуф ягон ишорае дида намешавад. Пас, маълум мегардад, ки соҳиби тазкираи «Музаккири аҳбоб» маълумоти аз дигарон гирифтаашро низ кӯшиш мекунад, то дар шакли такмилшуда нишон диҳад. Чунончи, ин падида дар баёни шарҳи аҳволи шоири дигар бо номи Мавлоно Қазоӣ бидуни муқоиса ҳам аён гаштааст: «Валади Мавлон Бақоист дар тазкираи Амири кабир Амир Алишер, Муллоро ба камонгарӣ нисбат карда. Фақир аз ӯ пурсид, ки «Мулозимон ба чӣ сабаб ба ин сифат мансубанд?» Гуфт: «Дар ин нисбат

маро санъате нест, ин маъниро ба ин шикаста бастаанд ба тақриби он, ки бо Музаффарбек Барлос аз Ҳинд ба Ҳарӣ рафта будам ва дар камонгарӣ дар ҳалқаи устодон гӯша гирифта, ба гумони худ гӯшагирӣ мебастам…

Ва ба забони туркию форсӣ ашъор дорад ва маснавии некӯ гуфта ва «Ноз ва Ниёз» ном карда…» [9, 141].

Нисорӣ аз маснавии «Ноз ва Ниёз» як байт ба ҳайси намуна сабт кардаву сипас як ғазали туркии Мавлоно Қазоиро пурра ба риштаи қайд мекашад. Маҷмаи ин маълумотро бошад, баъди аниқ кардани маълумоти тазкираи Алишери Навоӣ ба анҷом расонидааст. Яъне, чунонки гуфта шуд, маълумоти муаллиф хусусияти такмилдиҳанда дорад. Дар мавриди ҳамин Мавлоно Қазоӣ ҳам, ки дар «Маҷолис-ун-нафоис» умуман маълумот дида намешавад, баҳс бисёр ҷолиб аст. Яъне, шояд дар ягон нусхаи хаттии ин китоб, ном ва шеъри ӯ бошад, аммо дар нашри мавриди истифодаи мо аз ӯ ном бурда нашудааст. Хуллас, баъди он ки маълумоти аз забони Алишери Навоӣ нақлшударо ботил мекунад, чунин овардааст: «…Ба ҷурми шурби мудом Муллоро волиди фақир аз шайхии Мазор Таракҷандӣ азл карда буд, Мулло Соқиро мансуб намуда. Мулло баъд аз тавба ин рубоиро гуфта, ба хидмати Хоҷа омад:

*Ҷурми май доштам, ки бар ҷоям*

*Садри аъзам нишонд Соқиро.*

*Чун ман аз май гузаштаам, бо ман*

*Ҳеч боқӣ намонд соқиро.*

Ба тақриб Мираки Ғӯзак, ки бародари ӯст, ба мусиқӣ муносибате дошт ва ба қонун дасте меандохт ва ин матлаъро, ки – Байт:

*Гар дурам аз ту, нақши туам дар назар бас аст,*

*Дил пеши туст, давлати ман ин қадар бас аст.*

Дар оҳанги ғазал баста буд. Дар Балх, муддате дар манзили фақир мебуд ва ҳамон ҷо фавт намуд ва дар ҷивори мазори Хоҷа Султон Аҳмади Хазравия, қариби Ҳаким Анварӣ мадфун аст…

Ва ин байт аз абёти валади ӯст: Байт:

*Гулзор мешавад ба ту, эй гулузори ман,*

*Ҳар гаҳ назар ба ҷониби гулзор мекунӣ»* [9, 142].

Аз маълумоти мазкур чанд нукта, аз ҷумла бародари гӯянда доштани шоир, ба шеъру адабиёт алоқаманд будани писари ӯ ва амсоли ин равшан мешавад. Бо ин ҳама, бояд зикр шавад, ки тазкираи Нисорӣ ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз нигоҳи муҳтаво дар пайравӣ ва тақлиди асари Алишери Навоӣ ба қалам омадааст. Ба ин нукта муҳаққиқ Б.Норик низ ишора мекунад [151, 190]. Аммо онро ба ҳайси асари комилан наве, ки дар такмилаи китоби Алишери Навоӣ гуфта шудааст, бояд шиносем.

Ба ҷуз ин китобҳо муаллифи тазкираи мавриди пажуҳиш як манбаи дигар ҳам дорад, ки дасти аввал ба ҳисоб меояд. Ин волиди муаллиф аст. Азбаски падари соҳиби «Музаккири аҳбоб» яке аз шахсиятҳои меҳварии муҳит ва замони худ дар адабиёт ва равияи маъмули ирфонӣ ба шумор мерафт, нодида гирифтани аҳволи ӯ дар заминаи шахсиятҳои маъруф кори чандон дуруст нест. Муаллиф дар чанд ҷо, чун барои исботи иддаои худ далел пайдо намекунад, ба падари арҷмандаш Подшоҳхоҷа ишора менамояд: «…Волиди фақир мефармуданд, ки ҳанӯз Шайх Имодуддин мултаҷӣ нашуда буд, ки хатти иҷозат ҳосил кард ва толибонро ба Ҳақ даъват менамуд. Ва вуқуи хатти иршодаш дар авоили шаҳри зиқаъдат-ил-ҳаром, санаи сабъа ва тисъина ва самонамиа (яъне, 897-и ҳиҷрӣ/1492-и мелодӣ – З.М.) буда, дар хиттаи Меҳнаи муборака. Дар он хитта ҳазрати Шайхро) яъне, Шайх Имодуддин Фазлуллоҳи Тӯсӣ – З.М.) ба ин абёт васф кардаанд…» [9, 101].

Дар ҷойҳои дигар ба қавли падар ишора накарда бошад ҳам, ба ягон ҳодисае, ки бо Подшоҳхоҷа вобаста будааст, нақл мегардад. Яъне, ӯ ҳароина мехоҳад, ки ба воситаи нишон додани ягон ҷиҳати пайванди падари худ бо шоир нуктаҳое бигӯяд. Мисол дар мавриди Ҳофиз Мираҳмади Хатиб менигорад: «Вақте, ки волиди фақир Саййид Подшоҳхоҷаро дар Балх таклифи шайхулисломӣ намуданд, Ҳофиз ин қитъаро ба тариқи таҳният гуфта: Назм:

*Шайхулислом чун шудӣ, Хоҷа,*

*Аҳли исломро паноҳ туӣ!*

*Подшаҳ кард шайхулисломат,*

*Шайхулислоstarting Подшоҳ туӣ.*

Аҳли Балх ба самъи қабул истимоъ намуданд ва дар таҳсини Ҳофиз афзуданд» [9, 125].

Дар баъзе мавридҳои дигар бошад, мутлақи он ки алоқаи падари худро ба шоири мавриди зикр нишон дода, аз шиносоӣ ва вохӯрии шахсии худ низ, шаммае баён кардааст. Чунончи, дар бораи Шайх Муҳаммад Тоҳири Ансорӣ менигорад: «Аз авлоди амоҷиди Абдуллоҳи Ансорист, қуддиса сирруҳу. Аз фазоил холӣ набуд. Аз Ҳарӣ ба тақриби волиди фақир омада, ба Ҳинд гузашта. Ва ин матлаъро бар пушти китоби фақир навишта буд: Байт:

*Навиштам бар китобат хатте, эй маҳ, аз вафодорӣ,*

*Ки шояд аз мани мискин ба ин тақриб ёд орӣ»* [9, 163].

Нуктаҳои мазкур ба маълумоти китоб бештар ҷанбаҳои мустаҳками ба асл ва сарчашма наздик мебахшанд. Ин хусусият дар мавриди шоирони мазкур дар тазкира собит мешавад. Ба ҷуз инҳо, тазкира ҷанбаи дигар, яъне маноқибӣ ҳам дорад, ки дар қисмати охири он, зимни баёни шарҳи ҳоли аҷдодони муаллиф дида мешаванд. Дар ин мавридҳо қавли худи Нисориро мутлақан дуруст қабул карда метавонем, зеро ӯ, бо он ки дар ин маврид ҳам ба волидаш ишора мекунад, сарчашмаи муътамад ба ҳисоб меравад. Ӯ дар мавриди ҷадди худ, ки Шайх Алихоҷа ном доштааст, чунин менигорад: «Дар он вақт олиҷоҳи никобатпаноҳи Саййид Ҷаъфархоҷа ба волиди фақир хате навишта буданд, ки чун Шайх Алихоҷаро дар қабр ниҳоданд ва мардум мутафарриқ шуданд, ду савори аспсафеди ҷомасафед омада, зикр гуфтанд ва овози зикр аз қабри Шайх низ мешуниданд. Ва гуфтанд, ки мо аҷдоди эшонем. Ва китобатро фақир низ хонда буд ва ровиён низ сиқот буданд…» [9, 196].

**Манобеи номаълум.** Бо он ки Нисорӣ мекӯшад, ки аз манобеи мавриди истифодаи худ дарак диҳад, аммо тамоми ин манбаъҳоро гирд овардан амри муҳол аст. Ҳамчунин, ҳаҷми тазкира ва хусусияти тақсимбандии он ҳам

имкон намедиҳад, ки дар хусуси ҳар шоир дақиқан ахзи маълумотро биёварад. Фақат ин нукта, ки тазкиранигор шоиронро дар китобаш ба дараҷаи шиносоии худ ба онҳо ҷудо мекунад, андешаҳои моро тақвият медиҳад. Ба маҳзи хусусияти мазкур ҳам дастаи сарчашмаҳои сониро бояд ин ҷо зикр намоем, ки манобеи номаълум аст. Ин навъ манобеъро барои он номаълум гуфтем, ки Нисорӣ дар бораи шоирон ба тариқи «манқул аст», «гӯянд, ки», ё «ки нақл аст, ки» гӯён нуктаҳоеро зикр мекунад. Дар ин навъ нақлҳо одатан, муаллиф ба гӯяндаи он ишора намекунад, ки ин падида аз боризтарин хусусиятҳои дастаи мазкури сарчашмаҳо ба ҳисоб меравад. Чунончи, дар мавриди Мирзо Қабулӣ омада: «Аз амирзодагони Чағатоӣ мебошад… Манқул аст, ки чун Мавлоно Қабулии Ҳиравӣ нақл карда ҷаноби Амир Алишер бо аъёни Ҳарӣ ба манзили ӯ нузул фармудаанд ва девони Муллоро ба ҷиҳати ҳасби ҳол кушудаанд, ин мақтаъ омада: Байт:

*Агар қабули ту бошад Қабулиям, варна*

*Ба ҳар ду кавн чу ман ноқабул натвон ёфт*» [9, 176].

Одатан Нисорӣ дар ин гуна нақлҳо аз масоили марбут ба рӯзгор ва ё ягон ҷиҳати осори шоирон баҳс мекунад. Чунончи, дар пораи зер дар бораи як ғазали Мулло Девонаи Нишопурӣ баҳс рафта, сабаби суруда шудани он низ баён гардидааст: «Аз шоирони муътабар ва аз хуштабъони муқаррар аст. Абёти зебо ва ашъори ғарро дорад ва ин ғазалаш шоҳиди ҳоли ӯст: Ғазал:

*Эй зи хатти анбарафшонат муаттар миҷмара,*

*Ҳасрати чашми ту дорад дар Хито оҳуба.*

*...Аз либоси даҳр чун Девона бо шоле бисоз,*

*Гар ҳавои суф дорӣ, тан бинеҳ бар чандара.*

Нақл аст, ки касе аз ҳазрати Мулло ғазале талабида, ки ба Самарқанд туҳфа бибарад, ин ғазалро лутф фармудаанд» [9, 95].

Чунонки аз гуфтаи мазкур бармеояд, муаллиф аввал матни ғазалро пурра оварда, сипас сабаби ба риштаи таълиф даромадани онро баён кардааст. Ҷиҳати дигари ин навъ нақлҳо ба масоили шахсияти шоир таваҷҷуҳ кардани муаллифи «Музаккири аҳбоб» аст. Масалан, Нисорӣ дар мавриди

Шарафуддин Иброҳими Шарвонӣ гуфта: «Ва чунон манқул аст, ки дар кибари син(н) ба ҳифзи каломи Малики Аллом эҳтимоми тамом дошта ва бо вуҷуди касрати иштиғоли дарс ба шеър низ ҷиҳати иншироҳи қалб таваҷҷуҳе менамуда…» [9, 65]. Ё ин ки дар бораи Фахруддин Алии Воиз низ бад-ин минвол мегӯяд: «…Гӯянд: дар ҷанби ӯ (падараш – З.М.) мадфун аст «ва-л-ъилму ъиндаллоҳи» – Ӯ беҳ медонад» [9, 81]. Аммо ҳамаи ин ривоятҳо ба асли воқеият рост намеоянд. Чунончи, дар мавриди Мавлоно Лисонии Шерозӣ оварда: «Аз шуарое машҳури пурзӯри вилояти Ироқ аст. Абёти хубу ашъори марғуб дорад» [9, 91]. Гӯянд, ашъораш аз суҳбати ӯ беҳтар буда, аммо суханонаш ҳамвору якдаст нест. Ва касрати ашъораш ба мартабае буда, ки дар таҳти забт намеомада… Гӯянд, агар шоире ба суҳбаташ расидӣ, порае аз мусаввадаҳое худ ба ӯ мебахшида, то он кас ба тахаллуси худ бихонад. Ва гӯё беҳолате набуда… [9, 91]. Ё ин ки дар вақти зикр кардани шарҳи ҳоли Шайх Имодуддин Фазлуллоҳ чунин нақли афсонамонанде овардааст: «Нақл аст, ки Шайх дар воқеае диданд, ки бозе дар дасти эшон нишаст ва рӯяш ба одаме мемонд ва номаш Шаҳбозхур аст. Баъд аз он воқеа ходим ба арз расонида, ки «ҷавоне ба мулозимат омада» [9, 101]. Чун назари Шайх бар ӯ афтода, ба ҳамон шакли боз намуда. Ва дар ҳамон маҷлис сайд гашта. Ва баъд аз инобат ба хидмат маъмур шуда, нафси нафисашро дар хилват ғолиб ба муҷоҳидат машғул гардонидаву ба сайқали зикр ойинаи дилро дар ҳалқаи руҳониён ба тавре мусаффо сохта, ки маҳалли мушоҳадаи асрори хафиву анвори ғайбулғайбӣ гашта… [9, 101].

Як қисми бисёр калони нақлу ривоятҳои марбут ба шоирон ба вежагии даргузашти онҳо алоқаманд аст: «Кавкабӣ –… Гӯянд, аз Ҳарӣ ба Машҳади Имом Ризо рафта ва дар бозгаштан ба дасти қуттоъ-ут-тариқ (роҳзанҳо – З.М.) шаҳид гашта» [9, 111]. Ва инчунин: «Умедӣ – …Гӯянд, дар шаҳри Рай ба дасти яке аз аъдое кушта гашта…» [9, 111].

Як хусусияти боризи падидаи мазкур дар тазкира ин ки зимни овардани шарҳи шоир дар он ба масоили дигаре низ таваҷҷуҳ мешавад ва бевосита матолибе дарҷ мегардад, ки ба шоири мавриди зикри муаллифи китоб шояд

дахле надошта бошад. Мисол: «Манқул аст, ки подшоҳи мазкур баротҳо менавишта ва дар зери гилем мениҳода, ҳар кас ки ба талаб меомада, мегуфта, ки яке аз ин баротҳоро бардор. Рӯзе соиле омада, подшоҳ ба тариқи маъҳуд ба ӯ амр карда. Ба ҷойи барот дасти подшоҳро гирифта ва гуфта: «Маро ба асл кор аст». Ҷаноби Мавлоно Муҳаммади Ҳанафӣ соилро бисёр таҳсин намуданд…» [9, 135]. Яъне, аз иқтибоси мазкур бармеояд, ки бештари масоили шарҳи ҳоли шоирро равшан кардани шахсияти Яъқубподшоҳ, ки ӯ замоне дар хидматаш буда, ташкил медиҳад. Чунин ҳолатҳо дар мавриди бисёр шоирони дигар низ воқеъ шуда, аз ҷумла дар зикри шоире бо номи Қозӣ Лоғари Систонӣ омадааст: «Дар вилояти Систон ду қозӣ буда: Яке фарбеҳ, яке лоғар. Гӯянд, малики Систон қозии фарбеҳро ба ҷиҳати сиёсати малик кушта ва бар қозии лоғар миннат ниҳода барои нокуштани ӯ. Қозии лоғар ин матлаъро навишта: Матлаъ:

*Қатли маро на аз сари ёрӣ гузоштӣ,*

*Аз баҳри лоғариву низорӣ гузоштӣ*» [9, 84].

Арзиши илмии нақлҳои мазкурро, ки ба ҳайси сарчашмаи китоби Нисорӣ қарор гирифтаанд, мо аз ду ҷиҳат баррасӣ карда метавонем. Яке, самти ирфон, ки дар ин самт бештар шахсияти шоир, мақоми ирфонии ӯ ва зоҳир шудани ҳар гуна каромоту одатҳои хориқулода аз шоир мебошад. Ин ҷузъ аҳаммияти хоса дорад, барои он ки дар гузашта шинохт ва дарки мақоми маънавию ирфонии шоир воситаи асосии дарёфтани дараҷаи суханварӣ ва ҳунармандии ӯ ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин, нуктаи дигар дар он ҳам нуҳуфта буд, ки пазириш ёфтани ӯро ҳамчун шахсият дар муҳити адабӣ ва ирфонӣ нишон медод.

Нуктаи дигар ва муҳим ин муаррифӣ шудани падидаҳои адабист. Яъне, ба маҳзи ишора кардани Нисорӣ аз шахсияту ҷаҳонбиниву масоили марбут ба рӯзгор ба масъалаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва анъанаҳои адабӣ дар муҳити худ хабар медиҳад. Ин гуна гароишҳои муаллифро дар бахши баррасии арзиши адабии тазкира ба таври муфассал баррасӣ кардаем. Ин ҷо танҳо

ишораи он ки ҳамин навъ андешаҳои Нисорӣ низ аз манобеи нақливу ривоятӣ маъхуз гаштаанд, кофист.

Дар мавриди каромоти шоирон нуктаҳои зиёде нақл мегардад, ки ин ҷо овардани ҳамаи он берун аз имкон аст. Нисорӣ дар шарҳи ҳоли Шайх Имодуддин Фазлуллоҳ овардааст: «Гӯянд, Шайхро кашфи қубур ба таври буда, ки касонеро, ки ҳаргиз надида ва сифаташ нашунида, ба андак таваҷҷуҳе баёни аҳволи ӯ мекарда ва сурату син(н) ва марази мавти ӯро мегуфта…» [9, 101]. Ё ин ки дар мавриди шоири дигар чунин маълумот медиҳад: «Гӯянд: «Ва ҷаноби Қозӣ Ихтиёр туркӣ намедониста, ҳазрати Хон ба ҷиҳати ӯ нисоби туркӣ тасниф намудаанд» [9, 20]. Дар иқтибоси мазкур масъалаи туркӣ надонистан, вале ба туркӣ шеър гуфтани шоир ҳамчун каромоти ӯ қаламдод мешавад. Аммо кароматҳои ғарибе низ аз Нисорӣ оварда мешавад, ки намунаи зер аз ҷумлаи он аст: «Аз ҷаноби Хоҷа Мир Муҳаммад хориқи одоти бисёр манқул аст. Гӯянд: «Рӯзе бо ҳокими Бухоро шикор мекарданд ва ҷонвар ҳамроҳ набуда. Ҳоким гуфта, ки Шумо сайде нанамудаед?» Эшон ба ғайрат рафта, гуфтаанд, ки «Хаёл мекунед, ки бе ҷонвар сайд наметавон кард?» Чун табл бознавохтанд, як мурғи обии саҳеҳ (дуруст, солим – З.М.) дар пеши эшон афтода…» [9, 19].

Падидаи бисёр ҷолиб дар ривоятҳои дар тазкира омада ин аст, ки бархе ҷанбаи тарбиявӣ ҳам доранд. Дар ин радиф аз Девона Ҳисомии Қаландар ёд карда метавонем, ки Нисорӣ дар бораи ӯ гуфтааст: «Гӯянд, дар сафари роҳи ҳаҷ буда, ки яке аз ҳукком ҳукм карда, ки Девона аз ӯ чизе талабад. Ӯ гуфтааст, ки «Маро ба чизе эҳтиёҷ нест, ҳукм фармой, ки магасон бар ман нанишинанд». Ҳоким гуфта, ки «Магас ҳукми маро намешунавад». Девона гуфта: «Касе ки магас ҳукми ӯ нашнавад, ӯ ба касе чӣ тавонад дод?!» [9, 71].

Чунонки гуфта шуд, Нисорӣ баъзе масъалаҳои марбут ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва падидаҳои адабиро низ дар такя ба нақлу ривоятҳо меорад. Мо дар зикри Ҳошимии Самарқандӣ мушоҳида мекунем, ки ӯ дар зимни ин навъи ривоятҳо ҷанбаҳои ирфониро бо ҷанбаҳои адабӣ омезиш додааст: «Гӯянд, рӯзе дар маҷлиси ҳазрати Шайх Хоҷагӣ, қуддиса сирруҳу, мухаммас

мехонда ва яке аз муридонро риҷъате воқеъ шуда буда, аммо худро дар либоси муътақидон менамуда, чун Ҳошимии мазкур дар аснои хондани мухаммас ба ин банд расида:

*Онҳо, ки дар тариқи вафоят набудаанд,*

*Худро чаро ба ишқи ту содиқ намудаанд.*

*Хоб аст, агар чунончи намуданд, будаанд,*

*«Халқе забон ба даъвии меҳрат кушудаанд*

*Эй ман ғуломи он, ки дилаш бо забон якест».*

Ҳазрати Махдумиро ваҷҳе азим шуда ва ӯро аз мақбулони худ сохтаанд» [9, 94].

Дар баробари ин, ҳодисаҳои адабии аҷибе ҳам аз забони муаллифи тазкира ба риштаи таҳрир даромадаанд, ки ниёз ба зикри алоҳида доранд. Мисол: «Гӯянд Мавлоно Котибӣ чаҳорсад маънии хос дорад, ки зодаи табъи ӯст ва яке аз он маонии хоси ӯ дар ин байт воқеъ шуда:

*Ҷонро садои теғи ту аз ранҷи тан раҳонд,*

*Овози об заҳмати бемор мебарад.*

Мавлоно Восифӣ дар татаббуи ин маънӣ панҷ ғазал гуфта ва ба алмоси фикрат дурҳои хос суфта, аммо бинобар иқтисод (бояд ихтисор бошад – З.М.) матолеи он ғазалҳо навишта шуд: Назм:

*1. Гирифт теғи ту бар ҳалқ роҳи рафтани ҷон,*

*Зи оби тез гузаштан наметавон осон.*

*2. Чун бар сар аст теғи ту, натвон кашид оҳ,*

*Бояд ба зери об нафас доштан нигоҳ.*

*3. Музтариб гардам чу гирад дар гулӯям теғи ёр,*

*Дар гулӯи ҳар ки гирад об, гардад беқарор.*

*4. Гуфтӣ зи теғи ман шавад охир ҷаҳон хароб,*

*Оре, ҷаҳон хароб шавад оқибат зи об.*

*5. Аз тани хокӣ барорад гард ҳар дам оби сард,*

*Теғ бардору ба оби лутфи худ кун дафъи гард.*

Ва ин панҷ ғазалро хамсаи мутаҳаййира ном ниҳода зеро, ки аҳли ҳасад аз он истимоъ мутаҳаййир мондаанд» [9, 88].

**Сарчашмаҳои фаръӣ.** Ба ҷуз сарчашмаҳое, барои пурра кардани шарҳи ҳоли шоирон мавриди истифодаи Нисорӣ қарор гирифтаанд, муаллиф як идда китоб ва маводи дигареро барои равшану возеҳ кардани ҳолатҳои дигар, аз ҷумла, масоили марбут ба шаҳр, макон, рӯдхона ва кӯҳ, ривоят аз пайғамбари охируззамон вобаста ба ягон шоири ориф ва ё чизи дигар ва ғайра ба риштаи истифода мекашад. Мо дар қатори сарчашмаҳое, ки исмашон дар матни китоб рӯ ба рӯ мешаванд, ба китобҳое, чун «Сувари ақолим»-и бидуни муаллиф, «Таърихи Банокатӣ»-и Абусулаймони Банокатӣ, «Ҳайрат-ул-фуқаҳо»-и Бурҳон ибни Умар ибни Абдулазизи Ҳанафӣ, «Аҷоиб-ул-булдон»-и Фозили Берҷандӣ, «Мишкот»-и Абдуллоҳи Хатиб, «Матлаи Саъдайн»-и Камолуддин Абдурраззоқи Самарқандӣ, «Таърихи Ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ, «Фавоид-уз-зиёия» ва «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ, «Шарҳи Виқоя»-и Убайдуллоҳ ибни Масъуди Ҳанафӣ, «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғенонӣ ва ғайра рӯ ба рӯ мешавем, ки на ҳама ба ҳайси манбаъ истифода гаштаанд. Аз ин миён, аксаран барои намуна ва қиёс кардани ягон матлаб дар матн зикр шудаанд. Аммо ҳолатҳои бисёре ҳам ба мушоҳида гирифта мешавад, ки ҳиссае аз кутуби зикрёфта дар мавриди худ манбаи фикре қарор гирифтааст. Аксаран, ривоятҳое, ки дар ин бахш аз китобҳои мазкур оварда шудаанд, асоси воқеӣ надоранд. Чунончи: «Ва дар ***Аҷоиб-ул-булдон*** Фозили Берҷандӣ аз ***Сувар-ул-ақолим*** нақл карда, ки Носири Хусрав подшоҳи Балх буда ва аҳли Балх бар вай хуруҷ карданд, аз он ҷо фирор қарор дода, ба Юмгон омада ва дар он ҷо ҳисни ҳасин ва қалъаи матин сохт ва дар ӯ имороти ғариба намуд…» [9, 31]. Аз он ҷумла ҳаммоме бино карда, ки ҳамаи банноёни олам дар таҳайюранд, ҷомаи хонааш мураббаъ аст ва мунаққашу мусаввар ба сувари ҳайвонот кардаанд ва дари ҳаммом пайдо нест ва бар ҳитонаш бисту чаҳор ҳалқа аст, ҳар ҳалқаеро, ки бикашанд, даре боз шавад ва қуббае пайдо гардад, мисли ҷомаи хонаи аввал, илло он, ки бар деворҳои он ҳафдаҳ ҳалқа

бувад ва ҳар ҳалқа, ки бикашанд, қуббае пайдо шавад монанди қуббаи аввал, илло он, ки бар деворҳои он нуҳ ҳалқа бувад ва ҳар ҳалқа, ки бикашанд, мисли қуббаи моқабл зоҳир гардад, илло он, ки ҳалқаҳои он ҳафт бувад ва ҳар ҳалқаеро, ки бикашанд, қуббае пайдо ояд ва дар ин қубба дари ҳаммом боз шавад… [9, 31]. Мутаассифона, китоби «Аҷоиб-ул-булдон» дастраси мо нагардид, вале ин нукта дар китоби «Сувар-ул-ақолим» вуҷуд надорад [ниг.: 25].

Дар ҷойи дигар низ омадааст: «Соҳиби ***Ҳайрат-ул-фуқаҳо*** мегӯяд, ки донишманде назди Туғонбек омада, сад ман орд талаб карда. Амир гуфта, ки «Масъалае мепурсам, агар тавфиқ рафиқи табъи дақиқи Мулло гашта, масъалаи маро ба таҳқиқ ҷавоб гӯяд, ҳазор манни дақиқу сӣ ҳазор динор медиҳам». Аз он ҷо, ки заъфи толеъ аст Мулло масъаларо надониста ва аз даргоҳи амири шафиқи маҳрум мурочиат намуда. Ва он масъала ин аст: «Шахсе дар ин олами фонӣ намонад ва аз вай заневу як бародари падармодарӣ ва бародарзане монад, ҳама моли он шахси мурда баъд аз мероси зани ӯ ба бародарзани ӯ мерасад ва бародари падармодариро ҳеч намерасад» [9, 79].

Сурати ин масъала он аст, ки падару писаре буда бошанд ва модару духтаре. Падар духтарро хоста ва писар модари он духтарро. Ва писари ин мардро писаре шуд. Ва он марду писар ҳар ду намонданд, писари писар монд, ки ҳам бародарзани ӯст. Зани ин мард ҳаштяк мебарад ва ҳафт саҳми дигар он писарро бошад, ки бародарзан аст падари падари худро… [9, 79].

Як хусусияти овардани сарчашмаҳо дар китоби Нисорӣ дар ин бахш он ки ӯ бо вуҷуди истинод кардан ба китобҳои фавқуззикр ба овардани нақлу ривоятҳо низ пардохтааст. Як қисми ин нақлу ривоятҳоро номи шахсиятҳои маъруф ташкил диҳад ҳам, қисмати дигараш бидуни ровӣ нақл мешавад. Масалан, дар қисмати зер аз номи Ҳасани Басрӣ нақле мухтасар зикр мешавад: «Ва аз Шайх Ҳасани Басрӣ, разийаллоҳу таъоло ъанҳу, манқул аст, ки гуфтааст, ки ҳазрати Айюб, ъалайҳиссалоту вассалом, ба Бухоро расидаанд ва аҳли Бухоро зиёфати эшонро некӯ намуданд ва эшон дар ҳаққи

аҳли Бухоро дуои бабаракат карданд. Баъзе бар онанд, ки қабри мутаҳҳари он ҳазрат, ъалайҳиссалом, дар Бухорост, ҳамон ҷо, ки машҳур аст. Ва баъзе гӯянд дар билоди Ҳиворон аст, ки аз музофоти шарқии Димишқ аст…» [9, 27].

Дар пораи зерини дигар бошад, нақл бидуни зикри исми ровӣ гуфта мешавад: «Нақл аст, ки беҳтарини коинот, ъалайҳи афзал-ус-салавот, дар шаби меъроҷ нури уламои Бухороро мушоҳида кардаанд, ки ба олами улвӣ сууд менамуда…» [9, 27].

Аксари нақлҳое, ки дар қисмати сарчашмаҳои иловагӣ оварда мешавад, бо як хусусият ба ҳам монанданд. Ин вежагӣ доир ба макон ва ё шаҳре будани онҳост. Чунончи: «Ҳарот ба фатҳи «ҳо»-ст ва ба касри «ҳо» машҳур шуда, дорулмулки Хуросон аст ва аз иқлими робеъ мешуморанд. Тулаш аз ҷазоири Холидот… мусаммо ба исми Бонӣ аст, ки яке аз умарои Наримон аст. Ва баъзе гӯянд Сикандари Зулқарнайн бино карда ва аз аъдали (муътадилтарин – З.М.) амкина аст ба қавли имом Фахри Розӣ. Ва назди баъзе аъдали амкинаи масокини хатти истивост ва дар он навоҳӣ соле ду баҳору ду тобистон ва ду тирамоҳу ду зимистон мешавад…» [9, 25].

Агарчи дар банди мазкур номи Фахри Розӣ ҳам омадааст, аммо бештар ҷанбаи нақливу ривоятӣ дорад. Мо дар қиёс бо маълумоти боло ба хеле китобҳои ҷуғрофӣ муроҷиат кардем, вале айнан аз куҷо ахзи маълумот кардани Нисорӣ таъйин нашуд. Фақат ин нукта, бидуни зикри чигунагии шакли навишти калимаи «Ҳирот» ва бо каме тағйирот дар китоби «Бустон-ус-саёҳа»-и Зайнулобидин ибни Искандари Шервонӣ ба назар расид [30, 105]. Ҳатто шеъри мазкур дар китоби Нисорӣ ҳам бо андак тағйир дар асари Шервонӣ дида мешавад:

*Гар касе пурсад туро: –Аз шаҳрҳо хуштар кадом?*

*Дар ҷавоб ар рост хоҳӣ гуфтан ӯро, гӯ: –Ҳарӣ* [30, 105].

Пас, маълум мешавад, ки муаллифи «Бустон-ус-саёҳа» ҳам маълумоти китобашро аз кутуби гузаштаи ҷуғрофӣ ахз карда будааст. Аз сӯйи дигар, маълум мешавад, ки Нисорӣ ҳам ба ҷуз улуми адабиву ирфониву динӣ, аз

улуми дақиқа, мисли ҷуғрофиё хеле баҳраманд будааст. Чунончи, ин нуктаро У.Назиров дар рисолааш оварда ва бо зикри иқтибоси мазкур дар бораи Ҳирот Нисориро ҳамчун олими ҷуғрофидон сутудааст [148, 53].

Дар баъзе мавридҳо бошад, метавон ба нақлҳои вобаста ба Паёмбари Ислом рӯ ба рӯ шуд, ки ҷанбаҳои динӣ доранд. Ин гуна нақлҳо, ки ҳадафи онҳо ба таври равшан таъкид кардани аҳаммияти руҳонӣ ва таърихии шахсиятҳо ё воқеаҳои динӣ мебошанд, ба хонанда паём ва таълимоти ахлоқӣ мерасонанд. Масалан, дар як ҳикоят дар бораи Паёмбар (с) ва ёрии Ҷабраил (а) оварда мешавад, ки як хурмо аз биҳишт барои яке аз умматони оянда бо номи Аҳмади Ясавӣ муқаррар шудааст. Ин ҳикоят, ки дар худ ҷанбаи ахлоқии «баргардондани амонат ба соҳибаш»-ро дар бар мегирад, на танҳо ҳамчун як ривояти мазҳабӣ хизмат мекунад, балки инчунин талош дорад таъкид кунад, ки ҳар чиз дар зиндагӣ бояд ба соҳибаш расонида шавад [9, 297].

Ин гуна нақлҳо барои таъкиди аҳаммияти эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва содиқона иҷро кардани вазифаҳо дар ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ накши муҳим доранд. Дар чунин ривоятҳо инчунин ишора баояндаи таърихӣ ё шахсиятҳои бузург дар дин карда мешавад, ки онҳо бояд дар шароити муайян ё бо мақсади махсус пайдо шаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки маънавияти баланди ривоятҳо ба ҳаёти муосир ва дарки ахлоқӣ пайваст карда шавад [9, 194]. Ҳазрат, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам, он хурморо ба дасти муборакі худ дар даҳани Бобо Арслон ниҳодаанд ва оби даҳани муборакі мутаҳҳари худ дар он андохта, филҳол бар рӯйи хурмо пардае зоҳир шуда ва аломати маърифати Султонро ба эшон таълим намудаанд ва ба тартибаш амр фармуда… [9].

Вале агар ин нуктаро канор гузорем, бояд зикр шавад, ки аксари ривоятҳо бо маконҳо ва тавзеҳи онҳо иртибот доранд. Барои мисол, дар бораи шаҳри Балх мехонем: «Балх аз иқлими чаҳорум аст… Ва гӯянд Каюмарс бино ниҳода ва Таҳмурас ба итмом расонида ва Луҳросб таҷдиди имораташ карда. Баъзе гӯянд Билох ибни Ахнух бино карда ва баъзе бар

онанд, ки Манучеҳр ибни Эраҷ ибни Фаридун Фаррух бино карда ва ало ихтилоф-ил-аҳвол касеро дар қадимии Балх сухан нест ва Балхро «Қуббат-ул-ислом» ва «Умм-ул-билод» ва «Ҷаннат-ул-арз» ва «Хайр-ут-туроб» меноманд…» [9, 36]. Бештари ин гуна маълумоти Нисорӣ, чунонки мо аз кутуби соҳавӣ ҷустуҷӯ кардем, аз якчанд китоби ҷуғрофӣ ҷамъ омадаанд. Масалан, ин нукта, ки шаҳри Балхро биношуда аз дасти Манучеҳр ибни Эраҷ медонанд, аз китоби «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод»-и Закариёи Қазвинӣ иқтибос шудааст [3, 331].

Аз ин навъ шуруҳ аст, ки муаллиф Ҳинду Синдро номи ду бародар аз авлоди Ҳом ибни Нӯҳ (а) [9, 48], таҷдид шудани бинои Каъбаро аз Абдуллоҳ ибни Зубайр [9, 55], аввалин кӯҳ будани кӯҳи Абуқайс [9, 12] ва ғайраро меорад, ки ҳеҷ кадом аз ин ривоятҳо асоси воқеӣ ва ё сарчашмаи баргирифташавӣ надоранд. Албатта, аз ин даст ривоятҳо дар кутуби ҷуғрофии гузашта хеле зиёд бошад ҳам, инҳо қобили эътимод нестанд. Ҳамчунин, аз якчанд сарчашма баргирифта шудаанд, ки кори шинохти дақиқи сарчашмаҳои ақидаҳои Нисориро якандоза душвортар мекунад.

### III.3. Тадовуми анъанаҳои тазкиранигорӣ ва таъсири Нисорӣ ба ҷараёни мазкур

Чунонки гуфта шуд, тазкираҳо дар рушду нумуи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, махсусан ҷараёнҳои мухталифи шеър, аз мақом ва аҳаммияти бузург бархурдор мебошанд. Маҳз рушди бисёр ёфтани шеър ва дар ҳар гӯшае аз манотиқи тоҷикнишин пайдо шудани шоирон сабаб шуд, ки тазкираҳои мухталиф ба миён биёянд. Аз ин миён, тазкиратушшуароҳо мақоми бузург доранд. Онҳо дар навбати худ сабаби пойдориву густариши забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ берун аз қаламрави кишварҳои форсизабон, ба мисли Шибҳи Қораи Ҳинд, Осиёи Сағир, Озарбойҷон ва ғайра гардиданд ва дар даврони салтанати хонадони Ғазнавӣ, Хоразмшоҳӣ, Темурӣ ва Шайбонӣ тараққӣ ёфтани ин падидаро ба мушоҳида мегирем. Донишмандону муҳаққиқони

адабпажуҳ ва муаррихону мусташриқон даврони тиллоии онро ба замони ҳокимони хонадони Темуриёни Ҳинд – Акбаршоҳу Шоҳиҷаҳон ва Аврангзеб нисбат додаанд [35, 329-330; 38, 8-25]. Ин падида ба назари мо, дар О.М. дар охирҳои даврони салтанати Темуриён шакл гирифта, сипас ба дигар шакл ба минтақаҳое, ки салотини темурӣ ба он кӯч бастанд, интиқол ёфту рушд намуд. Дар оғози салтанати Шайбониён донишмандоне, чун Нисорӣ ва Мутрибӣ кори пешиниёни худ – Давлатшоҳи Самарқандӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигаронро идома дода, ба таълифи тазкираҳои хусусӣ пардохтаанд. Ин падида тазкиранигориро дар минтақаи О.М. хоссият бахшид ва тазкиранигорон зимнан аз умумигӯиҳои пуртакрор раста шуда, шарҳи ҳолу намунаи ашъори садҳо суханварони нав ва тавассути ин тазкираҳо зиндамондаро ба риштаи таълиф даровარданд. Бо ин кор, пояҳои муҳимтарини рушд ва таквини забону адаби форсӣ-тоҷикиро низ тазкиранигорон мустаҳкам гардонидаанд. Аз ин лиҳоз, тазкираҳо барои шинохти суханварону адибон ва орифон, ҷойгоҳу сабки сухани онон ва ошноӣ бо назари интиқодии тазкиранигорону ҳамзамононашон, нисбат ба ашъори суханварони гузаштаву муосир, байни дигар навъи осори илмӣ-адабӣ аз арзиши воло бархурдоранд. Дар партави ин гуфтаҳо метавонем ба гуфтаҳои А.Нақавӣ истинод кунем, ки мегӯяд: «Тазкиранигор, на танҳо ашъори шоирро нақл мекунад, балки шарҳи ҳоли онҳоро ҳам менависад ва гоҳе ановини осору таълифоти ҳар шоирро дар зайли шарҳи ҳоли вай зикр намуда, дар бораи он ба ихтисор баҳс мекунад ва гоҳо дар зимни нақли ашъор назари интиқодии худ ва дигаронро дар хусуси гӯяндаи он осор низ зикр мекунад» [94, 1-5]. Чунин хусусияти сарчашмавии тазкираҳо ба адабиётшиносон имкон медиҳад, ки на танҳо аз шарҳи ҳол ва замони зиндагии шоиру намунаи осори ӯ, балки аз авзои илмӣ-иҷтимоӣ ва адабии марбут ба замони шоир низ қадре огоҳӣ пайдо намоянду тасаввуроте доир ба равандҳои адабии замони шоир низ дошта бошанд.

Тазкираи Нисорӣ аз зумраи тазкираҳоест, ки баробари таъсирпазирӣ аз китобу рисолаҳои гуногун ва истинод ҷустану далел овардан аз онҳо, ба як

гурӯҳ сарчашмаҳо низ таъсир гузоштааст. Яке аз маъруфтарин манбаҳое, ки аз «Музаккири аҳбоб»-и Нисории Бухороӣ илҳом гирифтааст, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ мебошад. Мутрибии Самарқандӣ, ки аз шогирдони Нисорӣ ба шумор меравад, ба гуфтаи Алӣ Рафаии Аламарвдаштӣ — муҳаррири матни илмӣ-интиқодии «Тазкират-уш-шуаро» — маҳз бо дастгирӣ ва роҳнамоиҳои Нисорӣ дар шеър ва шоирӣ ба муваффақият ноил шудааст [34, 32]. Ин фикрро адабиётшиноси тоҷик У.Назиров низ тасдиқ намуда, аҳамияти тазкираи Мутрибии Самарқандиро дар равшан кардани масоили мураккаби адабиёти даврони ӯ муҳим арзёбӣ менамояд [88, 33]. Вай махсус таъкид мекунад, ки Мутрибӣ дар навиштани тазкирааш комилан пайрави устоди худ, Нисорӣ, будааст [148, 88].

Чунонки зикр шуд, тазкираи «Музаккири аҳбоб» аз шумори тазкираҳоест, ки танҳо шарҳи ҳолу намунаи осори суханварони муосири муаллифро фаро гирифтааст. Мутрибии Самарқандӣ ҳам, ҳангоми таълифи асари худ ба ин хусусияти асари устодаш такя кардааст. Пас, дуруст мешавад, ки таъсирпазирии китоби Мутрибиро дар ду зовия баррасӣ намоем. Яке, ин ки аз назари сохтор ва тақсимбандии маводи асар ва дигар аз назари сабти шарҳи ҳоли шуаро.

Аз рӯйи хусусияти аввал баррасии монандии ин ду сарчашма кори саҳлу сода нест. Барои он ки комилан ин ду асар аз ин дидгоҳ дар як сатҳ нестанд, вале қаробатҳои аҷибе доранд. Ба ин нукта баъзе муҳаққиқон ҳам ишора кардаву гуфтаанд, ки «Тазкират-уш-шуаро» аз нигоҳи сохтор ба худ монанд асаре надорад [150, 7]. Ҳол он ки падидаи мазкур асл дар китоби Алишери Навоӣ дорад, ки баъд аз Давлатшоҳи Самарқандӣ ба иншои тазкира иқдом кардаву бо тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис»-и худ равиши наверо дар тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ асос гузошт. Яъне, муаллифи мазкур баробари он ки махсусан доир ба ҳамзамонони худ маълумот медиҳад, дар сарлавҳаи ҳар як бахш дараҷаи ошноии худро низ бо онҳо баён медорад, то вақти истинод ҷустан пасинагон то кадом андоза дуруст будани онро ба инобат гиранд. Масалан, Алишери Навоӣ маҷлиси аввали «Маҷолис-ун-нафоис»-ро

«Зикри латоифи маходиме кардааст, ки дар охирзамони эшон буда, аммо ба мулозимати эшон мушарраф нашуда» [7, 6-24]. Маҷлиси дуюмро бошад, «Зикри латоифи ҷамъе кардааст, ки баъзеро дар сиғари син ба мулозимат расида ва ба суҳбати баъзе дар айёми ҷавонӣ мушарраф гашта…» [7, 25-51]. Ҳамин тавр, маҷлиси сеюмро зикри латоифи маходиме кардааст, ки баъзеро ба мулозимат расида ва ба шарафи қудуми баъзе аз эшон мушарраф мегардида» [7, 5288], маҷлиси чаҳорумро «Зикри фузалое карда, ки ба шеър мубоҳӣ набудаанд ва аз эшон дар либоси латоиф зоҳир мешуда» [7, 89-107], маҷлиси панҷумро «Зикри латоифи амирзодаҳо ва соири одамизодагони Хуросон аст, ки эшонро саломатии табъу истиқомати зеҳн боиси назм мешуда, аммо мудовимат намекардаанд» [7, 108-113], маҷлиси шашумро «Зикри латоифи фузало ва зурафои ғайримамолики Хуросон карда, ки дар замони ӯ будаанд ва ҳар кадом дархури ҳоли худ гуфтори ширин доштаанд ва соҳиби девон будаанд ва аввал аз аҳли Хуросон ибтидо карда» [7, 114-122] ва ғайра. Чунон, ки аз сарлавҳаҳои мазкур хам маълум мешавад, муаллиф асари худро бо назардошти чанд ҷиҳат тақсим кардаву шоирони мазкур дар онро ба дастаҳои муайян ҷудо намудааст. Якум, дараҷаи шиносоии худ бо шоирон, ки дар се бахши аввали асар дида мешавад. Дуюм, касбияти шоирон, ки дар маҷлиси чаҳоруму панҷуми асар дида мешавад ва сеюм, минтақаи шоирон.

Маҳз ҳамин падида, яъне ба қисматҳо ҷудо кардан ва аз рӯйи дараҷаи шинохту қаробати худ баҳо додан ба эҷодиёти шуароро аз тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» аввал соҳиби «Музаккири аҳбоб» ва сипас Мутрибии Самарқандӣ низ ба вом гирифтаанд. Аммо зикри ин нукта, ки ҳам Нисорӣ ва ҳам Мутрибӣ комилан пайрави ин сарчашма будаанд, чандон дуруст нахоҳад буд. Яъне, бо он ки Нисорӣ дар таълифи асараш ба устухонбандии хосе диққат медиҳад, дар баъзе маворид пайрав ба кори пешиниён низ будааст. Пас, аз ин нуқтаи назар, Мутрибӣ ҳам ба устоди худ пайравӣ карда, баъзе қисматҳои китобашро мустақил ва бидуни таассур ва баъзеи дигарро комилан дар равиши кори дигарон созмон додааст. Пайравии ин ду

тазкиранигорро ба кори Алишери Навоӣ махсусан дар хусусияти ишора кардан ба кадом андоза ошно будани тазкиранигор ва шоири мазкур дар он дида метавонем. Сохти тазкираи Нисорӣ дар номгузорӣ ва ҷобаҷомонии шуаро аз кори «Тазкират-уш-шуаро» дар умум фарқ кунад ҳам, Мутрибӣ бисёр усулҳои таълифи устодашро ба кор мегирад. Масалан, қисматҳои китобҳои мавриди назар аз нигоҳи шуморишу номгузорӣ фарқ кунад ҳам, аз назари муҳтаво тафовуте надорад. Нисорӣ китобашро дар қолаби дебоча (муқаддима), мақола, чаҳор боб ва як хотима рехта ва Мутрибӣ бошад, асарашро бо муқаддима ва ду фасл ҷамъбаст мекунад. Аммо қисмати «Мақола»-и тазкираи Нисорӣ ва фасли аввали китоби Мутрибии Самарқандӣ тақрибан дар як оҳанганд. Чунончи, «Мақола» «Дар баёни аҳволи мулук» буда, муштамил бар ду рукн (қисмат) аст ва рукни аввал «Дар баёни салотини чингизхонӣ (Шайбонӣ)» ном дорад. Он низ дар навбати худ ба ду фасл ҷудо шуда, дар бораи султонҳои чингизхонӣ, ки дар қайди ҳаёт будаанду гузаштаанд, мебошад [ниг.: 18, 10-44]. Рукни дувум низ айни ҳамин масъаларо дар мавриди салотини чағатоӣ фаро мегирад [ниг.: 18, 46-67]. Яъне, Нисорӣ умарои шоирпешаи шомили тазкираашро дар қолаби қаробату наздикии худ ба онҳо баҳогузорӣ менамояд. Ин падида дар китоби Мутрибии Самарқандӣ низ дида мешавад. Чунончи, фасли аввали китоби ӯ низ шарҳи ҳоли салотин ва умарои шоирпеша буда, аз се қисмат, ки муаллиф онҳоро «исм» номгузорӣ кардааст, иборат мебошад. Исми аввал «Дар баёни алқоби ҳумоюн ва авсофи маймуни хусравоне, ки муаллиф ин авроқи эшонро дида, ба иззи мулозамат муаззаз гардида», исми дувум «Дар баёни аҳволи подшоҳоне, ки муаллиф эшонро дида, фааммо мушарраф ба шарафи мулозамат нагардида» ва исми савум «Дар зикри салотине, ки муаллиф эшонро надида, балки авсофи эшонро аз ғайре шунида» [18, 129] ном дорад. Пас, аз ин манзар, иқтибоси овардаи мо аз мусташриқи рус – Б.Норик, ки тазкираи Мутрибии Самарқандиро аз назари сохту таркиб бемонанд гуфта буд [150, 7], чандон ҳукми мутлақ нест. Чунки аз нигоҳи муҳтаво қисмати «Мақола»-и «Музаккири аҳбоб» ва фасли аввали «Тазкират-уш-шуаро» яканд

ва ҳар ду тазкиранигор дар ин қисматҳо аз шахсиятҳои ҳокимоне, ки ба шеъру адабу илм шавқ зоҳир мекардаанд, суҳбат мекунанд. Мутаассифона, ба ин нуктаҳо муҳаққиқи ӯзбекистонӣ – Махфират Қурбоналиева, ки роҷеъ ба хусусиятҳои тазкираи Мутрибии Самарқандӣ кори ҷомеи судмандро барои адабиётшиносӣ анҷом додааст, ишора намекунад. Ӯ ҳатто дар қисмати «Манобеи муҳимтарини «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ» [148, 116-128], ки доир ба таъсирпазирии Мутрибии Самарқандӣ аз китобҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ ва «Музаккири аҳбоб»-и Нисории Бухороӣ баҳс анҷом медиҳад, таъсиргузории Нисориро танҳо аз маҳзари шарҳи ҳоли шуаро ба риштаи таҳқиқ мекашад [148, 123-127]. Дар ҳоле ки кори асосии таъсиргузории Нисорӣ ба таълифи мавриди назари Мутрибии Самарқандӣ дар сохтори тазкираҳо намоён мешавад.

Кори фаслҳои китобҳои мавриди қиёси мо низ бад-ин минвол сурат мегирад. Яъне, дар фаслҳо ҳам меъёри асосии муаллифон ба як нукта – дидан ва ё надидани шоирон ҷамъбаст мешавад. Китоби Нисорӣ ба чаҳор боб тақсим мешавад ва ҳар чаҳор боб бар чаҳор фасли дигар. Ҳар боб шоиронро асосан бар ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Яке ин ки муаллиф бар хидмати ин шоирон расида ва дигар ин ки муаллиф эшонро надидааст. Чунончи, боби сеюми тазкира ба ин фаслҳо тақсим мешавад: Фасли аввал: «Дар зикри шуарое, ки фақир эшонро дида ва ба синни шайхухат расида, дар Бухоро сокинанд», фасли дувум: «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро мулозимат карда ва ба синни шайхухат расида ва дар ғайри Бухоро сокинанд», фасли севум: «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро мулозимат карда, аммо ба синни шайхухат нарасидаанд ва бар Бухоро сокинанд» ва фасли чаҳорум: «Дар зикри ҷамоате, ки фақир эшонро дида ва ба синни шайхухат нарасидаанд ва дар ғайри Бухоро сокинанд». Фасли тазкираи Мутрибии Самарқандӣ низ ба нуктаҳои зерин тақсим мешавад: нуктаи аввал: «Дар зикри афозиле, ки муаллиф эшонро дида ва мулозамат намуда ва ашъори дурарнисори эшонро бе воситаи ғарибе фаро гирифта», нуктаи дувум: «Дар

зикри фузалое, ки муаллиф эшонро дида, аммо мулозамат нанамуда ва ашъори эшонро аз ғайре шунида», ва нуктаи савум: «Дар зикри шуарое, ки муаллиф эшонро надида ва ашъори эшонро ба восита шунида». Нуктае, ки дар миёни фаслҳои ин ду асар фарқ мегузорад, ин ки дар тақсимбандии фаслҳои «Музаккири аҳбоб» макони фавти шуаро зикр мешавад, вале дар «Тазкират-уш-шуаро» ин падида вуҷуд надорад.

Як хусусияти дигари сохторӣ, ки дар ҳар ду китоб ҳам муштарак аст, ишора ба маводи берун аз мавзуи он мебошад. Яъне, вуҷуд доштани ишораҳои муаллифон доир ба макон, шаҳр, кӯҳ, ягон бино, таърих, ҳикоя, тавсифҳои пешиниён дар мавриди ягон шахсият ва амсоли ин вуҷуд дорад. Бештар аз ин даст нақлу ривоятҳо берун аз шарҳи ҳоли шоир бошанд ҳам, онро аз ягон ҷиҳат такмил медиҳанд. Чунончи, муаллифи «Музаккири аҳбоб» дар бораи Султон Убайдуллоҳхон маълумот дода истода, бо ҷумлаи *Ва дар таъмири Бухоро, ҳумийат ъан-ил-балойо, саъйи мавфур ба зуҳур расонида*, ба зикри мушаххасоти ин шаҳр мепардозад: «Бухоро шаҳри қадим асту саводи азим дорад ва аз иқлими хомис мешуморанд ва таъаллуқ ба Зуҳра дорад... Фавокиҳи бешумор дорад ва харбузааш бисёр хуб аст, агар муҳофизат намоянд ба харбузаи нав метавон расонид. Ва мазороти мутабаррика дар ӯ бисёр аст, батахсис аз силсилаи шарифаи Хоҷагон, қаддасаллоҳу таоло арвоҳаҳум ва чанд тори мӯйи ҳазрати Рисолатпаноҳӣ, саллаллоҳу ъалайҳи ва саллама, дар мақобири аиззаи Бухорост…» [9, 30-31]. Айнан ҳамин усули тарҷумаи ҳолнависӣ дар кори Мутрибии Самарқандӣ низ ба хубӣ мушоҳида карда мешавад. Ӯ низ зимни овардани тарҷумаи ҳоли Шоҳзода Улуғбек чунин ҷумлаҳоро ба риштаи таҳрир мекашад: «Ва тулу арзи ақолими сабъаро чунин дар силки тақрир кашидааст, ки: Ақолими аввал сездаҳ дараҷа аз хатти истиво фурудтар аст ва тули ӯ 3600 фарсанг ва арз 250 фарсанг ва хатти истиво аз ҷониби Судони Мағриб оғоз кунад ва дар шимоли кӯҳҳое, ки ба ҷиболи Қамар маъруф аст, бигзарад ва бар билоди Ҳабаша ва билоди Яман, чун Санъо ва Адан ва бар шимоли баъзе аз билоди Занҷ дар баҳри Ахзар дарояд ва бар ҷазираи Сарандеб бигзарад, то замини Чин. Ва

ниҳояти хатти истиво ба ҷазираест, ки ҳиндувон онро Ҷамкут хонанд ва хатти истиворо қуббат-ул-арз ва васати ақолим он ҷо бувад ва аз шаҳрҳое, ки дар иқлими аввал аст, Судони Мағриб ва баъзе аз вилояти Барбару Яман ва билоди Ҳабашаву Занҷ ва ҷазоири Ҳиндустон то ба ҳадди вилояти Чин» [18, 295].

Ба ин нукта таъсиргузории сохтории китоби Нисорӣ ба асари Мутрибӣ ба охир намерасад. Ҳанӯз нуктаҳои зиёдеро метавонем ин ҷо ном бурд, ки дар равиши иншои ин ду асар мавриди истифода қарор гирифтааст. Масалан, нигорандаи «Музаккири аҳбоб» дар чанд маврид ба суханон ва ё ягон воқеаи рӯзгори Паёмбар (с) ишора менамояд [ниг.: 9; 27; 180; 210; 302; 305 ва ғайра]. Айни ҳамин падидаро метавонем дар китоби Мутрибӣ низ ба мушоҳида гирем [ниг.: 18, 86; 89; 110; 133; 308; 378; 401 ва ғайра]. Бахши дигари монандии китобҳои мавриди назар сабти қиссаву ривоёт аст, ки ба шарҳи ҳоли шоир мустақиман тааллуқ надоранд. Чунончи дар китоби Нисорӣ чандин мавоқеъ аз ин даст истифодаи ривоятҳоро мебинем [9, 15; 21; 25; 42; 73 ва ғайра] ва дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибии Самарқандӣ низ дар таассур аз он ин падида зери сарлавҳаҳои «ҳикоят», «ривоят», «нақл аст, ки» ва амсоли ин зикр карда шудааст [18, 146; 151; 161; 169; 171 ва ғайра].

Бо ин ҳама, таъсиргузории Нисорӣ ба китоби Мутрибии Самарқандӣ дар қолаби сохтор маҳдуд нест, балки он яке аз асоситарин сарчашмаҳои иншои ӯ будааст. Бояд ба риштаи қайд дароямд, ки иддаи шоирон, ки ҳам дар Самарқанд ва ҳам дар Бухоро умр ба сар бурдаанд, шомили ҳар тазкира шудаанд. Ба ин гурӯҳ шоирони зиёде дохил мешавад, ки роҷеъ ба баъзеашон дар корҳои таҳқиқии пажуҳишгарон ишораҳои ҷолиб аст. Масалан, мусташриқ Б.В. Норик дар як мақолаи арзишманди худ доир ба рӯзгори ин ду шоир ва тазкиранигори номии О.М. таҳқиқот анҷом додааст [ниг. 151, 183-216]. Сабаби дар як нигошта ҷо додани ҳар ду дар он ҳам ҳаст, ки тазкираҳои Нисорӣ ва Мутрибӣ аз чанд ҷиҳат бо ҳам шабоҳати сохториву дарунмоявӣ доранд. Муҳаққиқ Махфират Қурбоналиева ҳам дар сарсухани «Тазкират-уш-шуаро», ки ба эҳтимоми МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» дар

Тоҷикистон ба нашр расид, чунин меоварад: «Аз рӯйи навиштаи Мутрибии Самарқандӣ ӯ назар ба маълумоти «Музаккири аҳбоб» аз гуфтору нақлҳои Нисорӣ дар тарҷумаи ҳолу нақлу накди ашъори суханвароне, чун Абулхайр Султон, Анҷумии Бухороӣ, Унсии Ӯротеппагӣ, Боқӣ Дарзии Бухороӣ, Пирбодии Кашмирӣ, Бӯрии Балхӣ, Чамании Яманӣ, Дуоии Бухороӣ, Толеии Самарқандӣ… ва Солеҳи Обомад истифода кардааст. Ҳамчунин, Мутрибӣ дар тазкираи худ дар мавриди ҷавобияҳои Нисорӣ ба ашъори суханварон ва муросилоти ӯро дар ин боб бо Дӯстум Султон, Муҳаммад Раҳимсултони Хоразмӣ, Латифии Ҳиравӣ, Муҳиббӣ Қулбобои Кӯкалтош, Файзии Ҳиндӣ, Шокирии Самарқандӣ ва Шарифи Самарқандӣ сареҳан баён кардааст» [63, 37].

Пас, дар зайл ба якчанд нуктаи монандии асари Нисорӣ ва Мутрибӣ аз назари таъсирпазирӣ дар нигошти шарҳи ҳоли шоирон баҳс мекунем. Гуфта шуд, ки тазкираи Нисорӣ аз назари сохтор ва муҳтаво ба китоби Мутрибӣ шабоҳат дорад. Ҳамчунин, «Музаккири аҳбоб»-и Нисорӣ ба ҳайси ягона сарчашмаи таҳқиқ дар замони худ сарчашма ва маншаи дигар манбаъҳо, аз ҷумла китоби Мутрибии Самарқандӣ будааст. Чунончи, дар иқтибоси охир исми иддае аз шоирон ишора гардид. Албатта, мо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонем Мутрибии Самарқандиро ҳамчун тазкиранигори сирф муқаллид баён кунем, зеро ӯ дар сабти ҳаёти шоирон нуктаҳои зиёдро илова кардааст. Умуман, дар шарҳи суханварон ду навъи таъсирпазирии Нисориро метавон мушоҳида кард: аввал, иқтибос ва рӯй овардани Мутрибии Самарқандӣ ба навиштаҳои устодаш ва дувум, такмил додани маълумоти Нисорӣ дар асоси далелҳои нав. Аз ин рӯ, нахуст ба чанде аз иқтибосҳои Мутрибӣ аз асари Нисорӣ ишора мекунем. Ин ҷо як нукта бояд алоҳида зикр карда шавад, ки шарҳи ҳоли Мушфиқии Бухороӣ айнан аз «Музаккири аҳбоб» ба тазкираи Мутрибӣ кӯчидааст [ниг.: 18, 463-464; 9, 271-272]. Соҳиби «Тазкират-уш-шуаро» қабл аз сабти шарҳи ҳол чунин навишта: «Мушфиқӣ аз шуарои муътабари беназир аст ва ашъори хушаш бениҳоят оламгир, хусусан абёти аҳоҷии ӯ аҷиб дилпазир. Аксар аз тавоифи аҳли оламро ҳаҷв карда, ғолибан махдумӣ Ҳасан

Хоҷаи Нисориро низ аз ин маъно холӣ нагузошта. Бино бар он, он ҳазрати махдумӣ дар китоби «Музаккири аҳбоб» аз аҳволи он ҷаноб ба қасру эъҷоз хабар додаанд ва ба зикри баъзе аз фазоили ӯ напардохта. Чун ин шикастабол иқтидо ба ҳолу маоли он соҳибкамол дошт, ба ҷиҳати он қалами мушкинрақам аз зикри макорими ахлоқи он ягонаи офоқ маъзур дошт ва он ҷӣ ҳазрати махдумӣ марқуми хомаи анбариншамома гардонида буданд, табаррукан зикр намуд» [18, 463-464]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Мутрибӣ ба эҳтироми устодаш, он маълумоте, ки дар мавриди рӯзгору ашъори Мушфиқӣ дошт, дар тазкирааш зикр накарда, маълумоти дар «Музаккири аҳбоб» сабтшударо интихоб кардааст. Сипас, он мухтасари шарҳи ҳоле, ки дар китоби Нисорӣ сабт ёфта буду ба таври зайл аст, меорад: «Аз шоирони пурзӯри машҳур аст. Дар гуфтани анвои шеър салиқаи некӯ дорад, қасоиди хубу ғазалҳои марғуб дорад ва дар ҳиҷо гуфтан ба тавре диққат менамояд, ки аз ҷодаи тақрир берун аст. Ва дар илми нуҷуму рамал вуқуфе изҳор мекунад ва дар ин айём кавкаби толеаш дар нитоқи саодат аз ҳубут ба сууд ҳаракат карда ва аз тариқи нақӣ (покӣ) дар хонаи фараҳ ба утбаи нусрат дохил шуда, дар ҷамоати фузало ба мансаби китобдорӣ муаззаз гардидааст ва аъдоро манкус дорад» [18, 266]. Сипас, як ғазали Мушфиқиро бо матлаи «*Чун насими субҳ дарёбад майи гулфомро, / Чини мавҷи гули садбарг созад ҷомро*» ва байти зерини ӯро овардааст:

*Ҷон нархи бӯсаи лаби шаккарфишони туст,*

*Савдо расидаасту шакар дар даҳони туст* [266, 266].

Аммо як рубоии Мушфиқиро, ки дар китоби Нисорӣ нақл шудааст, зикр намекунад. Рубоӣ ба иборати зайл аст:

*Шуд фасли баҳору мавсими сайр омад*

*В-аз пири муғон башорати хайр омад.*

*Печида ба сар шишаи май ҷомаи сабз,*

*Гӯё зи тавофи Каъбаву дайр омад* [9, 272].

Ба назари мо, маҳз ҳамин амали Мутрибии Самарқандӣ андак мақоми тазкираи ӯро ба поён мекашад. Барои он ки вазифаи ӯ, пеш аз ҳама, такмили

факту далелҳои Нисорӣ ва ё тазкиранигори дигаре аз рӯйи мантиқ мебошад. Ҳол он ки Мушфиқӣ аз шинохтатарин чеҳраҳои адабии замони муаллифони тазкираҳои мавриди қиёс мебошад.

Аммо агар аз ин гирумонҳо бигзарем, Мутрибии Самарқандӣ дар мавридҳои муайян ба номи китоби «Музаккири аҳбоб» ё муаллифони он борҳо зимни овардани шарҳи ҳоли шуаро ишораҳо мекунад. Ӯ дар шарҳи ҳоли Маъсумии Бухороӣ [18, 478], Ишқии Миртабиб [18, 550], Амир Ҳумоюн [18, 421] ва Ҳофизи Таниш [18, 560] ба «Музаккири аҳбоб» ишора карда, ки маълумоти ин зумра суханваронро Нисорӣ низ дар тазкирааш сабт кардааст. Бояд зикр намоем, ки Мутрибӣ шарҳи ҳоли Амир Ҳумоюнро дар даруни шарҳи ҳоли Юсуфи Ҳиравӣ ва шарҳи ҳоли Ҳофизи Танишро дар дохили зиндагиномаи Аршии Кешӣ меоварад. Аз рӯйи навиштаи Мутрибии Самарқандӣ ӯ назар ба маълумоти «Музаккири аҳбоб» аз гуфтору нақлҳои Нисорӣ дар тарҷумаи ҳолу нақлу нақди ашъори суханварони зиёде истифода кардааст. Ҳамчунин, Мутрибӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ дар мавриди ҷавобияҳои Нисорӣ ба ашъори суханварон ва муросилоти ӯро дар ин боб овардааст. Аз нигоштаҳои Мутрибӣ бармеояд, ки байни суханварони дар тазкирааш сабтшуда, Авҷии Бухороӣ, Анҷумии Бухороӣ, Пирбодии Кашмирӣ, Ҷандуии Бухороӣ, Давоии Бухороӣ, Ҳаётии Балхӣ, Маъсумии Бухороӣ, Нидоии Бухороӣ, Аршии Кешӣ, Шӯхии Бухороӣ, Шаҳиди Чармгари Бухороӣ, Таййибии Бухороӣ, Зотии Бухороӣ ва Заъфии Занднӯӣ аз мулозимону шогирдон ва нафароне буданд, ки назди Нисорӣ касби фазл намудаанд. Яъне, ин нукта ҳам яке аз меҳварҳоест, ки пайванди маънавии ин ду тазкираро нишон медиҳад.

Яке аз хусусиятҳое, ки таъсири «Музаккири аҳбоб»-ро дар ростои тазкиранигорӣ нишон медиҳад ва мақоми онро мушаххас месозад, он ки маълумоти овардаи ӯ доир ба бархе шоирон бисёр фарогир ва ҷомеъ мебошад. Иддае аз тазкиранигорон, ки доир ба ин ё он шоири бухороӣ маълумот овардаанд, ҳатто аз мавҷудияти он дарак надоштаанду ба сарчашмаҳои қаблӣ ишора намудаанд. Масалан, роҷеъ ба Кавкабии Бухороӣ

аз тазкираи «Риёз-уш-шуаро» мехонем: «Устод Кавкабии Бухороӣ – Аз ҷумлаи талаба аст. Амир Алишер зикри вай намуда ва навиштааст, ки дар мусиқию навохтани созҳо ва хондани оҳангҳо ягонаи замон буд. Ин рубоӣ ӯрост:

*Гар ёр ба номуносибӣ сайр кунад*

*В-аз кӯи салоҳ раҳ суйи дайр кунад,*

*Ғам нест, дило, чу ёр бемеҳру вафост,*

*Бо мо чӣ вафо кард, ки бо ғайр кунад?!*» [2, 631]

Яъне, Мавлоно Кавкабӣ шояд дар замони таълифи «Маҷолис-ун-нафоис» *аз ҷумлаи талаба* буд, вале дар замони ба қалам омадани «Музаккири аҳбоб» аллакай ба ҳайси як шоири донишвар ва мусиқишиноси нухбае шинохта шуда будааст. Чунончи, дар ин китоб шарҳи ҳоли ӯ ба таври муфассал зикр мешавад: Ва Мавлоно Кавкабии мазкур рисолае ба номи Убайдуллоҳхон тасниф кардааст ва аз таълифу иқоъ (вазни шеър дар мусиқӣ – З.М.) дар он сухан карда ва аз мабоҳиси абъоду аҷнос дар он оварда, дувоздаҳмақомро, ки аз зарби табақаи уло дар табақаи сония ҳосил шуда, шаш овоза назм карда ва куллиёте баста. Ва чунонки ҳамаи мусаннифон муттафиқ-ул-қавланд, дар таҳсини он амал. Ва он назм ин аст: Ғазал:

*Зи «Роҳи рост» гар оҳанг мекунӣ ба «Ҳиҷоз»,*

*Зи «Исфаҳон» гузаре ҷониби «Ироқ» андоз.*

*...Ба гӯши ҷон шунав аз Кавкабӣ, ки кард адо,*

*Ба чор байт даҳу ду мақому шаш овоз.*

Гӯянд, аз Ҳарӣ ба Машҳади Имом Ризо рафта ва дар бозгаштан ба дасти қуттоъ-ут-тариқ шаҳид гашта. Ва ин мақтаи ӯ бағоят хубу марғуб воқеъ шуда:

*Чун Кавкабии ҳайрон, шодам ба ғами хубон,*

*Ишқ аст маро пеша, ҳар кас ҳунаре дорад*» [9, 155].

